№4 (20) 2021

# НАВРУСТА

Маҷаллаи тарҷумонҳои ҷавон



НАВРУСТА

№4 (20) 2021

Маҷаллаи тарҷумонҳои ҷавони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ



САРМУҲАРРИР:
Ҷобир МАРДОНЗОДА

КОТИБИ МАСЪУЛ:
Насимбек ҚУРБОНЗОДА

ҲУРУФЧИН:
Ҳаётулло МУҶЕБУЛЛОЕВ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Нуъмонҷон ҒАФФОРӢ
ректори ДДОТ
ба номи С. Айнӣ

Абдуҷаббори СУРУШ
узви Иттифоқи нависандагон

Самиддин ҶОМАТОВ
мудири кафедраи
забони англисӣ

Соқиҷон СУЛТОНЗОДА
мудири кафедраи
забони фаронсавӣ



**Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

**Маҷалла ба хотири риояи чандандешӣ матлаберо низ нашр мекунад, ки бо муҳтавои он мувофиқ нест.**

**Дастнависҳо ва аксҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.**

**Нишонӣ: 734003**
**шаҳри Душанбе,**
**хиёбони Рӯдакӣ 121**
**Телефон: 224-55-06**

# Мундарича


**ТАҲҚИҚ ВА ТАҲЛИЛ ........................ 4**

Ғаффоров А.О. Иборахои феълии муносибати ҳолӣ бо пешояндҳои аслӣ дар насри асрҳои XV-XV1

**ПАҲНОИ НАЗАР .............................. 10**

Мусоҳиба бо Габриел Маркес

**ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲОИ ҶАҲОН ............................................. 16**

Зарбулмасалу мақолҳои арабӣ

**АНДАРЗИ БУЗУРГОН ...................... 18**

Биант

**АФСОНАҲОИ ХАЛҚҲОИ ҶАҲОН ... 20**

Мард дар болои дарахт

Гӯшанишин

Адибони бузурги ҷаҳонӣ

Ҷек Лондон

**ҚИССАҲОИ ДИЛАНГЕЗ .................. 24**

Франс Кафка «Масх»

Исоҷон Султон «Қисмат»

Марк Твен Чанд барге аз дафтари ёддошт

**ЭҶОДИ ҲАМЗАБОНОН ................... 88**

Маҳмуди Давлатободӣ «Оина»

**ШОҲКОРҲОИ АДАБИЁТИ ҶАҲОН ............................................. 94**

«Сад соли танҳоӣ»

**МАКТАБИ ТАРҶУМАИ .................... 104**

Чингиз Айтматов «Себи сурх»








**Ғаффоров А.О.**

# Ибораҳои феълии муносибати ҳолӣ бо пешояндҳои аслӣ дар насри асрҳои XV-XV1

Маълум аст, ки «ҳамаи муносибатҳои маънои ибораҳо ба таври умумӣ се гурӯҳи асосиро ташкил менамоянд:

а) атрибутивӣ (муайянкунандагӣ): ангури ширин, ду китоб, ҳамин шаҳр;

б) объектӣ (пуркунандагӣ): аз чарм дӯхтан, аз боғбон пурсидан;

в) детерминативӣ (ҳолӣ): дар мадраса нишастан, дар тобистон пӯшидан, дар дафъи вай тадбир кардан ва ғайра».

Дар доираи ҳар яке аз ин гурӯҳҳои семантикӣ боз тобишҳои зиёди маъноӣ мушоҳида мегардад.

Дар байни дигар гурӯҳҳои луғавию грамматикии ибораҳо ибораҳои феълӣ ҳам аз рӯи сохт ва ҳам аз рӯи маъно навъи бойтарин ва серистеъмолтарин ба шумор меравӣанд. Доираи истифодаи ҳам ҷузъи асосӣ (феъл) ва ҳам ҷузъи тобеъ аз бобати ҳайати луғавӣ бисёр васеъ мебошад.

Дар забоншиносии тоҷик ибораҳои феълиро аз нигоҳи ифодаи воситаи алоқаи наҳвӣ ба хелҳо ҷудо намуда, вобаста ба воситаи алоқа аз рӯи сохтор ва маъно баррасӣ кардани онҳоро тавсия додаанд.

Ибораҳои феълии алоқаи пешояндӣ дар насри асри XV1, ки муносибатҳои гуногуни наҳвиро ифода мекунанд, аз лиҳози миқдор зиёд ва аз ҷиҳати ифодаи маъно гуногун мебошанд. Яке аз ин воситаҳои алоқа пешояндҳои аслӣ мебошанд. Пешояндҳои аслӣ дар ташаккули ибораҳои феълие, ки дар байни ҷузъҳои он муносибатҳои ҳолӣ мушоҳида мегардад, серистеъмол аст. Вобаста ба маънои ҷузъи асосӣ ва ҳиссаи тобеъ ин пешояндҳо дар доираи ибораҳои феълӣ дар насри асрҳои XV- XV1 муносибатҳои ҳолиро бо тобишҳои маънои зер сурат додаанд:

1.Самти ҳаракату амал. Ба сифати ҷузъи асосии ин гуна ибораҳои феълӣ бештар феълҳои ҳаракат ва чун ҷузъи тобеъ исмҳои ифодагари макон ва ҷонишинҳои предметӣ омадаанд:

Чалабӣ ба хонаи Мавлоно Шайх Ҳусейн меравад…биё, ба он боғ равем. Ба Бухоро омадаанд…ба фалон деҳ мебояд рафт. Ва ҳеҷ намедонистем, ки ба куҷо меравем. Дар ин гуфтугӯ будем, ки мардум дар ҳаммом даромадан гирифтанд ва хабар ба касони Сайфи Сирроҷ расид. Дар сари ҳаммом бароварда ниҳоданду он ҷамоат маро дар лат кашиданд. Вобаста ба маънои феъл як гурӯҳи муайяни ибораҳои феълии пешояндӣ метавонанд дар шакли алоқаи пешояндӣ ва ё алоқи ҳамроҳӣ оянд. Дар китобҳои дарсии мактабҳои олӣ ва Грамматикаи

академӣ мисолҳои навъи «аз кӯча баромадан» зери алоқаи ҳамроҳӣ дода шудаанд ва, ба фикри мо, дуруст аст, зеро «афтидани пешоянд тарзи алоқаро тағйир медиҳад». Инчунин «гурӯҳбандии навъҳои алоқа аз рӯи шакли ифодаи онҳо сурат мегирад». Агар тобеъкунанда амалҳои натиҷаи ҳаракатро ифода кунад, дар таркиби чунин ибораҳои феълӣ омадани пешоянди ба ҳатмӣ аст:

Пешоянди аз дар яке аз вазифаҳои пешоянди бо роҳи самти ҳаракатро нишон додааст: аз роҳи Бағдод рафтан, аз роҳи Ҳиндустон мутаваҷҷеҳ шудан, аз бероҳа мутаваҷҷеҳи Нишопур шудан:

Бояд ки аз роҳи Бағдод равӣ ва Ҷунайдро зиёрат кунӣ. Аз роҳи Ҳиндустон ба зиёрати Каъба … мутаваҷҷеҳ шавем. Худойро шукри бисёр гуфтему аз бероҳа мутаваҷҷеҳи Нишопур шудем.

2.Муносибати ҳолии макон. Пешоянди дар бо исмҳои макone, ки эзоҳдиҳанда надоранд, маънои маконро ба таври умумӣ нишон медиҳад. Ибораҳои бо ин пешоянд аз рӯи миқдор зиёд буда, аз ҷиҳати маъно гуногунанд. Доираи истеъмоли ин ибораҳо нисбат ба дигар навъи ибораҳо хеле васеъ мебошад. Доираи ҳам ҷузъи асосӣ ва ҳам ҷузи тобеъ дар ин қабили ибораҳо фарох аст. Ба сифати ҷузъи асосӣ одатан феълҳои ҳаракат ва амалашон натиҷанок аст, омада метавонанд. Ин ибораҳо нишон медиҳанд, ки амал дар дохили предмет воқеъ гардидааст:

Қазвинӣ дар хонаи худ даромад. Дид, ки касе аз хонааш берун меояд. Аммо Хадичабегим дар боғи шаҳр даромад. Аз баландӣ дар поён ғалтонданд. Ба муҷарради хондани ин рубоӣ шӯре дар маҷлис афтода ва подшоҳро кайфияте даст дод.

Исматуллоев М. дуруст қайд кардааст, ки дар забони тоҷикӣ як гурӯҳи феълҳо ҳастанд, ки «моҳияти лексикӣ ва грамматикии онҳо дар ҷумла дар сурате (пурра-А.Ғ.) муайян мегардад, ки агар онҳо бо худ пуркунанда ё ҳол дошта бошанд». Чунин феълҳо объекти бевосита ва ҳолро ҳатмӣ талаб мекунанд:

Найро ба даҳон мондавя. Зарфҳоро ба хазинаи подшоҳ бареd

Гурӯҳи муайяни ин қабил ибораҳои феълӣ ибораҳои феълии мураккаб мебошанд:

Амир Алишер дар сари хиёбони Ҳирот қариб ба тахт тарҳи иморати работе андохта буд наздик ба гудастаи он ду манор занҷире бастанд.

Пешоянди аз якҷоя бо пешоянди то ба дар насри асрҳои XV-XV1, асосан, дар ифодаи муносибати макон истифода шудаанд ва то ба ба интиҳои макон таъкид мебахшад: Аз Моҳ то ба моҳист. Аз Қоф то ба Қоф

рафта буд. …аз мағриб то ба машриқ …иҳонат мерасонад. Аз масҷиди ҷомеъ то ба он ҷо расидам.

Истифодаи пешоянди аз якҷоя бо пешоянди бар , аз…бар дар насри ин давра маҳдуд аст: аз осмон бар замин омадӣ. Мир аз ханда бар замин афтид.

3. Муносибати ҳолии тарзу тариқат ва ҳолати иҷрои амал. Дар ибораҳои феълӣ дар насри асрҳои XV-XV1 пешоянди ба дар сурат додани ифодаи муносибати ҳолии тарзу тариқат ва ҳолати иҷрои амал низ серистеъмол аст. Ҷузъи асосӣбо феълҳои ифодагари амалу ҳаракат ва ҷузъи тобеъ бештар бо исмҳои маънӣ ифода ёфтааст:

Шайх ба таъҷил берун омаданд. Хоҷаи ман ӯро ба ҷавру ситам ҳалок кард. Эшонро ба зурӣ …берун оварда буданд. Мир ба ҳайбат овоз дод. Подшоҳ ба ханда гуфт.

Пешоянди бар муносибати ҳолии тарзи иҷрои амалро ифода карда, ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои амалу ҳолат омада, исмҳои ифодагари узви бадан чун ҷузъи тобеъ воқеъ мегарданд: Он мурда бар рӯй афтода буд. Ӯро бар дӯш ба берун бурданд.

4. Муносибати сababӣ бо тобиши тариқи иҷрои амал. Дар насри асрҳои XV-XV1 пешояндҳои аслӣ дар ташаккул додани ибораҳои феълӣ дар ифодаи муносибатҳои ҳолии сабаб бо тобиши тариқи иҷрои амал низ истифода шудааст. Ба сифати ҷузъи асосӣ исмҳои амалу ҳолатҳои гуногун ва чун ҷузъи тобеъ бештар исмҳои маънӣ ва масдар корбаст шудаанд:

… то авлиёи ман ӯро ба иллати он ба қассос кашанд… Аммо дар торикӣ роҳ ғалат карда, ба ҷониби дигар роҳ рафтем. –Шоҳо, шаҳриёро дар уқубат таъхир кардан ва дар сиёсат тавақкуф фармудан добу суннати салотин ва дар мисли ин муҳимот тааммулу тадбир намудан аз ҷумлаи воҷиботи дин. Бар аҳволи ман зор-зор гиристанд.

5.Муносибати ҳолии мақсад. Дар насри давраи тадқиқшаванда пешояндҳои аслӣ дар ташаккули ибораҳои феълии муносибати ҳолии мақсад серистеъмоланд. Ҳамчун ҷузъи тобеъ бештар феълҳои ҳаракату амали навъи рафтан, фиристодан ва чун ҷузъи тобеъ исмҳои моддию маънӣ истифода шудаaанд:

…ба дидани вай рафт …ба тавофи каъба эҳром баста буд. Ман ба қасд гуноҳе кардам…ба даъвои Абӯалӣ омадам…ба додхоҳӣ омадам. Эшонро ба меҳмондорӣ ба хона талабида. Салтанати худро дар халосии ту ба-эшон бахшам. Ман дар халосии он духтар тадбире кардам.

Дар он эҳтимом [у] саъйи тамом менамуд.

6. Муносибати ҳолии замон. Дар сурат доданиибораҳои феълии замонӣ пешояндҳои ба ва дар дар насри давраи тадқиқшаванда фаровон истифода шудааст. Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои гуногунмаъно ва чун ҷузъи тобеъ исмҳои ифодагари мафҳуми замону ҷараёни амал омадаанд:

Ба косаи аввал даъво кард. Махдуми дар тобистон ва зимистон қабои пурпунба мепӯшиданд. Дар ин асно шахсе тои Урмақӣ овард. Дар он шаб бар фақир яқин шуд, ки Мавлоно Ҳусейн Воизро мартабаи вилоят буда …вай дар ҳамон вақт пагоҳтар омада, он маконро шуғл намуда, чандон ҳаблу тааллул мекард,ки вақти дарси эшон фавт мешуд.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик, қайд мекунад Мирзоев А.-«доираи ифодаи муносибати замонӣ ба воситаи пешоянди дар бисёр васеъ мебошад. Исмҳое, ки бо ин пешоянд дар дохили ибораҳои феълӣ муносибати замониро нишон медиҳанд, аз рӯйи миқдор зиёд ва аз ҷиҳати маъно гуногунанд. Ба ин ҷо пеш аз ҳама исмҳои ченаки воҳиди вақт, номи фаслҳои сол, номҳои рӯзҳои ҳафта ва моҳ, исмҳои давраи синну сол, исмҳои ифодакунандаи мафҳуми умумии вақт, исмҳои ҳиссаи рӯзу шаб ва ғайра алоқаманд»

Исмҳои ченаки воҳиди вақт аксаран бо калимаи дигар эзоҳ меёбанд. Исмҳои рӯз ва шаб, аксар ҳиссаи шабонарӯз (ҳолат)-ро ифода намоянд, метавонанд бе эзоҳдиҳанда ба феъл тобеъ гарданд. Инъиқоди он дарс дар шаб буд. Ва боғбон нақл кард, ки дар шабҳо шамъе ба дасти маймун медиҳам. Подшоҳро гирдболише буд, аз атласи хитоии ҳафтранг, ки дар шаб ба болои он нишаста мутолаа мекард.

Агар ин исмҳо санаи муайян ё ченаки муайяни вақтро ифодагар бошанд, ҳамеша бо эзоҳдиҳанда меоянд: Ҳар сол дар рӯзи Наврӯз мефармуд. Дар рӯзи панҷшанбе ….мутаҳаррик гашта. Дар ҳамон шаб ба итмом расид.

7. Муносибати ҳолии андозаву миқдор. Дар ибораҳои феълии андозаву миқдор пешоянди ба дар насри ин давра хеле зиёд истифода шудааст. Ба сифати ҷузъи асосӣ бештар феълҳои навъи фурӯхтан, расидан ва чун ҷузъи тобеъ исмҳои гуногунмаъно, асосан, таркибу ибораҳои исмии бо шумора ва шумораҳо омадаанд:

Умри вай ба сад сол мерасид. Қимати ӯ ба ду ҳазор танга расида буд. Онро ба ду ҳазор танга харидорӣ менамуд. Чун ба даҳ расид. Умқаш ба дувист газ расида буд.

Дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дар ин қабил ибораҳои феълӣ ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои амалу ҳолат ва чун ҷузъи тобеъ исмҳои гуногунмаъно низ истифода шудаанд:

Туро ба қадре риоят ва тарбият хоҳад кард. Қуръонро ба ҳафт қироат ёд дорам… ба тамомӣ шарҳ дод. Аз вай ба ҷон ранҷид.

Ин гуна ибораҳои феълӣ дар насри ин давра бештар дар шакли мураккаб корбаст шудаанд. Ба сифати ҷузъи тобеъ дар ин мавридҳо калимаи модалии қариб бо пешоянди ба ва шумораҳо омада, миқдори тахминии ҳолатро ифода кардаанд:

Дар пеши тахти равон қариб ба даҳ ҷавон суроҳиҳои тилло ва нуқра … ба даст гирифта. Аз ғазалиёти Хусрави Деҳлавӣ ва ҳазрати махдумӣ қариб ба сад ғазал интихоб намуда шуд… қариб ба ҳазор кас ҷамъ шуда буд.

Пешоянди ба дар насри асрҳои XV -XV1 бо исмҳои гуногунмаъно омада, мутобиқ ва мувофиқи чизе иҷро шудани амалро ифода кардааст. Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои гуногун ва ибораҳои исмии бо шумора омадаанд: Ҳазрати Хоҷа давоту қалам ва қитъае коғаз пеши ин камина фиристоданд ва фармуданд, ки ин ҷома ба қомати шумо омадааст. Эй Мир, шумо чаро ба ояти Қуръон амал намекунед.

8. Муносибати ҳолии хилоф. Бо пешоянди ба ифода ёфтани муносибати ҳолии хилоф аз ҷониби муҳаққиқони забони адабии тоҷик қайд нагардидааст. Дар ин вазифа истифода шудани пешоянди ба-ро профессор Р.Ғаффоров дар шеваи ҷануби забони тоҷикӣ зикр карда, дар ин бобат ин шева анъанаи забони классикиро давом додааст-гуфта таъкид кардааст. Дарвоқеъ дар ифодаи муносибати ҳолии хилоф пешоянди ба дар насри ин давра ба назар расид. Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои амалу ҳолат ва чун ҷузи тобеъ исмҳои маънӣ омадаанд:

Ва ба ин ҳама бадбахтӣ ба Амир Алишер дар ғояти сӯи мизоҷ ва бадӣ буду Мирро бисёр иҳонатҳо мерасонид. Агар ба хилофи ин намоед аз куштани мо шуморо як фулус ҳосил нахоҳад буд.

Ҳамин тариқ, аз натиҷаи баррасии ин масъала ба хулосае омадан мумкин аст, ки ибораҳои феълие, ки тавассути пешояндҳои аслӣ ташаккул ёфтаанд, асосан ифодагари муносибатҳои ҳолӣ бо тобишҳои иловагии маъно мебошанд. Онҳо дар баробари ифодаи тобишҳои гуногуни маъно шаклу қолибҳои гуногун доранд, ки тавассути ҷузъҳо ва воситаҳои алоқаи грамматикӣ пайдо мешаванд.

# *Гуфтугӯ бо Гарсиа Маркес*



*Луис Суарес, маҷаллаи «Семпре»*

***- Адабиёти ба ном ҷодуӣ мансуб ба сарзамину миллатҳоест, ки дар зинаи пасти пешрафт ҳастанд. Агар ин кишварҳо аз нигоҳи иқтисодӣ рушд кунанд, ҷо дорад, ки ин гуна адабиёт дар Америкои Лотин ва дигар ҷоҳо, пас аз дастёбии бештар ба молу пул аз миён равад?***

- Адабиёти ба ном ҷодуиву сеҳрангези Амрикои Лотин, ки шояд аз реалиститарин адабиёти ҷаҳон бошад, дар ноҳияи фарҳангии кишварҳои ҳавзаи баҳри Кариб ва Бразилия бапайдо омад. Андешае роиҷ аст, ки гӯё рӯҳи ҷодуиро ба ин адабиёт унсури африқоии он ворид кардааст. Дар асл ин шеваи эҷод хеле куҳан мебошад. Шоҳкори нахустини ин адабиёт ёддоштҳои Христофор Колумб аст ва ин набиштаҳо он гуна фурӯрафта дар ҷаҳони пур аз рамзу рози ин сарзаминанд, ки ба назар чун афсона метобанд...

***- Ва ин сеҳру ҷоду пас аз Колумб чи гуна нашву нумӯ карду паҳн гашт?***

- Ин гуна: омадани ғуломони зангӣ, ки андешаву ангораҳояшон нерӯи саркашу тундрав дошт, ба шавқу ҳаваси бошандагони ин сарзаминро ба афсонаҳои ширину хаёлбофиҳои рангин таконе тоза зад, бо устураву достонҳои ҳиндиҳо, ки то омадани Колумб ин ҷо буданд, омезиш ёфт, бо нерӯи андешаи андалусиҳову бовари галисиҳо бар тани пиндорҳои мистикӣ ҷомаи нав бофт. Аз ин ҳама наметавонист чизи дигаре ҷуз он адабиёт ва мусиқиву рассомие, ки мо дорем, эҷод шавад. Оҳангҳои африқоӣ, кубиёӣ, калипсо, ё сурудҳои маросимии Тринидад бо адабиёти мо ҳамхуну ҳамтананд, бо нигораҳои Вилфиредо Лама низ. Чаро ки ҳама намоёнгари як падидаи эстетикӣ ҳастанд.

***- Ва рӯзе ки ниҳоди кор дар Амрикои Лотин дигаргуна ва дастёбӣ ба неъматҳои моддӣ беҳтар шавад, чӣ мешавад?***

- Ба андешаи ман аз ин ба пас сарнавишти ин падидаҳои фарҳангӣ на ба нашву нумӯи ҷомиа, балки ба чигунагии сохти он пайванд дорад. Ошкор аст, ки дар ҷомиаи сотсиалистӣ ин арзишҳо рушд мекунанд, нерӯманд мешаванд, зеро ба бовари ман сотсиализм ба суннатҳои фарҳангии мардум арҷ мегузорад, ба онҳо ҷило ва обуранги тоза медиҳад. Умед дорам, ки дар Кубо чунин хоҳад

шуд.

***- Имрӯз аз боби хидматгори давру замон ва ё озоду бениёз будан аз он дар адабиёту фарҳанг ва умуман зиндагӣ бисёр мегӯянд. Нигоҳи ту ба ин масъала чи гуна аст?***

- Мо, нависандагон, ночор будем солҳои зиёд бори гарони ин пурсишро рӯйи шона ниҳем. Ба пиндори ман хидматгорӣ ҳаст ва бояд бошад, аммо он танҳо ба эҷодкор не, ба сиёсатмадору пизишку футболбоз ҳам дахл дорад. Он кас, ки ба умеди эҷоди як ҷомиаи озоду обод мехоҳад чеҳраи ҷаҳонро дигаргуна кунад, бояд хидматгори давру замон бошад. Вале ман ин гуна пурсишро хуш надорам, зеро он ногузир касро ба каҷфаҳмӣ мебарад. Борҳо гуфтааму боз мегӯям, ки барои мани нависанда хуб навиштан ҳамон қарзи инқилобист. Шарҳе беҳтар аз ин надорам...

Як бор Грэм Грин, ки ҳамроҳ дар осмони баҳри Кариб парвоз мекардем, гуфта буд, ки мо – романнависон одамони хирадманд не, «эҳсосӣ» ҳастем. Пас аз ин гап ман худро он гуна сабук ёфтам, ки ангор вазни танам гум шуд, зеро нисбат ба хирадмандон бадгумонии модарзоди дорам, ин вожа маро такон медиҳад ва ба онҳе ки худро хирадманд меноманд, бовар надорам. Ва албатта ин пиндорро дар ман мушкилоти тафсир бабор овардааст.

***- Пас, ба пиндори ту, хирадманд кист?***

- Ман паси ин вожа мавҷуде шигифтангезро мебинам, ки бофтаву ёфтаи бебунёдеро дар баробари зиндагии ростин мегузорад ва онро дар ҷомаи ҳақиқат дидан мехоҳад. Пайомади ҳамин аст нохушбинии ман ба ин гуна «хирадмандон» дар ҳама бахшҳои зиндагӣ, ба вижа дар сиёсат.

***- Чаро дар мо онҳоеро, ки чанд сафҳа беш нанвиштаанд, нависанда меноманд?***

- Мо – нависандаҳо ду гуреҳем; онҳое ки менависанд ва онҳое ки наменависанд. Онҳое ки наменависанд, бештар пеши рӯйи тӯдаҳоянд, маҷлисҳоро оро медиҳанд. Инак нависанда будан мӯд шудааст. Барои он ки дар мӯд монед, бояд ҳамеша миёни тӯда бошед; монанди актёри кино ё шаҳбонуи зебоӣ. Вале онҳое ки менависанд, ҳамеша аз чашм дуранд, зеро кор мекунанд.

***- Агар чунин аст, пас чаро касоне ки менависанд (дар***

***Амрикои Лотин), ҳамеша чун нависандаи як асар мемонанд?***

- Ба пиндори ман ҳар нависанда танҳо як китоб дорад, арчанд китобҳои зиёде набиштааст. Ин гап ба Балзак, Конрад, Мелвилл, Фолкнер, Кафка дахл дорад. Ҳар кадоме аз инҳо китобе болотар аз ҳама китобҳояшон доранд ва пеши мо ҳамчун нависандаи ягона китоб истодаанд. Сервантес чизҳои зиёд набишт, лек танҳо аз «Дон Кихот» мегӯянд. Барои ман беҳтарин набиштаҳои Сервантес новеллаҳои ӯянд, ба вежа саргузашти Видриера. Данте зеботарин чакомаҳоро сурудааст, вале «Мазҳакаи бемонанд» ӯро шӯҳраи ҷаҳон кард. Рабле, Милтон, Софокл, Толстой низ ҳамин сарнавиштро доранд. Аз ин миён овозаи ҷаҳону дӯстдори хонандагон гаштани Борхес, ки баргҳои парешони зиёде дорад ва ягон асари калон надорад, шигифтангез аст. Ва бояд бигӯям, ки маҳз дар Амрикои Лотин бар ин боваранд, ки нависанда метавонад эҷодгари як китоб бошад. Бубинед, Ромуло Галегос бо «Дона Барбара» овозадор гашт, ки ба ростӣ яке аз беҳтарин романҳои замон мебошад, вале китоби яктоии вай ҳамон «Кантакларо»аст. Мигел Анхел Астуриасро бо «Ҷаноби Президент» мешиносанд, ки ба пиндори ман аз систтарин романҳои дар кишвари мо эҷодшуда мебошад. Аммо «Ривояти Гватемала» ва дигар набиштаҳои хурдаш ӯро сазовор ба ҷоизаи Нобел гардониданд. Аз сӯйи дигар Хуано Рулфро сарзаниш мекунанд, ки чаро ӯ пас аз «Педро Парамо», ки аз зеботарин романи ба забони испониёӣ иншошуда аст, дигар чизе нанвишт. Ман ҳеч гоҳ аз нависанда намепурсам, ки чаро ӯ дигар наменависад ва боз агар ин нависанда Рулфо бошад, бештар худдорӣ мекунам. Агар ман «Педро Парамо»–ро набишта будам, дигар чизе наменавиштам.

***- Мегӯянд «Сад соли танҳоӣ» асарест, ки худи нависандааш ҳам наметавонад беҳтар аз он чизе бинвисад. Хоҳиши ин пиндорро рад кардан дорӣ?***

- Ин пиндорро ҳанӯз то иншои «Сад соли танҳоӣ» бо набиштани «Сарҳанги азёдрафта» рад карда будам. Шӯҳрати «Сад соли танҳоӣ» аз ин аст, ки зиндагии қаҳрамонони он бо зиндагӣ дар ҳама ҷойи ҷаҳон монанд аст ва нигориши пу-

робурангу равон ва андаке сабукборона дорад. Вале «Хазони умри падарсолор» бозёфти чашмгире дар адабиёт аст ва аз «Сад сол» бартарӣ дорад. Ман бар ин боварам, ки «Хазони умр» ҳамон китобест, ки намегузорад рӯйи номи ман гарди замона биншинад, дар ҳоле ки касе наметавонад ба ёд биоварад «сарҳанг Аурелиано Буэндиа» арбоби тахрихист ё номи кӯчае одӣ.

***- Оё ба ростӣ замоне нависандаҳои Амрикои Лотин сару садое дар ҷаҳон рехта буданд?***

- Ин сару садо пайомади дурусти ҳамон инқилоби Кубо буд. Рост ин аст, ки мо хеле пештар аз ин садоҳо низ менавиштем, лек дар кишварҳои дуру камбағали Амрикои Лотин касе моро намедид, овозамонро намешунид. Ман пас аз набиштани повести нахустинам «Баргрезон» чор сол чашмбароҳ будам, то онро ба ёд оранду чоп кунанд. Дигарон низ то он дам китобҳои хубе набишта буданд, лек танҳо пас аз инқилоби Кубо ин нависандагонро шинохтанд. Барои ин мо бояд аз Урупои дӯстдори навигариҳову навгониҳо сарфароз бошем. Урупоиҳо, ба вежа фаронсавиҳо, дӯстдорони сарсупурдаи инқилоби Кубо буданд. Онҳо бовар доштанд ин ҳамон инқилобест, ки орзӯяшро дар дил мепарвариданду сар заданашро сахт мехостанд.

Пас аз расидани овози инқилоб онҳо ба ҷустуҷӯи Кубо пардохтанд ва ногаҳ кишвареро бо номи Амрикои Лотин ёфтанд. Ва ба пажӯҳишу омӯзиш сар карданд. Ва дар миёни бисёр чизҳои шигифтангез адабиёташро низ дарёфтанд, ки то акнун аз буданаш ҳеч огаҳӣ надоштанд. Ва онҳо ба чопи китобҳои мо, ки борҳо ба чопхонаҳояшон омадаву рад шуда буд, пардохтанд.

***- Чаро чунон буду чунин шуд?***

- Зеро инқилоби Кубо барои мо хидмати мунодии баландсадоро адо намуд. Ва боз чизи дигар – зердастии фарҳангӣ, ки мо бошандагони Амрикои Лотин беш аз имрӯз дар панҷааш будем, созгорӣ кард. Ҳангоме аз Урупову Амрико хабари чопи китобҳо расиданд, ноширону адабиётшиносони худӣ ба ҷустуҷӯямон омаданд. Ва онҳое ки то дирӯз мегуфтанд, китобҳои мо арзише надоранд, инак бар он буданд, ки онҳо бисёр хубанд. Шигифтангезтар аз ин он аст, ки дунболи навидҳое ки

аз Порису Нюйорк мерасиданд, мо ба дастоварде бузург комёб гаштем: хонандаи Амрикои Лотин моро кашф кард, донист ӯ низ адабиёте доштааст, ки чун адабиёти кишварҳои дигар хонданӣ будаасту метавонистааст адабиёти он мардум низ бошад ва то дергоҳ чунин монад.

***- Гарсиа Маркес аз нависандаҳои писандидаи туст?***

- Гарсиа Маркес маро хуш меояд, вале он нависандае нест, ки дилам мехоҳад. Ӯ бештар писандам буд, агар худи ман набуду ба навиштани китоб саргарм намешуд.

***- Сиёсат, ба маънои умумиаш ва ҳамзамон ҳамчун як намуди пеша, пеши ту чист: рӯзкӯркунӣ, замони шоҳигарӣ миёни эҷоди ду асар ё сарчашмаи ширини илҳом?***

- Дарки ҳамдилӣ пеши ман, монанди оини муқаддаси динӣ назди рӯҳонӣ, ҷойгоҳи вежае дорад. Мехоҳам бигӯям, ҳар кас бо кору кирдораш дар назди башар масъул аст. Оне ки ин ҳақиқатро барои худ ошкор кардааст, андешаи сиёсиаш ба авҷи камол расидааст. Самимона мегӯям, ки бо ман чунин рафтааст ва ҳама корам дар зиндагӣ амали сиёсӣ аст.

***- Нигоҳи ту ба нависандагоне, ки корро ба фардо, то рӯзе ки тавонанд чизе сазовор бинвисанд, бозмегузоранд. Интизоми нависандигӣ пеши ту чист ва онро чи гуна мефаҳмиву бо он кор мегирӣ?***

- Нависандагӣ борест миёншикан. Ба ман чунин менамояд, ки бо гузашти замон ин бор дучанд мешавад. Рӯзҳое буд, ки меангоштам нерӯи эҷодӣ маро тарк гуфтааст, вале андак пас донистам, ки ин пайомади дарки масулияти сахт барои ҳар ҳарфи набишат аст, зеро инак ин ҳарф метавонад ҳамовозии бештар пайдо кунад, шумори зиёди одамонро ба сӯйи худ кашад.



# ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ АРАБӢ

1.Забон шамшери буранда асту сухан тири халанда.
2.Одамиро аз дилу забон мешиносанд.
3.Хомӯшӣ низ ҷавоб аст.
4.Касе, ки бисёр қасам хӯрад, бисёр дурӯғ мегӯяд.
5.Чалаки холӣ садои баланд дорад.
6.Гунги доно беҳ аз аблаҳи сергап.
7.Чоҳи холӣ бо шабнам пур намешавад.
8.Шиновариро дар хушкӣ намеомӯзанд.
9.То коса ба даст нагирӣ, сероб нашавӣ.
10.Шарики ту – душмани ту.
11.Хар хар аст, гарчи хазинаи султонро барад.
12.Хоҳӣ, ки дарахт чапа кунӣ, решаашро коб.
13.Аслиҳаи заиф шикоят аст.
14.Аз зиннати қафас парранда сер намешавад.
15.Агар дуои саг қабул мешуд, устухон меборид.
16.Як таҷриба беҳтар аз ҳафт насиҳатнома.
17.Ёрии сари вақт нишонаи ҷавонмардист.
18.Рост бигӯ, агарчи он зидди туст.
19.Дурӯғ дард аст, ростӣ давои он.
20.Дурӯғ гуфтӣ, онро дар хотир нигоҳ дор.
21.Бовиҷдон доим дар хоби роҳат аст.
22.Бо табар риш тарошидан беҳ, ки аз дигарон теғ пурсӣ.
23.Бо шарофати гул алафҳои бегона ҳам об мехӯранд.
24.Моҳ ҳам бе доғ нест.
25.Ҳамин ки бемор шифо ёфт, табибро фаромӯш мекунад.
26.Ғалаба бар нотавон шикастхӯрӣ аст.
27.Ду саг як устухонро тақсим намекунанд.
28.Муҳаббат пардаи айбҳост.
29.Дӯстӣ бо аблаҳ дарди сар аст.
30.Дӯст аз дӯст роҳи фоида намеҷӯяд.

31.Таънаи рӯйирост беҳ аз кинаи рӯйипӯш.
32.Дили пок доштан беҳ аз ҳамёни пур.
33.Қарз гирифтан ширин аст, баргардониданаш талх.
34.Сарват зиёд шавад, дӯстон ҳам зиёд мешаванд.
35.Бойи хасис мисли хачир аст, тилло мекашонаду каҳ
36.мехӯрад.
37.Сармоя одамро кӯр мекунад.
38.Камбағалӣ занҷири шайтон аст.
39.Ба тани луч ҳар курта мувофиқ аст.
40.Барои камбағалон кунҷора ҳалвост.
41.Касеро кӯҳна нест, нав ҳам нест.
42.Агар кӯза намешикаст, кулол аз гуруснагӣ мемурд.
43.Як ғам сабуктар аз дуто.
44.Агар аз падар мерос намонда бошад, ба амак умед набанд.
45.Саги аккосӣ намегазад.
46.Нагӯй, ки «ин ангур аст», то ба сабадат надарояд.
47.Оташ касеро месӯзонад, ки ба он даст расонад.
48.То наафтӣ, хестанро ёд нагирӣ.
49.Ҳар болоравӣ пастравие дорад.
50.Аввал харҷро ҳисоб кун, баъд даромадро.
51.Ками доимӣ беҳ аз зиёди дер-дер.
52.Ба одами сер хӯрок додан зарар расонидан аст.
53.Одат зӯртар аз таълим аст.
54.Ҳар кас кӯрпаро ба сӯи худ мекашад.
55.Хари худ беҳ аз аспи дигарон.
56.Дузди доно аз маҳаллаи худ дуздӣ намекунад.
57.Дастпона қимат, даст қиматтар аз он.
58.Хари зинда беҳ аз файласуфи мурда.
59.Шутур тилло мекашонад, вале хор мехӯрад.
60.Кирм дарахти лаби ҷӯйро дӯст медорад.
61.Некиро бе маслиҳат мекунанд.

# БИАНТ



Зиндагиаш дар солҳои 642-577 то милод будааст. Аз шумори «Ҳафт хирадманди Юнон» аст. Шарҳи ҳолаш ошкор нест, пораҳои ночизе аз зиндагиаш барҷой мондаанд. Мегӯянд ӯ ҳамзамони шоҳ Крез будааст ва ишғоли шаҳрҳои ионии Осиёи Хурдро аз ҷониби порсҳо дидааст.

Он замон миёни Самосу Приен ҷангҳои дароз мерафт. Дар ҷанги назди Дриусс приениҳо аз сӯи милетиҳо шикаст хӯрданд. Он гоҳ Биант ба Самос рафт ва тарафҳои даргирро ба муросо овард. Ин гуна ҷанг анҷом ёфт. Ҳангоми ҷанги дувуми мессенӣ Биант чанд духтарро аз ғуломии спартанҳо харид, онҳоро чун фарзанд тарбият кард ва ҳар кадомро бо ҷиҳоз назди падарон фиристод. Чанде пас моҳигирони отинӣ сепояе бринҷиро аз баҳр берун оварданд бо набиштаи «Ба хирадманд». Дар гирдиҳамоии мардум падари яке аз он духтарон аз накукориҳои Биант қисса кард ва гуфт «хирадманд» магар файласуф нест ва сепоя ба ӯ фиристода шуд. Биант набиштаи сепояро хонд, хирадманд Худост, гуфт ва ҳадяро напа-

зируфт. Дертар Биант бо роҳи ҳила шаҳрашро аз ҳуҷуми лидиҳо наҷот дод. Ақлу хиради Биант буд, ки Крез, шоҳи Лидия, ҷангҳои дарозро дар Осиёи Хурд бас кард, аз созмони флот даст кашид ва бо сокинони ҷазираҳои Иони муносибати дӯстона барпо кард. Он гоҳ ки порсҳо Приенро гирифтанд, бошандагони он осема бору бунаашонро пушт кардаву мерафтанд ва танҳо Биант буд, ки дасти холӣ ва

осуда дар кӯчаҳо мегашт. Рафтори файласуф шаҳриёнро дар шигифт карда буду мепурсидандаш, ки чаро вай чизе ҳамроҳ намегирад. Биант ҳамон андарзи машҳури худро гуфта буд: «Ҳама дороиям ҳамеша бо ман аст».

* * *

*Бо ақл пирӯз шав, на бо зӯр.*

* * *

*Ором сухан бигӯ, осемагӣ нишони беақлист.*

* * *

*Беҳтар аст миёни душманон довар буд то дӯстон, зеро пас аз ин ногузир яке аз дӯстон душман ва яке аз душманон дӯст хоҳад шуд.*

* * *

*Ба пурсиши «чӣ коре барои одам дилхоҳтар аст?» Биант посух дод: «Судхӯрӣ».*

* * *

*Сарватманди бехирадро ситоиш макун.*

* * *

*Бадбахт онест, ки наметавонад бадбахтиро паси сар кунад.*

* * *

*Оне ки дар киштӣ нишастааст, на дар шумори зиндаҳост, на дар шумори мурдаҳо.*

* * *

*Омади корро аз Худо дон, на аз худ.*

* * *

*Неруро ба кас табиат, дилсӯзӣ ба меҳанро ақлу хирад, сарватро тасодуф медиҳад.*

# ҶЕК ЛОНДОН



## ҶЕК ЛОНДОН
## (1876-1916)

Нависандаи номии Амрико Ҷек Лондон (номи аслиаш Ҷон Гриффит) аз ҷониби доираи васеи хонандагон хуш пазируфта шудааст. Муҳаббати ӯ нисбат ба мардуми меҳнатӣ, кӯшиш барои ҳақиқати иҷтимоӣ, нафрат ба худбипиву худпарастӣ ба фаҳмиши хонандаи демократии ҷаҳонӣ қпробат дорад. Ҳаёти нависанда на камтар аз ҳаёти қаҳрамононаш пур аз ҳаводис ва ихтилофоти тезутунд аст.

Ӯ 12-январи соли 1876 дар Сан-Франсиско дар оилаи фермер таваллуд ёфта, аз бачагӣ машғули корҳои гуногун гардида аст. Дар ибтидо чун рӯзномафуруш ва коргари фабрикаи консерв кор карда, сипас чун оворагард роҳҳои дарози Амрикоро барои пайдо намудани дастмузд тай намудааст. Ҷек Лондон дар ин оворагардиҳо аз тақдири ваҳмангези меҳнаткашони Америкаи капиталистӣ, ки бекорӣ боиси бехонумонии онҳо гардидааст, огоҳӣ пайдо намуд ва дарди онҳор дарк мекардагӣ шуд. Ӯ дар уқёнуси Ором низ шино намуда, борҳо касбу корашро тағйир дод ва соли 1897 ба Аляска рафт, ки каме пештар дар он ҷо тилло ёфта буданд. Ба ӯ имконияти дар ин кони парокандаи тилло сарват ҷамъ кардан пайдо нагардид, аммо таассурот аз муборизаи инсон бо табиати қаҳратуни Шимол барои ҳикояҳои нахустини ӯ чун мавод хизмат намудаыд. Ҷек Лондон соли 1899 ба нашри ҳикояҳое дар мазӯъи Шимол сар кард, ки он ҳикояҳо дар маҷмӯаҳои «Бачаи гург» (1900), «Худои падарони ӯ» (1901) ва «Фарзандони Сармо» (1902) ба табъ расидаанд.

Бо эҷоди ҳамин ҳикояҳо Ҷек Лондон чун чеҳраи эҷодӣ эътироф гардид. Қаҳрамони ҳикояҳои ӯ мардони фидоӣ ва муборизоне ҳастанд, ки дур аз шаҳр, дур аз дунёи пастиву дуздӣ ҳаёт ба сар мебаранд. Онҳо шахсони ҷасур, пурқувват ва дар дӯстиву вафо устуворанд.

Қаҳрамони ҳикояи «Сукути сафед» Мезон аз ҷумлаи чунин инсонҳо буда, ҳангоме ки ӯро дарахт пахш мекунад, аз нобуд шуданаш дар биёбони барфӣ наҳаросида, аз ҳамсараш ва рафиқаш Кид талаб менамояд, ки барои ӯ шуда ҳаёташонро дар хатар нагузоранд ва ӯро ба ҳоли худ монда ба сӯи истиқоматгоҳи инсонӣ роҳ пеш гиранд. Ҳамин қаҳрамон, яъне Мелмут Кид дар ҳикояи

дигари нависанда «Барои онҳое, ки дар роҳанд» бо дарки ҳақиқат ва эҳсоси ҳамдардӣ ба онҳое, ки аз зӯроварон ва сарватмандон ранҷидаанд, пайдо ва тасвир мешавад.

Қаҳрамони ҳикояи «Зани қавиирода» зани орому ботамкин Пассук, ки эҳсоси қавии муҳаббатро дорад, аз гуруснагӣ ба хотири он ҷон медиҳад, ки шавҳари ӯ тавонад роҳи пурхатарро ба поён расонида, ба одамон дар бораи шаҳраки ба гуруснагӣ гирифтор шуда хабар диҳад. «Дар талоши ҳаёт» аз асарҳои шӯҳратёфтаи Ҷек Лондон буда, дар он устувории характери қаҳрамон ва шуҷоати инсонӣ мавқеъ дорад. Ҳамин мардонаги ва устуворӣ ба инсони бемадору мурдаистода имкон медиҳад5 ки дар мубориза алайҳи гург ғолиб ояд. Дар як қатор ҳикояву повестхои Ҷек Лондон аз қабили «Дандони сафед», «Даъвати ниёгон», «Майкл бародари Ҷерри» дар қатори одамон ҳайвонҳо чун қаҳрамон амал мекунанд, ки нависанда бо ҳисси муҳаббат ва фаҳмиши амиқ ба риштаи тасвир кашидааст.

Ҷек Лондон, ки қашшоқӣ ва азобҳои бекориро аз сар гузаронида буд медонист, ки инсон на танҳо бо табиати вазнини биёбон мубориза барад, балки эҷодиёти ӯ баёнгари таҳлука ва ноором ӣ аз он аст, ки чӣ тавр озодии шахсии инсонҳо барқарор гардад. Ӯ соли 1985 ба ҳизби сотсиалистии коргарии Америка дохил шуд ва солҳои 1901-1916 узви ҳизби сотсиалистии Америка буд. Аз соли 1910 фаъолияти сиёсӣ даст кашид ва дар охири умраш аз сафи ҳизб низ баромад.

Мубориза алайҳи ноҳаққӣ ва ноадолатии иҷтимоӣ, огоҳӣ аз инкилоби сотсиалисти мазмуну мӯҳтавои романи «Панҷаи пои оҳанин» - (1907)-ро ташкил медиҳад, ки дар замонаш коргарони мамлакатҳои зиёд бо шавқ мехонданд. Дар роман нависанда боварииеро баён месозад, ки новобаста аз шикасти муваққатӣ Инқилоби сотсиалисгӣ бояд аз болои ҷаҳолати иҷтимоӣ ғалаба кунад. Дар ин асар дурӯғ ва бофта будани озодии демократӣ дар Америка фош карда шуда, ногузирии сотсиализм таъкид мешавад.

Муаммои аҳволи нависандаи ҳақиқӣ дар ҷамъияти буржуазӣ барои Ҷек Лондон хосатан наздик буд. Ба тақдири фоҷиавии нависандаи аз миёни халқ баромада новобаста аз он, ки дар охир соҳибшӯҳрат ва сарватманд гардидааст, яке аз асарҳои беҳтарини Ҷек Лондон романи «Мартин Иден» (1909) бахшида шуааст. Пеш

аз таълифи ин роман Ҷек Лондон бо эҷодиёти нависандаи рус М. Горкий ва хусусан романи ӯ «Фома Гордеев» шиносоӣ доштааст ва баъди ин дар эҷодиёти ӯ масъалаи ҳимояи мазлумон бештар мавқеъ пайдо мекунад. Ҷек Лондон таъкид менамояд, ки нависанда ба тасвири ҳақиқати дурушти зиндагӣ ҳуқуқ дошта, ба ҳаёти фаъолона дахолат карда метавонад.

Қаҳрамони романи «Мартин Иден» намояндаи халқ буда, бо баҳои заҳмат ва худфидоӣ тавонист орзуи худро амалӣ созад, яъне нависанда шавад. Ба санъати дурӯғини буржуазӣ, ки ҳақиқати ҳаётро таҳриф мекунад, Мартин Иден эҷодиёти реалистиашро муқобил мегузорад. Қаҳрамони роман то дер обрӯ пайдо намекунад ва танҳо тавассути парасторони тасодуфии аз тоифаи амалдорон пайдошуда ӯ соҳиби шӯҳрат ва сарват мегардад. Аммо ин шӯҳрат барои ӯ танҳо яъсу ноумедӣ овард ва у ба хубӣ эҳсос намуд, ки парасторони ӯ шахсони ношуд ва пастанд.

Мартин Иден, ки алоқаи худро ба мардуми оддӣ ва дӯстони ҷавониаш гум карда буд, танҳоии ботиниро бардошта натавонист ва ҳаёти худро бо худкушӣ қатъ намуд. Худи нависанда низ ҳарчанд, ки қаҳрамони асарашро алайҳи тоифаҳои болоии ҷамъият тасвир менамояд, вале дар баъзе асарҳояш завқи хонандаи буржуази-мешанӣ майл дорад. Аммо Ҷек Лондон барои мо чун нависандаи тавоно ва навовару мубориз шиносу азиз аст! Ҳамчунин ӯ яке аз асосгузорони адабиёти пролетарӣ дар Ғарб буда, шӯҳрати ҷаҳонӣ дорад.

Аз навиштаҳои ӯ ҳикояи «Дар талоши ҳаёт» (соли 1937), маҷмӯаи ҳикояҳо ва китобе бо номи «Гург» (1940) ба забони тоҷики тарҷума гардида буд. Ҳамчунин соли 1981 романи машҳури ӯ «Мартин Иден» дар тарҷумаи Ӯктами Холиқназар ба забони тоҷикӣ нашр гардида, мақбулц хонандагон шуд.

# ФРАНС КАФКА



## МАСХ

Грегор Замза як субҳ аз хоби нороҳат хеста худро дар рахти хобаш ба як ҳашароти манфур табдилёфта дарёфт. Бо тахтапушти зиреҳпӯшидашудааш хобида, вақте сарашро бардошта дид, ки аз шиками қаҳваранги дамидаи ба пулакчаҳои камоншакл ҷудошуда, кӯрпаи бо душворӣ поён мешуд. Пойҳои сершумори нисбат ба баданаш борик дар назди чашмонаш бо душворӣ оҳиста ҳаракат мекарданд.

"Ба ман чӣ воқеа рух дод?" Дар фикр фурӯ рафт. Ин хоб набуд. Утоқаш танг менамуд, вале он ҳамон утоқи пештарааш буд, ки бетағйир монда буд. Дар болои миз намунаҳои моҳути кушодашуда гузошта шуда буданд – Замза намояндаи тиҷоратӣ буд – дар девор расме, ки чанде пеш аз маҷаллаи суратдор бурида ба чаҳорчӯбаи зебои тиллоранг гузошта буд, овезон буд. Дар расм хонуме дар сар кулоҳи пашмидошта рост нишаста тасвир шуда буд ва он ба бинанда гӯё остинашро, ки пурра дастонаш нопадид гашта буданд, мисле ки дароз мекарда.

Баъдан нигоҳи Грегор ба сӯи тиреза дӯхта шуд, ҳаво абрнок буд. Садои борон, ки ба токчаи тиреза мезад ӯро боз ҳам табъашро хиратар намуд. "Беҳтар мешавад боз камтари дигар бихобам ва ин сафсатаро фаромӯш кунам" – фикр кард ӯ, аммо хоб рафтан ғайриимкон буд, зеро вай одат карда буд, ки бо паҳлӯи росташ бихобад, аммо дар ҳолати ҳозира Грегор ин тавр хобида наметавонист. Чи қадаре, ки кӯшиш мекард бо паҳлӯи росташ бихобад боз ба тахтапушташ меафтид. Чашмонашро пӯшид, то ки пойҳои шалаппасзанандаашро набинад. Ӯ ин корро чандин маротиба такрор намуд ва аз ин кӯшишиҳояш вақте даст кашид, ки дар паҳлӯяш дарди сабукеро ҳис кард. "Оҳ Худоё", – фикр кард ӯ – "чи хел ман касби серташвиш ва бесамарро интихоб кардаам! Қариб ҳар рӯз дар сафарам. Ташвишҳои корӣ нисбат дар хонаи савдо зиёдтаранд. Беихтиёрона душвориҳои роҳро тоқат намудан, рӯйхати қатораҳоро фикр кардан, бо хӯроки бад ва номунтазам тоқат кардан, бо одамони нав ба нав дар муддати кӯтоҳ ошноӣ кардан. Ба ҳамааш лаънат!" Шикамаш хориш гирифт. Оҳистаякак бо тахтапушташ ба чӯби каташ чаппа гашт, то ки сар бардошатан осонтар шавад. Ҷои

хоришро ёфт. Ҷои хориш бо нуқтачаҳои сафеди номаълум пурра пӯшида шуда буд, хост ин ҷойро бо яке аз пойҳояш қапад, аммо зуд онро дур кард, ва ё ламси он ҳисси ларзишро ба вуҷуд овард. Ӯ ба ҳолати пештарааш баргашт. “Аз ин бедоршавии барвақтӣ девона шудан мумкин аст, - фикр кард ӯ. Одам бояд аз хоб сер шавад. Масалан вақте ман нисфирӯзӣ ба меҳмонхона барои аз нав кӯчонидани рӯйхати фарамоишоти нав бар мегардам, ин ҷанобон–намояндагони тиҷоратӣ акнун субҳона мекунанд. Агар ман ҷуръат карда чунин амал кунам хӯҷаинонам аллакай маро пеш мекарданд. Кӣ медонад, шояд ин барои ман беҳтар мебуд. Агар ба хотири волидонам кор намекардам, мумкин буд, ки кайҳо аз кор мерафтам ва ба раисам ҳама фикре, ки дар бораш дорам арз менамудам. Ӯ бе ҳамин ҳам аз идора мерафт. Рафтораш аҷиб аст–дар идора нишаста мағрурона ба коргарон сухан кардан аст. Илова ба ин аз сабабе, ки гӯши хӯҷаин вазнин аст коргарон маҷбуранд бевосита ба назди идора оянд. Аммо ҳоло ҳам умед аз даст нарафтааст: вақте ки пулҳоямро ҷамъ менамоям, то ки қарзҳои волидайнамро пардохт кунам, пас албатта ҳамин корро мекунам. Барои ин панҷ-шаш соли дигар лозим аст. Баъдан бо ҳамдигар абадан хайрухуш мекунем. Ҳоло маро лозим аст аз ҷой бихезам, зеро қатораам соати панҷ меравад.”

Ӯ ба соате, ки дар сандуқ овоз мебаровард назар намуд. “Худоё!” фикр кард ӯ. Соати ҳафту си буд, ақрабакҳо оромона ба пеш ҳаракат мекарданд. “Наход ки соат занг назанад?” Аз рӯи кат намудор буд, ки он дуруст гузошта шудааст, дар соати чор он бешубҳа занг зада буд. Чӣ тавр дар занги баланди ҷиҳозларзонанда оромона хобидан мумкин буд? Аммо ӯ нооромона вале сахт хоб рафта буд. Лекин ҳоло чӣ бояд кард? Қатораи дигар соати ҳафт ба роҳ мебарояд. Барои он ки ба он фурсат ёбад ӯ бояд шитоб кунад, аммо намунаи маҷмӯъ ҳоло бастабандӣ нашудааст, бар замми ин ӯ низ худро сабуку тоза ҳис намекунад. Ҳатто ба ин қатора расида равад ҳам ба хӯҷаинаш аллакай молҳоро расонида наметавонад, зеро тақсимкунандаи хонаи савдо дар қатораи соати панҷ ба навбат истода буд ва кайҳо дер кардани Грегорро ба раис расонида буд. Одами тақсимкунанда шахси оқил набуд, ӯ гумоштаи хӯҷаин буд. Чӣ мешавад, ки бемор шудаам бигӯям? Ин ноҷо аст ва шубҳаовар

менамояд, зеро дар фаъолияти панҷсолааш Грегор ягон маротиба бемор нашуда буд. Дар ин ҳолат хӯҷаин табиби беморхонаро меовард ва волидайнашро таъна мезад, ки писари гарданғафс доред. Гуфтаҳои духтурро, ки ба фикраш ҳамаи одамони рӯи олам солиманд ва танҳо хоҳиши кор карданро надоранд, ба асос меовард. Дар ин ҳолат ӯ албатта, ҳақ набуд. Агар хоболудиро ба назар гирем, албатта пас аз хоби дуру дароз Грегор дар ҳақиқат худро хеле хуб эҳсос мекард ва хеле гурусна буд.

Ӯ саросемавор фикр мекард ва қарори ҷойгаҳашро тарк карданро намекард – соат ҳафту чилупанҷро нишон медод. Дарро касе оҳиста зад.

–Грегор, – ӯ садоеро шунид (ин садои модараш буд) – аллакай соат ҳафту чилупанҷ аст. Оё ту нияти сафар кардан надоштӣ?

Ин садои нафис! Грегор садои ҷавобии худро шунида тарсид. Ҳарчанд ин овози пештарааш буд, аммо ба он овози пинҳонӣ ва чирросӣ ҳамроҳ шуда буд. Дар аввал калима равшан садо медод, баъдан оҳиста ғеҷида дигар мегашт ва бо боварӣ гуфта намешуд, ки чӣ таллафуз шудааст. Грегор мехост пурра ҷавоб диҳад ва ҳамаашро шарҳ диҳад, аммо ба сабаби овозаш танҳо инро гуфта тавонист: “Бале, бале раҳмат модар, ман аллакай хеста истодаам.”

Аз берун ба туфайли дари чӯбӣ тағйири овозашро пай набурданд, пас аз ин суханон модараш ором гирифт ва рафт. Аммо ба сӯҳбати кӯтоҳи Грегор дигар аъзоёни оила диққат карданд. Зеро новобаста ба интизориҳо ӯ то ҳол дар хона аст. Акнун падар ба яке аз дарҳои паҳлӯӣ мезад – оромона вале бо мушт.

–Грегор! Грегор! – фараёд мезад. –Чӣ шуд? –пас аз чанд лаҳза бори дигар бо садои паст боз ҷеғ зад.

–Грегор! Грегор!

Тавассути дари дигари паҳлӯӣ паст ва дилсӯзона хоҳараш сухан кард.

–Грегор, ту нотобӣ? Ба ту кӯмак карда метавонем?

Ба ҳамаашон якҷоя ҷавоб дод: “ман аллакай омодаам”, – Грегор кӯшиши мекард, ки бо фосилаҳои зиёд байни калимаҳо сухан намояд, то ки овозашро аз тағйиротҳо эмин дорад. Падар ба субҳонааш баргашт, аммо хоҳар пичиросашро идома дод:

–Грегор дарро кушо, илтиҷо мекунам, – аммо Грегор фикри ку-

шоданро ҳам намекард. Ӯ одати дар қатораҳо бадастовардаашро таҳсин мекард, зеро аз рӯи эҳтиёт шаб ҳамаи дарҳоро қулф мекард.

Ӯ дар аввал хост оромона бихезад, либос пӯшад ва қабл аз ҳама субҳона кунад ва сипас оиди оянда фикр намояд, зеро ба ӯ аён шуд, ки дар ҷойгаҳ ба ягон қарори қатъӣ наомадааст. Ӯ ба хотираш овард, ки чандин маротиба ҳангоми дар ҷойгаҳ хобиданаш чӣ хел як дарди сабукеро эҳсос мекард. Аз рӯи кунҷковӣ мехост тасаввур кунад, ки саргардонии имрӯзааш чӣ тавр ҳал хоҳад шуд. Тағйири овозаш танҳо натиҷаи бемории касбии ӯ – намояндагони тиҷоратӣ – шамолхӯрии сахт, ӯ ба ин ягон шубҳа надошт. Ҳавола додани кӯрпа осон набуд, каме шикамашро медамонд ва он худ меафтид. Аммо корҳо баъдан бадтар мешуданд, зеро ӯ хеле васеъ буд.

Мехост бо ёрии дастон аз ҷой бархезад: ба ҷои он пойҳои зиёде дошт, ки беихтиёрона ва номураттаб ҳаракат мекарданд ва ӯ онҳоро ҳеҷ идора карда наметавонист. Вақте ягон пояшро қат кардан мехост, аввал рост мешуд. Вақте бо он пое, ки ягон амалро иҷро карданӣ бошад, дигар пойҳояш дар он вақт мисли оне ки ба озодӣ баромада бошанд бетартибона ҳаракат мекарданд. “Дар рахти хоб беҳуда набояд мавқуф монам.” – худ ба худ гуфт Грегор.

Дар аввал ӯ хост аз ҷойгаҳ бо қисми поёнии танаш хезад, аммо ин қисми поёнӣ ки то ҳол надида буд ва тасаввур карда ҳам наметавонист, маълум шуд ки камҳаракат будааст. Ӯ оҳиста ҳаракат мекард, вақте Грегор ба пеш ҳаракат кард ба дастаи кат бархӯрд ва дарди сӯзнок ӯро бовар кунонид, ки қисми поёнии танааш аз ҳама ҳассос аст.

Барои ҳамин кӯшиш намуд, ки аввал бо қисми поёнии танааш бархезад ва оҳиста каллашро ба як тарафи кат гардонад. Ин корро ба осонӣ карда тавонист, новобаста ба паҳноӣ ва вазниниаш танааш. Ҷисмаш нисбат ба каллаш хурдтар буд. Вақте каллашро бардошт ба ӯ ҳаракат кардан душвор гашт. Зеро агар ӯ меафтид ба каллаш осеб мерасонд, дар ин вақт ӯ набояд аз ҳуш мерафт, дар ҷойгаҳ монданаш беҳтар буд.

Вақте пас аз кӯшишҳои зиёд боз ба ҳолати қаблӣ бар гашт, вақте дид, ки пойҳояш меҷунбанд дар ин ҳолат наметавонист оромиш ба даст биёрад. Ӯ боз ба худ мегуфт, ки дар рахти хоб қарор гириф-

тан нашояд, ба ӯ лозим аст ба кадом арзише набошад худро аз он раҳо намояд. Аммо ӯ фаромӯш намекард ёдовар шавад, ки аз оромона андеша намудан нисбат ба ноумедӣ бисёртар фоида аст. Дар ин лаҳзаҳо ҳамон қадар бодиққат ба тиреза назар меафканд, аммо мутаасифона аз сабаби тумани ғафси саҳарӣ имконияти дидани кӯчаи танги ҳамшафат ба даст намеомад. “Аллакай соат ҳафт – гуфт худ ба худ вақте садои занги соатро шунид–аллакай соат ҳафт, аммо то ҳол туман аст?” Чанд лаҳза дар каташ оромона дароз кашида оҳиста нафас мегирифт, мисле ки аз оромӣ интизори баргаштани ҳолати ҳақиқӣ ва табиирo дошт.

Баъд ба худ гуфт: “Қабл аз он ки соат 07:45-ро нишон диҳад, ман бояд ҷойгаҳамро тарк намоям. Зеро дар он вақт аз идора аллакай маро пурсида меоянд, барои он ки идора то соати ҳафт кушода мешавад.” Ӯ ба қароре омада фикри аз ҷойгаҳ хестанро кард ва бо тамоми қувва тамоми танаашро бомувозинат алвонҷ дод. Пушташ хеле сахт менамуд; ҳангоми афтодан ба болои гилем ҳеҷ чиз намешуд. Аз ҳама бештар ӯро фикре дилгир менамуд, ки агар танаи ӯ ба замин бо садои баланд биафтад аз қафои дар ба ҳама ваҳм набошад ҳам, эҳсоси ташвишро ба вуҷуд меоварад. Аммо ба ҳар ҳол барои ин амал ба қароре омадан лозим буд.

Вақте Грегор бо ними танааш дар лаби кат бархест, ин воситаи нав ва бомуваффақтаре менамуд – ӯ фикр мекард, ки агар ягон нафар ба ӯ кӯмак мекард хеле хуб мешуд. Ду одами пурқувват – падар ва хизматгорро ба ёдаш овард – кифоягӣ мекарданд. Ба онҳо лозим буд, ки танҳо дастҳояшонро ба зери тахтапушти дамидаи ӯ даровaрда аз кат берун мекарданд, баъдан бори вазнинро қат намуда интизор мешуданд, ки он оҳиста ба фарш чаппа шавад, дар ҷойе, ки пойҳояш ягон маъниро касб мекарданд. Аммо агар дарҳо пӯшида набошанд ҳам ӯ метавонист дар ҳақиқат ягон нафарро барои ёрӣ ҷеғ занад? Новобаста ба муносибаташ ин фикри ба сараш омада ӯро аз табассум намудан бозистонд.

Ӯ аллакай бо душворӣ мувозинатро нигоҳ медошт, акнун ки қатъиян ба қароре омада буд садои занги дар баланд шуд. “Касе аз идора” – гуфт ӯ худ ба худ ва шах шуда монд, аммо пойҳояш тезтар ба ҳаракат меомаданд. Чанд лаҳза хомӯшӣ ҳукмфармо буд. “Онҳо намекушоянд” –гуфт ба худ Грегор, ба як умеди девонавор бовар

карда. Баъдан албатта хизматгор мисли пештара сахт-сахт қадам монда дарро кушод. Ба Грегор лозим буд, ки танҳо аввалин сухани пурсупосии меҳмонро бишнавад, то ки ҳамон лаҳза бифаҳмад, ки ӯ кист: ин ҳамон идоракунанда буд. Барои чи ба Грегор тақдир даст дода, ки дар чунин як идорае фаъолият намояд, ки хурдтарин хато зуд боиси шубҳа мегардад? Оё ҳамаи коргарони ӯ якранг нобакоранд, оё дар байни онҳо ягон нафари эътимоднок набуд? Ҳарчанд барои кори якчандсоатинааш саҳарӣ даст наёфта буд, аммо аз азоби виҷдон девона мешуд ва имконияти тарки ҷойи хобашро надошт. Барои чи ягон шогирдро нафиристоданд, агар ин гуна талабот зиёд бошад, –магар лозим буд маҳз худи идоракунанда биёяду ҳамин тавр ба оилаи бегуноҳам нишон диҳад, ки тафтиши ин кори шубҳаоварро танҳо ӯ ба сомон расонида метавонад? Аз ҳаяҷон ва аз ин фикрҳои ба сараш омада якбора Грегор ба қароре омада, аз ҷояш бо тамоми қувва бархост. Афтоданаш зарбаи сахте буд, аммо садояш баланд набуд. Афтишро гилем безарартар намуд, бар замми ин тахтапушт низ ёзанда намуд, аз ин сабаб овоз он қадар ҳам баланд нашуд. Вале каллашро эҳтиёткорона дошта натавониста онро зад ва бо сараш ба гилем соиш хӯрд.

–Дар ин ҷо чизе афтид –гуфт идоракунанда дар утоқи ҳамшафат аз дасти чап.

Грегор тасаввур мекард, ки магар ба идоракунанда наметавонад ин ҳолат рух диҳад, чуноне, ки бо ӯ ба вуқӯъ пайваст: зеро ин гуна имкониятро истисно кардан номумкин аст. Ин масъаларо ишора карда идоракунанда дар утоқи ҳамсоягӣ якчанд қадам гузошт, ки бо садои локдори пойафзолҳояш ҳамоҳанг гардиданд. Аз утоқи дасти рост бо кӯшиши бохабар намудани Грегор хоҳараш пичиррос мезад:

–Грегор идоракунанда омад.

–Ман медонам – гуфт бо овози паст Грегор; овозашро дараҷае баланд намуд, ки танҳо хоҳараш шунида тавонад.

–Грегор–гуфт аз хонаи дасти чап падар,–ба назди мо ҷаноби идоракунанда омадааст. Ӯ мепурсад, ки барои чӣ бо қатораи саҳарӣ нарафтӣ? Мо намедонем, ки ба ӯ чӣ ҷавоб диҳем. Ӯ мехоҳад бо ту ҳарф занад. Барои ҳамин илтимос дарро кушо. Ӯ моро барои бетартибии хонаамон лутфан бубахшад.

–Субҳ ба хайр, ҷаноби Замза–меҳрубонона гуфт худи идоракунанда.

–Ӯ нотоб аст,–гуфт модар ба идоракунанда, – ба ман бовар кунед ҷаноби идоракунанда, ӯ нотоб аст. Магар ӯ ба қатора дер мекард, агар ҳамин тавр намебуд? Писар танҳо дар фикри идора аст. Баъзан ман аз он ба ғазаб меоям, ки ӯ шомгоҳон ба ҷое намеравад, ӯ ҳашт рӯз дар шаҳр буд, вале ҳамаи шомро дар хона гузаронид. Дар паси миз нишаста хомӯшона рӯзнома мехонад ё ҷадвали қатораҳоро мебинад. Ягона фароғате, ки ба худаш иҷозат медиҳад ин арракунист. Масалан дар ду-се шом чаҳорчӯбае тайёр кард, чӣ гуна чоҳорчӯбаяки зебо, назар кунед он дар утоқаш овезон аст, вақте Грегор дарашро кушояд онро мебинед. Ман шодам, ки шумо омадед ҷаноб, бе шумо мо наметавонистем Грегорро маҷбур намоем, ки дарашро кушояд, аммо ӯ чунон якрав аст; бешубҳа ӯ нотоб аст, новобаста аз он ки субҳ инкор намуда буд.

–Ҳоло ман мебароям,–оҳиста гуфт Грегор, аммо наҷунбид барои он ки ягон калимаи сӯҳбатро нашунида намонад.

–Дигар шарҳ надорам хонум,–гуфт идоракунанда.–Умед мекунем, ки бемориаш хатарнок нест. Аммо аз ҷониби дигар бояд зикр намоям, ки барои мо тоҷирон – ё хушбахтона ва ё бадбахтона – тез-тез барои фоидаи кор лозим аст камбудиҳои ҷузъиро ҷуброн кунем.

–Акнун ҷаноби идоракунанда метавонад ба наздат дароянд?– пурсид падар бетоқатона ва боз дарро зад.

–Не.–гуфт Грегор. Дар утоқи чап хомӯшии пуразоб фарогир шуд, дар хонаи дасти рост хоҳар ба гиря даромад.

Барои чӣ хоҳар ба назди дигарон нарафт? Шояд ӯ маҳз ҳоло бедор шудааст ва ҳатто сару либосашро напӯшидааст. Барои чӣ гиря кард? Барои он ки Грегор барнахест ва идоракунандаро даромадан намонд, барои он ки таваккал мекард, ки ҷои кориашро аз даст диҳад ва дар ин ҳолат хӯҷаин боз волидайнашро бо талаботҳои пештарааш таъқиб мекард. Аммо ин тарсҳо бефоида буданд. Грегор дар ин ҷо буд ва нияти тарки оилаашро надошт. Ҳоло ӯ дар болои гилем мехобид, агар дар кадом ҳолат буданашро бидонанд, ягон нафар аз ӯ талаб намекард, ки идоракунандаро иҷозати даромадан диҳад. Аз ин камбудии ночиз нашояд Грегорро аз кор ҷавоб

дод, зеро ба он баҳона ёфтан хеле осон буд. Ба назари Грегор аз ҳама амали оқилона ба ҳоли худаш гузоштани ӯ буд, на ин ки бо гиряву зорӣ ӯро безор намудан. Аммо ҳамаро ин амалаш зулм мекард, маҳз ҳамин номаълумӣ.

–Ҷаноби Замза, – хитоб кард идоракунанда, акнун овозашро баланд карда – худаш чӣ гап? Шумо дар утоқатон маҳкам шуда танҳо ҷавоби "ҳа" ва "не" медиҳед, волидайнатонро ҳаяҷонзада менамоед, аз иҷрои вазифаҳоятон ба таври ношунида саркашӣ менамоед. Ҳоло ман аз номи волидайнатон ва аз номи хӯҷаинатон хоҳишмандам ба ман тавзеҳ диҳед. Ман дар ҳайратам, ман шуморо шахси оромтабиат, боақл меҳисобидам маълум мешавад, ки шумо ба мо амалҳои аҷоибро мекунед. Раис ба ман имрӯз ишора намуд, ки ба ғайб заданатон иҷозаи шарҳи боасос имконпазир аст, аммо мебинам, ки шарҳи ҳолати мавҷуда ба ҳақиқат дуруст намеояд. Вале бо дидани якравии номаълуми шумо дар ман ҳама гуна завқи ҳимоя кардани шумо аз дастам меравад. Ҳолати воқеии шумо муайян нест. Дар аввал кӯшиш намудам, ки ба шумо ба чашматон нигариста гӯям, лекин бо ин ҷо истоданам вақтамро мегиред. Ин ҷо замони аз волидонатон пинҳон кардан нест. Қомёбиҳои шумо дар вақтҳои охир қаноатбахш набуданд, ҳоло ҳамон фасли сол нест, ки хариду фурӯши калон намоем, ба ин мо иқрорем, вале фасле нест, ки ягон доду гирифт ба анҷом нарасида бошад, ҷаноби Замза ин тавр тамоман нест.

–Ҷаноби идоракунанда,–худашро гум карда хитоб кард Грегор ва аз ҳаяҷон ҳама чизро фаромӯш кард – ҳозир ҳамин лаҳза ман дарро мекушоям. Нотобии сабук, сарчархзанӣ ба ман имкони аз ҷой бархостанро намедод. Ман ҳоло дар ҷойгаҳ хобидаам. Вале аллакай пурра ба худ омадам. Ҳоло мехезам. Як лаҳза сабр кунед! Ман ҳоло он қадар хуб нестам, чи тавре ки фикр мекардам. Бале ҳоло хубам. Дирӯз бегоҳ ман худамро олӣ ҳис мекардам, волидонам метавонанд инро тасдиқ намоянд, на аниқтараш дирӯз бегоҳ як ҳиссе дар ман ба вуҷуд омад. Шояд он аён буд. Чаро ман идоракунандаро дар ин бора огоҳ нанамудам! Лекин доим фикр мекунӣ, ки нообаста ба беморӣ аз иҷрои чизе мебарой. Ҷаноби идоракунанда! Ба волидайнам раҳм кунед! Зеро он таънае, ки ба ман мезанед ягон асос надорад, дар ин бора ба ман чизе нагуфта будед. Шояд шумо

охирон дархостҳое, ки ман фиристода будам надидаед. Бале ман бо қатораи соати ҳаштина меравам, чанд соат зиёд хоб рафтанам маро камтар қавитар намуд. Боз дер намонед, ҷаноби идоракунанда ман ҳозир худам ба идора меравам, боилтифот бошед ва арзи эҳтироми маро ба раис расонед!

Саросемавор Грегор ҳарчи ба забонаш ояд мегуфт, ҳатто чи гуфтанашро нафаҳмида, ӯ ба сонӣ ба назди сандуқ наздик гардида, ба он такя намуда кӯшиши рост шуданро кард. Ӯ дар ҳақиқат мехост дарро кушояд, дар ҳақиқат мехост баромада ба идоракунанда ҳарф занад; ӯ бисёр мехост бифаҳмад, ки одамони ӯро интизоршуда бо диданаш чӣ мегӯянд. Агар онҳо тарсанд пас аз ӯҳдаи Грегор ҷавобгарӣ гирифта мешавад ва ӯ метавонад ором бошад. Агар онҳо ҳама чизро оромона қабул кунанд пас маънои онро дорад, ки омили ба ҳаяҷон дода шудан нест ва агар шитоб кунад дар ҳақиқат соати ҳашт ба вокзал мерасад. Дар аввал чанд маротиба аз рӯи сандуқи пардозшуда ғеҷид, вале дар интиҳо бори охирон кӯшиш намуда бархост, бо тамоми қад рост шуд, лекин ба дарди қисми поёнии танааш дигар диққат надод, новобаста аз он ки хеле дарднок буд. Баъдан ба курсии дар наздаш буда, такя дода ба як тарафи он бо пойҳояш часпид. Ӯ акнун танаи худро идора карда метавонист ва хомӯш монд, то ки ҷавоби идоракунандаро шунавад.

–Ягон калимаро аққалан фаҳмидед? – ӯ волидайнашро пурсид. – Магар ӯ маро таҳқир мекунад?

–Худо шуморо дар паноҳаш нигоҳ дорад–модар хитоб кард, бо ашки шаш қатор–мумкин аст ӯ касали вазнини аст, вале мо ӯро азоб медиҳем. Грета! Грета!–сипас фарёд зад ӯ.

–Модар!–аз дигар ҷониб ҷеғ зад хоҳар.

–Ҳамин ҳоло ба назди табиб рав. Грегор бемор аст. Зудтар ба назди табиб рав. Шунидӣ чи тавр Грегор ҳарф мезанад?

–Ин овози ҳайвон буд,–гуфт идоракунанда бо ҳаяҷон, вале нисбат ба фарёдҳои оромона ҳарф зад.

–Анна! Анна! – фарёд зад падар ва дарро сахт зад. – Худи ҳозир усторо биёред.

Акнун ҳарду духтарон аз дари пеш давида дари даромадро кушоданд – чӣ хел хоҳар ин қадар зуд либос пӯшид? Овози пӯшида

шудани дар низ набаромад – мумкин аст, ки онҳо дарро ҳамин тавр кушода рафтанд чи тавре ки дар хонаҳое, ки бадбахтӣ рух медиҳад.

Грегор оромтар шуд. Суханони ӯро аллакай касе намефаҳмид, гарчанде ба назари ӯ равшану фаҳмо менамуд, нисбат ба пештара боз ҳам фаҳмотар шуд, – шояд барои он ки сомеааш ба он овоз аллакай одат карда буд. Ҳоло онҳо бовар ҳосил намуданд, ки ба ӯ чизе рух додааст ва омода буданд, ки ба вай кӯмак расонанд. Ӯ боз худро ба одамон наздик ҳис намуд ва аз табибу усто амалҳои аҷибро интизор буд. Ӯ камтар сулфил то ки ба гуфтугӯи фаромерасидаи ҳалкунанда ба нутқи худ равшанӣ андозад, вай кӯшиш намуда беовоз месулфид, зеро мумкин буд, ки ин садо дигар ба сулфаи одам монанд набошад, аммо инро ӯ қатъӣ намедонист. Дар утоқи ҳамшафат оромӣ ҳукмфармо шуд. Шояд волидон бо идоракунанда дар гирди миз нишаста чақ-чақ мекарданд, ё шояд ҳамаашон дар назди дар часпида гӯш ба сӯи ӯ мекарданд.

Грегор оҳиста бо курсӣ лағжида ба сӯи дар наздик шуд. Курсиро сар дода ба дар афтод – ба кафҳои ӯ маҳлули ширешмонанде буданд – каме нафасашро рост намуд. Сипас кӯшиши бо даҳон тоб додани калиди дарро намуд. Аммо аз афташ дандонҳои ҳақиқиаш набуданд – бо чӣ калидро доштан мумкин бошад? – вале ҷоғҳояш хеле пурқувват намуд; тавассути он дар ҳақиқат калидро тоб дод, ҳатто ба он диққат намедод, ки бо ин амалаш ба худаш зарар мерасонад, зеро аз даҳонаш чи хел як моеи қаҳваранг мебаромад ва ба рӯи калид рехта ба фарш мечакид.

–Гӯш кунед, – гуфт идоракунанда дар утоқи ҳамшафат – ӯ калидро тоб медиҳад.

Ин Грегорро рӯҳбаланд намуд; ҳамаашон ҳам моддар, ҳам падар ба ӯ фарёд мезаданд:

–Сахттар Грегор! Канӣ зӯр зан, канӣ қулфро тоб деҳ!

Тасаввур намудед, ки ҳама ба кӯшишҳои ӯ бо ҷидду ҷаҳд мушоҳида карда истодаанд. Ӯ бо тамоми қувва ба калид часпида гирифт. Ба андозае, ки калид тоб мехӯрд Грегор низ дар назди қулф аз як пой ба пойи дигараш мекаловид. Ӯ акнун танҳо тавассути даҳонаш часпида меистод, мувофиқи зарурат гоҳе ба калид албонҷ мехӯрд ва гоҳе бо тамоми вазнаш ба рӯяш меафтид. Овози кушода шудани қулф дар охир Грегорро ҳушёр намуд. Худашро сарҷамъ намуда ба

худ гуфт:

“Маълум мешавад, ки бе усто низ аз ӯҳдааш баромадам” – ва сарашро ба дастаи дар гузошт, то ки онро кушояд.

Ӯ дарро тарзе кушод, ки ҳатто вақте дар хеле калон кушода шуда бошад ҳам худаш ҳоло маълум набуд. Ӯ бояд оҳиста аввал аз як табақи дар мегузашт, барои он ки қабл аз баромадан аз утоқ бо тахтапушташ назанад. Ӯ то ҳол бо ҷойивазкунии душвор банд буд ва ба ягон чиз диққат намедод, яке овози баланди идоракунандаро шунид: “О!”– он мисли ҳуштаки шамол садо дод ва сипас худи ӯро дид, ки аз ҳама наздиктар дар назди дар меистод. Ӯ дастонашро ба даҳони кушодааш гузошта оҳиста пинҳон шуд, мисли оне ки ӯро ягон қувваи диданашаванда таъқиб карда бошад.

Модар новобаста ба ҳузури идоракунанда ин ҷо бо мӯйҳои парешон меистод, ӯ аввал дастонашро фишурда ба падар назар кард ва баъдан ду қадам ба сӯи Грегор гузошта афтид. Падар таҳдидомез дастонашро мушт карда, мисли оне ки мехост Грегорро ба утоқаш тела кунад, сипас ба меҳмонхона боҷуръатона назар карда бо дастонаш чашмонашро пӯшида гиря кард. Синаи бузурги ӯ такон хӯрд.

Грегор ба меҳмонхона надаромад, балки аз дохил ба як табақи дари маҳкамшуда такя кард, аз ин ваҷҳ танҳо ними танаи ӯ намоён буд ва каллаи ба утоқ назаркунанда ба як сӯй қат шуда буд. Ҳамин лаҳза боз бештар равшан шуд; дар кӯчаи ҳамшафат ҳиссаи бинои беохири сиёҳу хокистарӣ намоён шуд, ин беморхона буд – бо тирезаҳои баробарпаҳлӯ, борон то ҳол меборид, аммо бо қатраҳои калони аз ҳамдигар ҷудо, ба замин мерехтанд. Зарфи бисёре барои субҳона дар рӯи миз меистод, зеро барои падар субҳона дастархони хӯроккхӯрии муҳим ба ҳисоб мерафт. Ӯ дар гирди он соатҳо рӯзнома мехонд. Маҳз дар девори тарафи муқобил расми Грегор овезон буд, расми замони хизмати ҳарбиаш! Дар он лейтенант тасвир ёфта буд, ки дастонашро ба эфеси шпага гузошта беихтиёрона табассум мекард, бо ин сурataш эҳтиромро нисбати қаду қомат ва мундираш талқин менамуд. Дари пеш кушода буд, аз сабабе, ки дари даромад низ кушода буд, воридгоҳ ва сари зинаи ба поён нигаронидашуда низ намоён буд.

–Ана –гуфт Грегор, фаҳмид, ки танҳо ӯ оромиро нигоҳ доштааст,

–ҳоло ман либосҳоямро пӯшида намунаҳоро ҷамъ карда меравам. Шумо мехоҳед, ки ман равам? Ана мебинед ҷаноби идоракунанда ман якрав нестам, ман бо шавқи зиёд кор мекунам; сафарҳо хастакунандаанд, аммо бе онҳо зиндагӣ карда наметавонам. Шумо ба куҷо, ҷаноби идоракунанда? Ба идора? Бале? Шумо дар борои ҳамааш маълумот медиҳед? Гоҳе шахс ҳолати кор карданро надорад, вале вақташ аст, ки доир ба муваффақиятҳои пешинаам ёдовар шавам, бо умеде, ки дар оянда бодиққат кор карда нозукиҳоро рафъ намоӣ. Зеро ман ба раис вазифадорам, шумо-ку инро хуб медонед. Аз ҷониби дигар ба ӯҳдаи ман нигоҳубини волидайн ва хоҳарам меистад. Ман ба мусибат дучор шудам вале аз он раҳо хоҳам шуд. Танҳо ҳолати бе ҳамон ҳам вазнини маро боз ҳам вазнинтар нагардонед. Дар идора тарафи маро гиред! Намояндагони тиҷоратиро дӯст намедоранд, ман инро медонам. Фикр мекунанд онҳо пулҳои гӯшношунид кор мекунанд ва дар навбати худ барои фароғати худ зиндагӣ мекунанд. Аммо ҳеҷ кас оиди ваҳму воҳимааш фикр намекунад. Вале шумо ҷаноби идоракунанда, медонед, ки корҳо чи тарв сурат мегиранд, нисбат ба коркунони боқимонда инро шумо беҳтар медонед, ва ҳатто байни худамон мегӯям, беҳтар аз раис, ки ҳамчун соҳибкор метавонад ба осонӣ барои ба ин ё он коргараш дар баҳо гузоштан хато кунад. Шумо ҳамчунин беҳтар медонед, ки намояндагони тиҷоратӣ тамоми сол берун аз идора қарор дошта, метавонанд ба осонӣ қурбонии ғайбатҳо, тӯҳматҳои беасос шаванд, ки қувваи аз онҳо раҳо шуданро надоранд, зеро ба андозаи зиёд онҳо доир ба онҳо чизе намедонад ва танҳо вақте ки хасташуда аз сафарҳо бар мегарданд оқибати амалҳои манфури дур аз ҳақиқатбударо дар пӯсти худ ҳис мекунанд. Наравед, ҷаноби идоракунанда, ягон гап нагуфта наравед, шумо қисман ҳақиқати маро эътироф кунед!

Бо душворӣ Грегор сухан ронд, аммо идоракунанда рӯй гардонид. Ҳангоми сухан рондани Грегор ӯ лаҳзае ҳам дар ҷояш наистод, ӯ аз Грегор чашмашро наканда рафт, ба назди дар рафт, аммо хеле оҳиста мисле ки ягон сирри мамнӯъшуда намегузошт утоқашро вай тарк намояд. Ӯ аллакай дар даҳлез буд ва ба қадами охирине, ки аз меҳмонхона кард маълум шуд, ки ҳоли ҳозир пошнаи пояшро сӯхта буд. Ӯ ба сӯи зинапоя дасти росташро дароз намуд, мисли оне ки

дар он ҷо хушбахтие ӯро интизор аст.

Грегор дарк мекард, ки барои он ки фаъолияти худашро дар идора зери хатар нагузорад, бе ҳеҷ ваҷҳ идоракунандаро дар ин ҳолат раҳо набояд кунад. Аммо волидайн ин вазъро пурра дарк намекарданд; бо мурури солҳо онҳо одат карда буданд, ки дар ин идора Грегор тамоми ҳаёт кор мекунад, вале ӯҳдадориҳои ҳоло ба гарданашон афтода фаҳму фаросати онҳоро рабуд. Лекин Грегор ин масъаларо дарк мекард. Лозим буд, ки идоракунандаро боздоранд, ором намоянд ва дар интиҳо ба нафъи худ водор кунанд; зеро аз он ояндаи Грегор ояндаи оилааш вобаста буд. Агар хоҳар намерафт! Ӯ боақл буд, ӯ ҳангоме, ки Грегор оромона бо тахтапушт мехобид мегирист. Албатта, ба ашкҳои хонум идоракунанда итоат мекард ва дар он ҳолат дари даромадро маҳкам намуда бо суханҳои боварибахши худ тарсҳоро аз байн мебурд. Вале хоҳар маҳз дар ин вақт рафта буд. Грегор бояд худ амал менамуд. Доир ба имкониятҳои ҳозираи ҳаракаташ ҳатто фикр намекард, дар сараш ҳам наомад, ки нутқаш шояд то ҳол номаълум боқӣ мондааст, ӯ як табақи дарро тарк намуда тавассути роҳрав берун баромад ва хост ба назди идоракунанда биравад,–ӯ ба воридгоҳ баромада бо ҳарду дастонаш тамасхурона панҷараҳоро дошт ва ҳамон замон ягон такягоҳро ҷустуҷӯ намуда бо фарёди паст бо ҳамаи пойҳояш биафтид. Ҳамон замоне, ки ин тавр шуд аввалин маротиба аз ҳамин субҳ оғоз намуда танаи ӯ баҳолати қулай мубаддал гашт, зери пойҳояш замимни сахт буд. Ӯ мушоҳида намуд, ки хушбахтона ҳама пойҳояш ба ӯ итоат мекарданд, ҳатто худашон кӯшиш мекарданд, ки ӯро ба ҳамон ҷое интиқол диҳанд, ки хоҳиши рафтан дорад ва ӯ ба хулоса омад, ки ҳамаи азобҳояш аз ин пас ба охир мерасанд. Вале вақте аз зарба албонҷ мехӯрд, ба рӯи фарш ёзида на он қадар дур аз модар, балки дар рӯ ба рӯи ӯ қарор гирифт. Модараш мисли оне ки карахт шуда бошад бо пойҳояш хеста дастонашро ба ду тараф кушода фарёд зад: “Ёрӣ диҳед! Аз барои Худо, ёрӣ диҳед!” –каллаашро хам кард, гӯё мехост Грегорро хубтар бинад, аммо ба ҷои он бемаънивор ба қафо тохт, ӯ фаромӯш кард, ки дар қафояш мизи орододашуда истодааст; ба он наздик шуда аз парешонҳолӣ саросемавор ба рӯяш нишаст ва гӯё тамоман мушоҳида накард, ки дар наздаш қаҳвадони калон буд ва он чаппа

шуда аз вай қаҳва ба рӯи гилем рехт.

–Модар, модар, –оромона гуфт Грегор ва чашмонашро ба ӯ бардошт.

Лаҳзае идоракунандаро фаромӯш кард, аммо бо дидани қаҳваи рехтаистода қарори истодан накард ва чанд маротиба нафас кашид. Инро дида модар боз фарёд зад, аз рӯи миз ҷаҳида бо синааш ба сӯи падар шитофта афтид. Аммо Грегор вақти бо волидонаш банд шуданро надошт; идоракунанда аллакай дар зинапоя буд; ҷоғашро ба панҷара гузошта нигоҳи охирини хайрбодиашро ба ӯ равона кард. Грегор медавид, то ки ба ӯ наздик шавад, вале идоракунанда мақсади ӯро дарк намуда аз чандин зина ҷаҳида нопадид шуд. Вай танҳо хитоб намуд: “Фу!”- ин садо ба тамоми воридгоҳ паҳн шуд, мутаассифона фирори идоракунанда дар охир падари матинро, ки то ҳол устуворона меистод, дилгир намуд. Барои ҳамин ба ҷои он, ки худ аз қафои идоракунанда биравад ва ё ба Грегор халал нарасонад, то ки ба ӯ рафта расад, бо дасти росташ асои идоракунандаро, ки бо ҳамроҳии палто ва кулоҳаш дар болои курсӣ гузошта буд гирифт ва бо дасти чапаш аз рӯи миз рӯзномаи калонро гирифта бо пойҳояш кӯфта, рӯзномаро албонҷ дода ва бо асо Грегорро ба утоқаш тела намуд. Ягон хоҳиши Грегор кӯмак накард, бар замми ин падар низ илтиҷои ӯро намефаҳмид, ҳарчанд ки Грегор ботавозӯъ сарашро меҷунбонд, падар боз ҳам сахттар ва боз ҳам сахттар бо пойҳояш мезад.

Модар новобаста ба ҳавои сард тирезаҳоро кушода каллаашро ба кӯча баровард ва рӯяшро бо дастонаш пӯшид. Байни тиреза ва дари даромадгоҳ бодғарди сахт ба вуҷуд омад, пардаҳо мепарид, рӯзномаҳои рӯи миз садо мебаров637варданд. Якчанд саҳифа ба рӯи фарш афтод. Падар мисли одами ваҳшӣ хиширосзанон овоз бароварда бешафқатона ба ӯ ҳамла мекард. Аммо Грегор то ҳол ба қафо роҳ рафтанро наомӯхта буд, ӯ ба қафо дар ҳақиқат оҳиста ҳаракат мекард. Агар Грегор тоб мехӯрд зуд ба утоқаш медаромад, лекин ӯ метарсид, ки падарро бо гардиши оҳистааш ба ғазаб орад, бар замми ин асои падар ҳама лаҳза метавонист ба сар ё тахтапушти ӯ зарбаи марговар расонад. Дар охир ба Грегор ягон роҳи дигар боқӣ намонд, зеро ӯ медид, ки агар бо қафо ҳаракат намояд наметавонад ягон самти муайянро интихоб кунад, барои ҳамин бо

тарс ба сӯи падар назар карда аз рӯи имконият зудтар, вале дар ҳақиқат хеле оҳиста тоб хӯрд. Падар мисли он ки хоҳиши ӯро фаҳмида бошад, натанҳо ба тобхӯриаш монеа нашуд, балки аз дур ба ҳаракати ӯ бо нӯги асояш кӯмак намуд.

Агар ҳамин ғур-ғуркунии тоқатфарсои падар намебуд! Аз ин Грегор каллаашро тамоман гум карда буд ӯ аллакай тобхӯриашро ба охир расонида буд, вақте ба ғур-ғури ӯ гӯш дод хато намуда каме ба қафо тоб хӯрд. Вақте сарашро бомуваффақона ба дари кушода равона намуд, маълум шуд, ки танааш хеле паҳн аст ва озодона аз он ворид шуда намешавад. Падар албатта дар ҳолати ҳозирааш намефаҳмид, ки дигар табақи дарро низ кушояд ва ба Грегор имконияти ворид шуданро фароҳам орад. Ӯ як фикри безоркунанда дошт – зудтар Грегорро ба утоқаш тела кунад. Ӯ тоқати омода шуданро надошт, зеро ба Грегор лозим буд, ки ба тамоми қомат рост шуда ба ин тарз аз он дар гузарад. Мисли оне ки ягон монеа набошад. Падар Грегорро ҳоло бо овози махсус ба пеш тела медод: овозҳои аз қафо омадаистода танҳо ба садои як падар хос набуд; ин ҷо аллакай ҷои ҳазлу шӯхӣ набуд ва Грегор – чизе шавад гӯён худро ба дар тиққонд. Як тарафи танааш боло рафт, ӯ ба даромадгоҳ ёзид, як тарафи ӯ тамоман зарб хӯрда буд ва ба дари сафед изҳои безеб боқӣ монданд. Ӯ дар монд ва мустақилона ҳаракат карда наметавонист. Дар як тараф дастонаш ларзида ба боло монда буданд, аз тарафи дигар ба замин часпида буданд. Сипас падар бо зӯрӣ аз қафояш як таконе дод ва Грегор хунолуд ба утоқаш парида рафт. Дарро бо асо пӯшиданд ва оромии деринтизор фаро расид.

Грегор танҳо нимашаб аз хоби вазнини мисли бехудӣ бедор шуд. Агар ӯро ташвиш намедоданд, ӯ бе ҳамин ҳам дертар аз хоб мехест, зеро худро истироҳаткарда ва аз хоб сершуда эҳсос мекард, аммо ба назар чунин менамуд, ки овози шарфаи пои касе ӯро бедор кард. Дар сақф ва қисми болоии ҷиҳоз равшании чароғпояҳои кӯча инъикос ёфта буданд. Оҳиста ва дамбалона бо пойҳояш, ки танҳо акнун онҳоро эҳсос мекард ҳаракат намуд, Грегор ба назди дар рафт, то ки бинад дар он ҷо чи шудааст. Паҳлӯи чапаш дароз менамуд ва ӯ дар ҳақиқат бо ҳарду тарафи пойҳояш мелангид. Дар рафти воқеаҳои саҳарӣ яке аз пойҳояш осеб дида буд ва беҷон рӯи

фарш кашола мешуд.

Танҳо назди дар ӯ дарк намуд, ки бӯи чизи хушхӯре омада истодааст. Дар он ҷо косаи шири ширин, ки дар болояш пораҳои нони сафед шино мекарданд, меистод. Ӯ қариб аз шодӣ механдид, зеро нисбат ба пагоҳӣ ӯ хеле хӯрдан мехост, ӯ қариб каллаашро то чашмонаш ба коса ғӯтонид. Ба зудӣ маъюсона сарашро боло кард, бар замми оне, ки аз тарафи чапи осебдидааш хӯрдан ба ӯ душвор буд–ӯ танҳо даҳонашро калон кушода тамоми танаашро кор фармуда хӯрда метавонист, – шире, ки ҳамеша нӯшокии дӯстдоштаи ӯ буд ва хоҳар маҳз онро оварда буд, акнун ба назараш тамоман бемазза менамуд. Ӯ аз коса рӯй гардонида ба қафо ба мобайни уток хазид.

Дар меҳмонхона чуноне ки Грегор аз байни роғи дар дид, чи тавр чароғ фурӯзон шуд. Агар одатан падар дар ин вақт ба модар ё гоҳе ба хоҳар балан-баланд рӯзномаи бегоҳиро мехонд, вале ҳоло ягон овоз ба гӯш намерасид. Шояд ин хониш чунонки хоҳар доим мегуфт ва менавишт вақтҳои охир умуман аз одат баромадааст. Атроф низ хомӯш буд, новобаста ба он ки дар хона одамон буданд. “Чӣ хел ҳаёти оромона дорад оилаи ман” –гуфт худ ба худ Грегор ва дар торикӣ қарор истода фахр мекард, ки барои волидайнаш ва хоҳараш чунин ҳаёт ва чунин як хонаи зеборо муҳайё кард. Магар ба ин муваффақият ва хушнудӣ акнун анҷоми бад омадааст? Барои ин ки ба чунин фикрҳо ғарқ нагардад, Грегор ба қароре омад, ки ором шуда ба рӯи фарш хазад.

Як маротиба тӯли шоми дароз каме дар кушода шуд ва ҳамон замон дари ҳамшафат пӯшида шуд ва як маротибаи дигар ҳамин амал такрор шуд. Касе аз афташ мехост ворид шавад, аммо тарс боло мегирифт. Грегор бевосита дар назди дар қарор дошт, барои он ки бо ягон тарзе меҳмони беҷуръатро бинад, ин кӣ буд, вале дар дигар бор дар кушода нашуд ва интизории Грегор беҳуда буд. Субҳ вақте дарҳо пӯшида буданд, ҳама мехост ба наздаш дароянд, аммо ҳоло ки як табақи дарро ӯ худ кушода монда буд, дигар дарҳо тӯли рӯз бешубҳа пӯшида буданд. Ҳеҷ кас ба наздаш намедаромад, вале калидҳо аз берун овезон меистоданд.

Танҳо шабонгоҳ касе чароғи меҳмонхонаро гирон намуд ва ҳамон лаҳза маълум шуд, ки падару модару хоҳар то ҳол хоб будаанд,

зеро чуноне ки ҳоло бараъло шунида мешуд онҳо ҳама нопадид шуда рафтанд. Акнун албатта то субҳ ба назди Грегор касе намедарояд, аз ин маълум, ки ӯ вақти кофӣ дорад то бе монеа фикр намояд, то чи тавр ҳаёташро аз нав бисозад. Аммо утоқи баланду холӣ, ки маҷбур буд бо пушташ хоб кунад, ӯро метарсонд, гарчанд сабаби тарсашро худаш намефаҳмид, зеро дар ин утоқ аллакай панҷ сол зиндагӣ мекард ва беихтиёрона тоб хӯрда бе ягон шарм кӯшиши ба зери диван хазиданро кард, новобаста ба он ки камтар тахтапушташро фишор дод ва каллашро аллакай бардошта намешуд, худро зуд хуб эҳсос кард ва он ҷой барояш қулай шуд. Ӯ танҳо аз он афсӯс мехӯрд, ки танаи ӯ хеле паҳн аст, то ки пурра ба зери диван ҷой бигирад.

Ӯ дар он ҷо тамоми шаб ҷой гирифт, каме ғанаб кард. Гоҳе гуруснагӣ ӯро метарсонд ва гоҳе умедҳои норавшан ва ин ҳиссиёт ӯро бешак ба гӯшанишинӣ маҷбур мекард. Ӯ бояд худро оромона идора мекард ва ӯҳдадор буд, ки бо сабр ва амалҳояш мусибати ба сари оилааш омадаро сабук гардонад.

Аллакай пагоҳии барвақт–ҳоло қариб шаб буд–ба Грегор фурсат фароҳам омад, ки азми қарори кардаашро бисанҷад. Вақте ҳоҳар бо сару либоси пӯшида дарро кушод ва аз даромадгоҳ боэҳтиёт ба утоқи ӯ назар афканд Грегорро зуд мушоҳида накард–худоё ӯ бояд дар ҷое қарор дошта бошад, наметавонад-ку ба ҷое бипарад!–сипас дар зери диван ӯро дарёфт ва чунон тарсид, ки худро идора када натавониста аз берун дарро пӯшид. Аммо мисли оне ки аз амалҳояш пушаймон шуда бошад, ҳамон лаҳза дарро кушод ва чун ба назди бемори вазнин ё шахси бегона ба утоқ даромад. Грегор каллашро аз кунҷи диван бароварда хоҳарашро нигоҳ мекад. Оё мушоҳида мекунад, ки ширро нахӯрдааст, на аз он сабабе, ки гурусна нест, оё дигар хӯроке ки ба ӯ бештар боб аст меоварда бошад? Агар ӯ ин корро намекард Грегор шояд аз гуруснагӣ мемурд. Аз ин ваҷҳ ба Грегор диққат намуд, ҳарчанд ӯ мехост аз зери диван баромада ба зери пойҳои хоҳараш афтад ва хоҳиш кунад, ки ягон хӯроки хуб биёрад. Ҳамон лаҳза бо ҳайрат косаи пурри ширро, ки танҳо дар атрофаш каме шир чакидааст мушоҳида намуд. Хоҳар зуд онро бардошт, ростӣ бо даст не, балки бо саҷоқча бардошта гирифта баровард. Барои Грегор аҷиб буд, ки ба ҷояш чӣ меоварда

бошад ва Грегор оид ба ин ҳар гуна тахминҳо мекард. Ӯ ҳеҷ фикр намекард, ки хоҳараш аз рӯи меҳрубонӣ ва некӣ ин корро кард. Барои он ки табъи ӯро фаҳмад ба ӯ интихоби калони хӯрокро овард ва ба рӯи рӯзномаи кӯҳна гузошт. Он ҷо сабзавоти бекормондаи пӯсида, устухонҳои аз хӯроки шом боқимонда, каме мавизу бодом, пораи панире, ки Грегор ду рӯз қабл хӯрданбоб набуданашро гуфта буд, пораи нони қоқ, пораи нони бо маска молидашуда ва пораи нони бо маска молида ва аз болояш намакпошида, буданд. Бар замми ҳамааш ба наздаш ҳамон косаи барои Грегор ҷудошударо бо об пур намуда гузошт. Сипас аз рӯи илтифот фаҳмид, ки Грегор дар назди ӯ намехӯрад шитобкорона рафт ва ҳатто калиди дарро тоб дод то ба Грегор нишон диҳад, ки ӯ метавонад чи тавре, ки ба ӯ қулай аст ҷойгир шавад. Пойҳои Грегор вақте ба сӯи хӯрок равона мешуд, пеш аз ҳамдигар ҳаракат мекарданд. Захмҳояш низ аз афташ сиҳат шудаанд, ӯ аллакай ягон монеаро эҳсос намекард, ӯ аз он дар ҳайрат буд, ки як моҳ қабл аз ин каме ангуштонашро бо корд бурида буд ва рӯзи гузашта ин захм дард мекард.

“Наход ки ман кам ҳис мекардагӣ шудаам?” – фикр кард ӯ ва ҳарисона ба рӯи панир дарафтод. Бо чашмони аз кайфият ашкбораш бо навбат ҳамаи панир, сабзавот, соусро хӯрд, хӯроки тоза баръакс ба ӯ писанд набуд. Ҳатто бӯяш низ ба назараш тоқатфарсо менамуд. Ӯ он пораҳоеро, ки хӯрдан мехост ба як сӯ мебурд. Ӯ аллакай хӯрокро саришта мекардагӣ шуд ва танбалона ба он ҷое, ки хӯрок мехӯрд мехобид. Хоҳараш бо нишоне, ки ӯ бояд пинҳон шавад оҳиста дарро тоб дод. Ин якбора ӯро тарсонид. Ҳарчанд қариб ба хоб рафта буд. Аз нав ба зери диван шитоб кард. Ба душворӣ муяссараш шуд, ки дар муддати кӯтоҳ ба зери он дарояд. Хоҳар аллакай ба утоқ даромада буд, аз сабаби хӯроки бисёр тахтапушти ӯ каме дамида буд. Дар тангӣ нафас кашиданаш душвор гашта буд. Бо нафастангӣ чашмони ғӯзагашта назар кард, хоҳараш мисли оне ки чизеро пай намебарад, бо ҷорӯб ҳамаи хӯроки хӯрдаву нохӯрдаи Грегорро ҷамъ намуда ба сатил андохт ва онро бо тахтача пӯшида берун баровард. Фурсати ба қафо тоб хӯрданро накард, ки аллакай Грегор аз зери диван баромад, кашиш хӯрд ва пуф кард.

Ҳамин тавр ба Грегор ҳар рӯз хӯрок меоварданд. Як пагоҳ вақте волидайн ва хизматгор хоб буданд ва маротибаи дувум пас аз нис-

фирӯзии умумӣ замоне волидайн ба хоб рафтанд хоҳар хизматгорро бо ким кадом фармоиш ба ҷое фиристод. Онҳо низ намехостанд, ки Грегор аз гуруснагӣ бимирад, аммо ботафсил хӯрокхӯрии Грегорро дарк намудан барояшон хеле душвор буд, аз афташ хоҳараш кӯшиш мекард, ки онҳоро аз ғусса раҳо намояд, зеро волидон хеле аз ин чиз дар азоб буданд.

Грегор то ҳол нафаҳмида буд, ки бо кадом баҳона якум пагоҳӣ аз хона табиб ва усторо гусел намуданд: зеро ӯро ҳеҷ кас намефаҳмид ва ҳатто ба сари ҳеҷ кас ва ба сари хоҳараш ҳам намеомад, ки ӯ дигаронро мефаҳмад ва аз ин рӯ вақте хоҳараш ба утоқаш меомад танҳо садои нафаскашиашро мешунид. Танҳо баъдтар вақте ӯ ба ҳама чиз камтар одат кард – албатта ба ҳама чиз пурра одат кардан сухан ҳам намерафт, – гоҳе Грегор мулоҳизаҳои некро қабул мекард. “Имрӯз хӯрокҳо мувофиқ ба табъи ӯ аст” – мегуфт вай, агар Грегор ҳама чизро покиза мехӯрд. Агар баръакс бошад ғамгинона: “боз ҳама чиз боқӣ монд” –мегуфт, ҳолати дуввум вақтҳои охир тез-тез рух медод.

Ӯ ягон хабарро бевосита намешунид, Грегор сӯҳбатҳоро дар утоқи ҳамсоягӣ гӯш медод ва аз куҷое, ки овоз меомад ҳамон лаҳза ба ҳамон дар наздик омада бо тамоми танааш ба он мечаспид. Бахусус вақтҳои аввал ягон суханрониҳо набуд, ки ба ӯ вобаста бошад. Тӯли ду рӯз гирди дастурхон чи гуна худро идора карданро маслиҳат мекарданд ва байни хӯрокхӯрӣ низ оиди ин мавзӯъ сӯҳбат мекарданд. Дар хона қариб доимо на кам аз ду аъзои оила буд, зеро шояд ҳеҷ кас намехост, ки дар хона танҳо бимонад ва ҳама якбора хонаро тарк намояд. Барои хизматгор маълум набуд, ки оиди воқеаи бавуқӯъ омада чӣ медонад. Рӯзи аввал ба зону нишаста модарро зорӣ намуд, ки ӯро ҷавоб диҳад ва пас аз чанд дақиқа бо ашки шашқатор барои ҷавобдиҳиаш ӯро миннтатдорӣ намуд ва қасам хӯрд, ки ба касе чизе намегӯяд, ҳарчанд аз ӯ инро касе талаб накарда буд.

Ба хоҳар лозим омад, ки то бо модараш бо пухтупаз машғул шавад; ин ягон душвориро пеш наовард, зеро касе қариб ки чизе нахӯрд. Грегор мешунид, ки чи тавр онҳо якдигарро ба хӯрдан маҷбур мекарданд ва дар ҷавоб : “Ташаккур ман аллакай серам” ва мисли ин садо медод. Аз афташ нӯшиданро низ ҳама бас карда

буданд. Хоҳар тез-тез падарро мепурсид, ки оби ҷав намехоҳад ва бо мароқи зиёд мехост онро биёрад. Вақте ки падар хомӯш меистод ӯ хоҳиши овардани оби ҷавро кард, то ки бо ин амалаш аз ҳамаи шубҳаҳо ӯро бираҳонад, аммо замоне падар бо "Не"- и қатъӣ ҷавоб дод дигар ҳеҷ кас дар ин бора ҳарф назад.

Аллакай дар рӯзи якум падар, аҳли оила вазъияти молиявӣ ва ҳолати ояндаи оиларо фаҳмонид. Ӯ тез-тез аз миз мехест ва аз хазинаи хонагии хурдаш, ки аз идораи панҷ сол пеш барҳамхӯрда боқӣ монда буд, кадом як расид ва гоҳе дафтари қайдро берун меовард. Чи тарз кушодани қулфи хазина шунида мешуд, ӯ аз он ҷо ҷизеро гирифта боз маҳкам мекард. Ин шарҳи падар ягона ва аввалин хабари оромкунандае буд, аз замони гӯшанишин шудани Грегор. Ӯ фикр мекард, ки аз идораи падар ба ӯ ҳеҷ чиз боқӣ намондааст ба ҳар ҳол падар инро тасдиқ намекард ва Грегор низ чизе напурсида буд. Ягона вазифае, ки дар он замон барои Грегор иҷро шуданаш он буд, ки оилааш ҳарчи зудтар дар бораи муфлисӣ фаромӯш кунанд, зеро ин вазъият ҳамаашонро ба ноумедӣ оварда буд. Аз ин рӯ вай бо кӯшишу ғайрати зиёд меҳнат мекард ва дар муддати кӯтоҳ аз фармонравои хурдакак ба намояндаи тиҷоратӣ, ки албатта дигар хел маош дошт мубаддал шуд. Маош дар шакли коммиссионӣ ба пулҳои нақд табдил меёфтанд ва онҳоро метавонист ба рӯи мизи хонаашон гузошта аъзои оилаашро дар ҳайрат монда хурсанду хушбахт намояд. Он вақтҳои хеле хуб буданд. Баъдан дар шакли пештарааш бо шукӯҳу шаҳомат акнун дигар такрор намешуданд, ҳарчанд Грегор баъдан низ ҳамон қадаре, ки оилаашро таъмин карда метавонист пул кор мекард ва ӯ дар ҳақиқат оилаашро таъмин менамуд. Ба ин чиз ҳама одат карда буданд – ҳам оила ва ҳам худи Грегор; пулҳоро бо сипосгузории зиёд қабул мекарданд ва ӯ низ бо мароқи зиёд медод, аммо дигар дилгармӣ ба вуҷуд намеомад. Танҳо хоҳар ба Грегор наздик боқӣ монда буд ва ӯ дар қиёс бо Грегор мусиқиро хеле дӯст медошт ва ғиччакро ботаъсир менавохт. Грегор фикри пинҳонӣ дошт, ӯ мехост соли ояндa хоҳарашро ба консерватория новобаста ба харҷи зиёд дохил намояд. Ҳангоми бозмонданаш Грегор дар шаҳр ҳангоми сӯҳбат бо хоҳараш тез-тез консерватория зикр мегашт. Он ҳамчун орзуи зебову иҷронашаванда ёдовар мешуд ва ҳатто ин ёдовариҳо во-

лидонашро ношод мегардонд, аммо Грегор оид ба консерватория муайян фикр мекард ва ният дошт, ки ботантана оиди ин ҳадафаш ба истиқболи Мавлуди Исо эълон кунад.

Ҳамин гуна фикрҳои беҳуда дар ҳоли ҳозир ба сари Грегор давр мезаданд. Вақте ӯ рост истода ба дар часпида гӯш медод, аз ин ҳолат хаста шуда нохост каллаашро хам карда сарашро ба дар зад ва зуд ҳамон лаҳза рост шуд. Зеро камтар овоз низ аз пушти дар шунида мешуд ва шояд он ҳамаро ба хомӯш истодан водор мекард. “Ӯ боз дар он ҷо чӣ кор мекунад?”–пас аз фосилаи кӯтоҳе ба дар назар карда гуфт падар ва танҳо пас аз ин оҳиста сӯҳбати қатъшуда аз нав идома ёфт.

Ана ҳамин тавр оҳиста – падар шарҳу тавзеҳи худро такрор менамуд, зеро аллакай чандин вақт аз ин корҳо дур шуда буд ва аз ҷониби дигар модар аз бори аввал ҳама чизро хуб намефаҳмид– Грегор ботафсил фаҳмид, ки нобаста аз ҳамаи мусибатҳо аз гузашта амволи хурде боқӣ мондааст ва аз он сабабе, ки ба фоизҳояш низ нарасида буд шояд қадре он зиёд гашта бошад. Бар зами ин маълум шуд, ки пулҳое, ки ҳар моҳ Грегор ба хона меовард на ҳамаашон сарф мешуданд, танҳо қисми ками онҳоро барои худ сарф намуда дигарашро ҷамъ мекард, ки дар натиҷа як маблағи назаррасе гашта буд. Грегор аз қафои дар истода бошидддат сарашро меҷунбонд. Ӯ аз эҳтиёткории ғайриинтизораш шод буд. Дар умум метавонист ӯ бо ин пулҳои зиёдатӣ як қисми харҷҳои падарро диҳад, вале ҳоло маълум гашт, ки беҳтар шудааст худи падар бо пулҳояш чунин сару кор бигирад.

Ин пулҳо хеле кам буданд, то ки оилааш тавонад танҳо бо фоизҳо зиндагӣ кунанд: онҳо шояд барои як-ду сол кифоя мекардандду бас. Онҳо ба ин тарз танҳо ҳамон маблағе, ки барои рӯзи сиёҳ лозим аст мегузоштанд ва барои зиндагӣ бояд пул кор кардан лозим меомад. Ҳарчанд падар сиҳат бошад ҳам, аммо чун шахси солхӯрда панҷ сол боз кор намекард ва бар зами ин ба ӯ хестан хеле душвор буд. Магар акнун модари пиронсол бояд пул кор кунад, модаре ки касалии зиққи нафас дошт ва ҳатто дар хона бо душворӣ ҳаракат мекард. Қариб паси ҳар рӯз нафастанг шуда дар назди тирезаи кушода менишаст? Ва шояд хоҳар пул кор мекард, ки дар ҳабдаҳсолагӣ ҳоло кӯдак буд ва ҳуқуқ дошт чун пештара

зебо бипӯшад, то дер хоб кунад, ба корҳои хона ёрӣ расонад, дар ягон маҳфилҳои фароғатӣ ширкат варзад, пеш аз ҳама ғиччак навозад. Вақте сухан дар бораи зарурати пулкоркунӣ мерафт Грегор доим дарро кушода худро ба рӯи дивани чармӣ, ки дар назди дар қарор дошт меандохт, зеро аз шарму ғам ӯ метасфид.

Ӯ тез-тез дар он ҷо шабҳои тӯлонӣ дароз мекашид, аммо ҳатто лаҳзае ҳам хоб накарда соатҳои дароз рӯи дивани чармӣ тоб хӯрда ва гоҳе роҳаткурсиро сӯи тиреза тела дода ба рӯи токча хам мешуд.

Ӯ рӯз аз рӯз дар ҳақиқат ашёҳои аз худ дурро бадтар медидагӣ шуд, беморхона намоён мешуд. Грегор аз ин пас умуман фарқ намекард ва намефаҳмид, ки чӣ дар кӯчаи ороми Шарлоттенштарссе зиндагӣ мекунад. Ӯ танҳо тасаввур мекард, ки чаро аз тирезааш нигоҳ мекунад, зеро ба назараш замини хокистариву осмони хокистарранг омезиш ёфта буданд. Ба хоҳар муяссар шуд, ки дар назди тиреза ду маротиба гузошта шудани роҳаткурсиро бубинад ва аз ин пас ӯ замоне хонаро тамиз мекард лозим медонист то роҳаткурсиро ба назди тиреза гузорад ва ҳатто аз ин пас тирезарҳоро кушода монад. Агар Грегор метавонист ба хоҳараш гап занад ба ӯ барои ҳама ҳамааш изҳори миннтатдорӣ мекард. Барояш хизмати ӯро қабул кардан осонтар менамуд. Ростӣ хоҳар ба ҳар навъ мехост вазъияти бавуҷудомадаи тоқатфарсоеро осон намояд, чи қадаре ки вақт зиёдтар мегузашт ҳамон қадар ин ба ӯ осонтар даст медод, ба Грегор низ бо мурури замон ҳама чиз фаҳмотар мегашт. Ҳузури хоҳар барои ӯ аввалҳо даҳшатовар буд. Гарчанде хоҳар кӯшиш менамуд, ки утоқи Грегорро аз чашми бегонагон дур нигоҳ дорад. Ҳоло ба утоқи ӯ ворид гардида саросемавор ҳатто ба пӯшидани дар вақтро сарф накарда рост ба сӯи тиреза медавид ва мисли оне, ки ҳозир нафасгир мешавад тирезаҳоро мекушод ва сипас новобаста аз он ки ҳаво хунук бошад дақиқае дар назди он истода чуқур нафас мекашид. Бо ин шитобкориаш рӯзе ду маротиба Грегорро метарсонд. Ӯ доимо дар зери диван ҷой гирифта меларзид гарчанд хуб медонист, ки вай бешубҳа ӯро аз тарсу ҳарос раҳо мекунад, агар метавонист дар як утоқ бо тирезаи пӯшида қарор бигирад.

Боре аз рӯзи ба воқеаи Грегор рухдода, яъне табдилшавиаш як моҳ гузашт ва барои хоҳараш низ ягон сабаби ҷиддӣ набуд, ки аз сурати ӯ дар ҳайрат биафтад – ӯ камтар барвақттар аз пештара

омад ва Грегорро дар назди тиреза дарёфт, ӯ беҳаракат ба тиреза назар карда меистод. Агар ӯ ба утоқ ворид намегашт барои Грегор ягон ҳодисаи ҷиддӣ наменамуд, зеро дар назди тиреза истода ба ӯ имконияти кушодани онро намедод. Лекин вай натанҳо надаромад, балки баргашта дарро пӯшида бо қулф маҳкам кард. Шояд барои шахси бегона чунон менамуд, ки гӯё Грегор ӯро таъқиб намуда нияти газидани ӯро дорад. Грегор зуд зери диван пинҳон шуд, аммо маҷбур шуд баргашти ӯро то нимарӯз интизорӣ кашад. Ӯ дар ҳолати тарс буд. Аз ин фаҳмид, ки хоҳар ҳоло ҳам сурати ӯро таҳаммул карда наметавонад ва нахоҳад кард. Барои вай хеле душвор аст, ки ҳангоми дидани ҳатто яке аз қисмҳои бадани ӯ, ки яке аз зери диван мебарояду намудор мешавад дида нагурезад. Барои он ки хоҳарашро аз ин дидор раҳо кунад ӯ рӯзе дар болои тахтапушташ ҷойпӯшро ба диван овард – барои иҷрои ин кор ба ӯ чор соат лозим шуд ва онро чунон гузошт, ки ӯро пурра бипӯшад ва хоҳар ҳатто хам шуда ҳам ӯро дида натавонад. Агар ба фикри вай ба ин ҷойпӯш зарурат намебуд хоҳар метавонист онро ҷамъ кунад, зеро Грегор на аз рӯи кайфият худро бо он мепӯшонид, ин куллан фаҳмо шуд. Хоҳар низ ҷойпӯшро дар ҷояш гузошт ва ба назари Грегор чунон намуд, ки аз ин амалаш хоҳараш хеле миннтадор шудааст, вақте оҳиста бо каллаш ҷойпӯшро бардошта хост ин навпардозиашро чи гуна хоҳараш қабул дорад ва аз нигоҳи хоҳараш мусбӣ будани онро дарк намуд.

Дар рӯзҳои аввал волидайн ҷуръати ба назди ӯ даромаданро намекарданд. Ӯ зуд-зуд мешунид, ки онҳо ба корҳои ҳозираи хоҳар бо таъриф ҳамдардӣ мекарданд. Зеро қаблан аз хоҳар меранҷиданд, барои он ки ба назарашон вай як духтараки бекора аст. Ҳоло падар ва модар тез-тез бо интизорӣ қафои дари Грегор меистоданд, вақте ки хоҳар онҷоро ба тартиб меовард ва ҳамон замоне, ки аз он ҷо мебаромад онҳо маҷбур мекарданд, ки ҳамаашро ба онҳо нақл кунад, утоқ дар кадом ҳолат буд, Грегор чӣ хӯрд, ин дафъа худро чи гуна идора кард ва ягон беҳбудӣ маълум аст ё не. Дар умум модар хост нисбатан пештар аз дигарон Грегорро аёдат кунад, аммо падар ва хоҳар вайро намегузоштанд – аввал бо далелҳои боақлона, ки Грегор хеле бодиққат ба онҳо гӯш дода розӣ мешуд ва сипас бо қувва нигоҳ медоштанд, вақте ӯ фарёд мезад

“Маро ба назди Грегор монед, ин писари бадбахти ман-ку! Магар шумо намефаҳмед, ки бояд ба наздаш равам?” – Грегор фикр мекард, ки шояд дар ҳақиқат хуб мешуд агар модар ба наздаш меомад. Албатта на ҳар рӯз, мумкин аст ҳафтае як маротиба, зеро мефамид, ки беҳтар аст, ки ӯ дарояд дар қиёс бо хоҳар, хоҳаре, ки новобаста ба ҷасуриаш танҳо кӯдаке буд ва шояд аз рӯи кӯдакиаш ин ӯҳдадориро ба гардан гирифта буд.

Хоҳиши Грегор оиди дидани модар дере нагузашта иҷро шуд. Грегор барои волидайнаш шуда рӯзона ба назди тиреза намерафт, хазидан дар чанд метри квадратӣ барояш осон набуд, шабҳо беҳаракат хобидан мушкил буд, дере нагузашта хӯрок низ ба ӯ лаззат намебахшид ва ӯ одати ба рӯи девору сақф хазиданро касб кард. Бештар дар сақф овезон шуданро меписандид; ин ба ёзидан дар рӯи фарш монанд набуд; зеро нафас кашидан осонтар буд, тана сабуктар меҷунбид дар ин ҳолати саодатмандонат ва парешонхотирӣ, ки дар боло ҷойгир буд гоҳе аз рӯи ҳайрат канда шуда ба фарш меафтид. Аммо ҳоло албатта танаашро на мисли пештара идора карда метавонист, аз кадом баландие наафтад ба худ осебе намерасонд. Хоҳар зуд пай бурд, ки Грегор воситаи фароғати наверо ёфтааст –зеро ҳангоми хазидан изи ширешмонандро дар ҳама ҷо мегузошт ва ба хулосае омад, ки барои ин машғулияташ ҷои бештаре фароҳам оварад. Аз утоқ ҷиҳозе ки барои ҳаракаташ монеъ мешуданд баровардани шуд, қабл аз ҳама сандуқ ва мизи кориро. Аммо ӯ дар танҳоӣ имконияти ин корро анҷом доданро надошт, ҷуръати падарро ҷеғ заданро ҳам намекард. Хизматгор бешак ба ӯ кӯмак намекард, азбаски ин хизматгори шонздаҳсола пас аз рафтани пазандаи қаблӣ ҷои кориро қатъ накард, вале ӯ иҷозат пурсида буд, ки ошхонаро ҳамеша маҳкам мекунад ва танҳо бо супориши махсус онро мекушояд; барои ҳамин хоҳар маҷбур буд, ки рӯзе дар набудани падар модарро биёрад. Ӯ ба сӯи Грегор хурсандона равона шуд, аммо дар назди дари утоқи ӯ хомӯш монд. Хоҳар албатта дар аввал санҷид, ки дар утоқ оё ҳама чиз дар ҷояш аст; танҳо пас аз ин модарро ба он ҷо роҳ дод. Грегор бо саросемагӣ кулӯла шуд ва ҷойпӯшро ба худ кашид. Аммо ин маротиба Грегор аз зери ҷойпӯш нигоҳ накард, ӯ аз имконияти модарро дидан даст кашид, аммо – шод буд, ки дар ниҳоят вай омад.

– Даро, ӯ намоён нест, – гуфт хоҳар ва модарро аз дасташ гирифта даровард.

Грегор мешунид, ки чи тавр занони заиф кӯшиш мекарданд, ки аз ҷояш сандуқи вазнини кӯҳнаро ҷумбонанд ва чи тавр хоҳар ҳамеша қисми зиёди корро ба таъкидҳои модар гӯш накарда ба ӯҳда мегирифт. Модар метарсид, ки ӯ рӯдакан нашавад. Ин хеле дуру дароз тӯл кашид. Онҳо тақрибан понздаҳ дақиқа овора шуданд, модар гуфт, ки беҳтар аст сандуқро дар ҷои истодаш гузорем: аввалаш он хеле вазнин аст ва онҳо то омадани падар онро саранҷом карда наметавонанд. Дар мобайни утоқ истода роҳи Грегорро пурра мебандад, дуюмаш ин ки оё Грегор қабул медорад ки ҷиҳозро барорем ё не, гуфт ба ӯ. Аз афташ барои ӯ ин чиз номаъқул аст; масалан сурати девори луч ӯро рӯҳафтода мекунад; барои чи он набояд Грегорро низ рӯҳафтода накунад, зеро ӯ ба ин ҷиҳоз одат кардааст ва барои ҳамин дар хонаи холӣ худро тамоман бекас эҳсос мекунад.

–Шояд–хеле бо садои паст гуфт модар, ҳарчанд то ҳол низ пичироскунон гап мезад, мисле ки намехост то Грегор, ки ҷои пинҳоншавиашро намедонист, овози ӯро бишнавад. Ӯ шубҳа надошт, ки вай гапро намефаҳмад, – магар ҷиҳозро ғундошта мо нишон медиҳем, ки ба ягон беҳбудӣ умед намебандем ва бераҳмона ӯро ба аҳволи худаш мегузорем? Ба назари ман беҳтар аст утоқро, то ин ки Грегор вақте ки мо бармегардем ягон тағйиротро пай набарад ва зудтар ин замонро фаромӯш кунад.

Гапҳои модарро шунида Грегор фикр кард, ки мавҷуд набудани муоширати бевосита бо одамон ва тарзи ҳаёти якранги оила тӯли ин ду моҳ майнаашро тира намуд, зеро ӯ наметавонист зарурати дар як утоқи холӣ зоҳир гаштанашро ба худ шарҳ дода тавонад. Наход дар ҳақиқат ӯ мехост, ки утоқи гарму қулай ҷиҳозонидашудаашро ба ғоре табдил диҳад, ки ростӣ бе монеа тавонад ба чаҳор тараф хазад, аз тарафи дигар ба зудӣ ва комилан гузаштаи инсонии худро фаромӯш мекард? Зеро ӯ аллакай ба ин чиз наздик буд ва танҳо овози модар, ки муддати зиёд нашунида буд ӯро аз фикру хаёл боздошт. Ҳеҷ чизро набояд аз ин ҷо бурд, ҳама чиз бояд дар ҷояш истад; таъсири мусбии ҷиҳоз ба ҳолати ӯ воҷиб буд; агар ҷиҳоз ба ӯ барои ҳаракати бемаънӣ халал мерасонд, пас ин ба

нафъи ӯ буд на ба зарари вай.

Мутаассифона хоҳар дигар хел ақида дошт. Ҳангоми муҳокимаи корҳои Грегор одат карда буд бидуни далел бар хилофи волидайн баромад кунад. Ҳоло низ маслиҳати модарро омили кофӣ ҳисоб накарда маҷбур мекард натанҳо сандуқ, балки тамоми ҷиҳози утоқ ба ҷуз диванро, ки бидуни он будан ғайриимкон буд, бароранд. Ин талабот албатта натанҳо якравии кӯдаконаи хоҳар ва худбоварии дар вақтҳои охир ба таври ногаҳонӣ ба вуҷуд омадааш буд; на ӯ дар асл медид, ки ба Грегор барои ҳаракат ҷои зиёд лозим аст, чуноне ки маълум шуд ҷиҳозро истифода намебарад. Шояд ин ҷо ҷӯшу хурӯши тахайюлии ба духтарони ин синну сол хос таъсир мерасонд. Духтарони ин синну сол ҳамеша шоданд, ки ба худ ихтиёр бидиҳанд ва ҳоло Грегорро водор мекард, ки вазъияташро боз ҳам даҳшатовартар мегардонанд. Зеро дар хонае, ки танҳо Грегор ва девори луч бошад, гумон аст, ки ба ҷуз Грета касе ҷуръати даромадан намекунад.

Барои ҳамин ба маслиҳати модар гӯш надод. Модар дар ин хона худро мисли нобоварӣ ва изтиробро эҳсос мекард. Дере нагузашта ӯ хомӯш монд ва мувофиқ ба тавоноияш барои ба хоҳар ёрӣ расонидан камар баст. Онҳо сандуқро баровარданд. Бе сандуқ Грегор бо як азоб таҳаммул карда метавонист, аммо мизи корӣ бояд меистод. Ва бо душворӣ ҳарду зан якҷоя бо сандуқе, ки ғичиросзанон тела медоданд, утоқро тарк карданд. Грегор сарашро аз зери диван баровард, то воситаи эҳтиёткорона ва боадабона монеа шуданро дарёбад. Аммо бадбахтона аввал модар бар гашт ва Грета дар хонаи ҳамшафат танҳо монда бо ҳарду даст сандуқро кашида меҷунбонд. Албатта онро наметавонист аз ҷояш ҷунбонад. Модар ба симои Грегор одат накарда буд ва ҳатто метавонист ӯро дида бемор шавад. Барои ҳамин Грегор бо тарс ба дигар сӯи диван кулӯла шуд, дар натиҷа ҷойпӯши аз ҷониби пеш овезон ҷунбид. Ин кифоя буд, ки диққати модарро ба худ ҷалб намояд. Ӯ бозистод, камтар рост монд ва ба назди Грета рафт.

Ҳарчанд Грегор доимо такрор мекард, ки ягон чизи ғайриоддие рух надода истодааст ва дар хона танҳо ҷои ҷиҳозро иваз карда истодаанд. Роҳравии беохири занон, нидои на он қадар баланд, садои ғичиросзанонии ҷиҳоз фаршро – ин ҳама чиз чи тавре ки ба худ

иқрор шуд ба назараш хеле валвалаи бузург менамуд. Каллашро кашида пойҳояшро ба танааш ҷафс намуд ва бо танааш сахт ба фарш часпид. Ӯ маҷбур буд ба худ бигӯяд, ки инро зиёд таҳаммул карда наметавонад. Онҳо утоқашро холӣ намуданд, аз ӯ ҳама чизеро, ки барояш азиз буд гирифтанд: сандуқе дар он симарра ва дигар асбобҳояш мехобиданд онҳо аллакай баровварданд; акнун онҳо нияти баровардани мизи кориашро, ки дар он ӯ дарсҳояшро ҳангоми таҳсил дар омӯзишгоҳи савдо тайёр мекард, мекашиданд. Баҳри ниятҳои неки ин занони таваҷҷӯҳ намудан ӯ вақт надошт. Ӯ доир ба мавҷудияти онҳо аллакай кайҳо фаромӯш карда буд, шояд аз хастагӣ буд, ки онҳо аллакай хомӯшона кор мекарданд ва танҳо садои пойкӯбии сахти онҳо шунида мешуд.

Барои ҳамин ӯ аз зери диван баромад – занҳо дар ин вақт дар утоқи ҳамсоягӣ буданд, онҳо ба мизи корӣ такя намуда хастагиашонро мебароварданд – чор маротиба самти давишашро иваз намуд ва намедонист чиро аз ҳама пеш наҷот диҳад, расми хонуми дар пашмҳо бударо, ки дар девори холӣ аз ҳама пештар ба чашм меафтид дид. Шитобкорона ба сӯи он часпид ва оинаашро қапид, он шикамашро сард намуд ва ӯ ба вай ҷафс шуд. Ба ҳар навъ ин расмро ки пурра акнун Грегор пӯшонида буд ҳеҷ кас нахоҳад гирифт. Ӯ сарашро ба сӯи дари меҳмонхона тоб дод то занонро бинад, ки кай бар мегарданд.

Онҳо на он қадар зиёд дам гирифта аллакай бар мегаштанд. Грета қариб ки модарро бо як даст оғӯш гирифта мебурд.

– Анун чиро мегирем? – гуфт Грета ва назар кард. Нигоҳи ӯ ба нигоҳи Грегори рӯи девор овезон бар хӯрд. Аз афташ ба туфайли ҳузури модар худашро идора намуд, ӯ ба пеши модар хам шуд, то ба тоб хӯрдани вай монеъ шавад ва ларзида таваккал гуфт:

– Лаҳзае метавонем ба меҳмонхона баргардем?

Мақсади Грета ба Грегор равшан буд – ӯ мехост модарро ба ҷои бехатар барад ва сипас ӯро аз рӯи девор ронад. Хайр, бигзор кӯшиш кунад! Ӯ ба рӯи расм нишаста вайро намедиҳад. Беҳтараш ӯ ба рӯи Грета мечаспад.

Аммо суханҳои Грета модарро ба таҳлука овард, ӯ ба як ҷониб гашт, доғи бузурги сиёҳтобро дар рӯи девори ранга дид: чирросзанон фарёд зад, қабл аз он ки то ба ҳушаш дар ҳақиқат расад, ки ин

ҳамон Грегор аст: “Оҳ, Худои ман, Худои ман!” гуфту – ба рӯи диван бо дастони кушода беҳол шуда афтоду шах шуд монд.

– Эй Грегор! Дод зад хоҳар ва мушташро бардошт.

Ин аввалин суханҳое буданд, ки пас аз табдилшавиаш бевосита ба ӯ нигаронида шуда буданд. Ӯ ба утоқи ҳамсоягӣ аз паси кадом як дору давид, ки ба воситаи он метавонист модарро ба ҳуш орад. Грегор низ мехост ба модар кӯмак кунад – барои наҷот додани расм ҳоло вақт буд; аммо Грегор маҳкам ба оина часпида монда буд ва бо зӯр аз он канда шуд, Сипас ӯ ба утоқи ҳамсоягӣ давид мисли он ки ба хоҳар ягон маслиҳат дода метавониста бошад, мисли пештара аммо маҷбур буд, ки дар қафояш беҳуда истад. Хоҳар ҳубобчаҳои гуногунро гирифта тоб хӯрд ва тарсид; кадом як доруе аз дасташ афтида шикаст; шишапора рӯи Грегоро захмӣ кард ва ба тамоми баданаш ким чи хел доруи тези сӯзанда пош хӯрд, Грета дигар наистода чи қадаре, ки доруҳоро тавонист ба дасташ гирифта ба назди модараш давид. Дарро ӯ бо пояш сахт пӯшид. Акнун Грегор, ки аз модар, ки бо айби ӯ шояд дар дами марг аст ҷудо шуда буд; ӯ набояд дарро мекушод агар намехост хоҳарашро ҳай кунад ва хоҳар бояд бо модар мемонд. Акнун ба ӯ ҳеҷ чиз намонда буд ба ҷуз интизорӣ ва худро бо пушаймонӣ ва тарс маҳкум намуда ба чор тараф мехазид ва ҳама чизро мелесид: деворҳоро, ҷиҳозро, сақфро ва дар ниҳоят вақте тамоми утоқ дар гирдаш чарх мезад ноумедона дар байни мизи калон афтид.

Якчанд лаҳза гузашт. Грегор беқувват дар рӯи миз мехобид, атроф хомӯш буд, шояд ин нишонаи нек буд. Якбора садои занги дар баланд шуд. Хизматгор албатта дар ошхона маҳкам буд ва Грета маҷбур буд, ки дарро кушояд. Ин падар буд, ки баргашта буд.

– Чӣ воқеа шуд? – суханҳои аввалини ӯ буд. Сурати Грета ҳама чизро шаҳодат медод. Грета бо овози паст ҷавоб медод, ӯ аз афташ бо рӯяш ба синаи падар ҷафс шуд.

– Модар аз ҳуш рафт, вале ҳоло ҳолаш хуб аст. Грегор баромад.

– Ман инро интизор будам – гуфт падар, – ман-ку доим ба шумо таъкид мекардам, аммо шумо занҳо ба касе гӯш намекунед.

Ба Грегор равшан буд, ки падар суханҳои шарҳдодаи Гретаро нодуруст фаҳмид ва ба хулосае омад, ки Грегор қувваашро истифода кардааст. Аз ин сабаб ҳоло Грегор маҷбур буд, ки падарро нармтар

кунад, зеро ба ӯ барои шарҳ додани вазъият на вақт ва на имконият буд. Ба назди дари худ давида ба он ҷафс шуд, то ки падар аз дар барромада бубинад, ки Грегор омода аст ба утоқаш дарояд ва лозим нест, ки ӯро ба қафо ҳай кунад, танҳо дарро кушоянд ва ӯ зуд нопадид мешавад

Аммо падар табъаш хира буд, то ин гуна нозукиҳоро пай барад. “А!” вақте ворид шуд бо ҳамин гуна оҳанг, мисли оне ки дар як вақт ҳам хашмин ва ҳам хурсанд бошад хитоб кард. Грегор сарашро аз дар гирифт ва ба истиқболи падар бардошт. Вай ҳеҷ гоҳ падарро чуноне ки ҳозир мебинад тасаввур карда наметавонист. Ба ростӣ вақтҳои охир ба тамоми утоқ хазиданро оғоз намуда Грегор аллакай мушоҳида мекард, ки ба тағйиротҳои дар хонаашон рухмедода набояд дар ҳайрат монад. Охир, охир,–наход ки ин падар буд? Ҳамон нафаре ки қаблан хаста дар ҷойгаҳ мехобид, вақте Грегор ба сафарҳои хизматӣ мерафт; ҳамоне ки шабонгоҳ омадани ӯро дар хона бо хилъат пешвоз мегирифт ва қобилияти аз роҳаткурсӣ хестанро надошт, танҳо дасташро чун рамзи шодӣ мебардошт. Ҳангоми сайрҳои якҷояаашон рӯзи якшанбе ва ё дар идҳои бузург дар тан палтои кӯҳнаи маҳкам гузаронидашударо пӯшида оҳиста асояшро пеш-пеш гузошта дар байни Грегору модар истода қадам мезад– онҳо худашон оҳиста ҳаракат мекарданд, ӯ бошад аз онҳо низ боз оҳистатар ҳаракат мекард ва агар мехост чизе гӯяд қариб ҳамеша меистод, то ки дар наздаш ҳамсафаронашро ҷамъ кунад.

Ҳоло ӯ хушқадуқомат менамуд. Дар тан либоси кабуди баланд бо тугмаҳои тиллоӣ дошт, ҳамоне ки хатбарони бонкҳо ба бар мекунанд. Дар болои гиребони танг манаҳи дуқабатаи ғафс овезон буд. Чашмони сиёҳ аз зери абрӯвони бутамонанд бодиққат нигоҳ мекард. Мӯйҳои одатан парешони сафед ҳоло ба тартиб шона зада шуда буд. Ӯ ба рӯи диван сарпӯши аз афташ мансуби кадом як бонкро ҳаво дод, ва дастонашро ба кисаи шимаш пинҳон кард, ба сӯи Грегор бо ғазаб равон шуд. Ӯ шояд худ намедонист, ки чи тавр амал намояд, аммо пойҳояшро ғайриоддӣ баланд мебардошт ва Грегор аз андозаи бузурги пойафзолаш дар ҳайрат монд. Аммо Грегор таваққуф накард. Зеро аз аввалин рӯзҳои зиндагиаш медонист, ки падар бо ӯ муносибати ҷиддӣ намуданро ягона амали дуруст меҳисобид. Барои ҳамин аз падар гурехт ва ҳамон вақте ки

падар меистод ӯ ҳам меистод ва агар ҳаракате кунад ба пеш ҳаракат мекард. Ҳамин тавр онҳо якчанд маротиба дар хона бидуни ягон воқеа давр заданд. Онҳо чунон оҳиста ҳаракат мекарданд, ки ба ягон таъқиб низ монанд набуд. Барои ҳамин Грегор ҳоло дар фарш қарор гирифт, ӯ аз он метарсид, ки ба девор ё сақф барояд ба назари падар аз ҳад беибо нанамояд. Аммо Грегор ҳис намуд, ки ҳатто ин даву тозро ӯ дер таҳаммул карда наметавонад; зеро агар падар як қадам мегузошт, барои ӯ бошад лозим буд, ки ҳаракати хеле сершумор намояд.

Нафастангӣ боз ҳам намоёнтар мешуд, зеро қаблан ҳам шуши ӯ хуб набуд. Ва ҳоло ӯ бо як азоб пойҳояшро кашола карда бо душворӣ чашмонашро кушода кӯшиш мекард ҳамаи қувваашро барои давидан ҷамъ кунад. Доир ба дигар намуди халосӣ фикр намекард, ҳатто фаромӯш карда буд, ки рӯи девор давида метавонад – ногоҳ дар наздикии ӯ ашёи аз боло партофташуда афтид ва дар наздаш лағжид. Ин себ буд. Пас аз он ҳамон лаҳза дуюмаш афтод. Грегор аз даҳшат бозистод; дигар давидан бефоида буд, зеро падар ба қароре омад, ки ӯро бо себ тӯбборон кунад.

Ӯ кисаҳояшро бо себҳои дар зарфи мевагузории рӯи миз қарордошта пур кард ва акнун ба ӯ ҳадаф гирифта яке паси ҳам себҳоро ҳаво медод. Ин себҳои хурди сурх рӯи фарш ғелида ба якдигар бар мехӯрданд. Як себи оҳиста ҳавододашуда ба тахтапушти Грегор зад, аммо афтида ба ӯ осебе нарасонд. Лекин дигараш, ки зуд пас аз он ҳаво дода шуд сахт дар пушти Грегор дар монд. Грегор мехост пештар хазад, мисли оне ки ивази ҷой метавонист дарди якбораи ӯро рафъ кунад, аммо ӯ худро мисли дар фарш мехкӯбшуда эҳсос намуд ва дароз кашида аз ҳуш рафт. Ӯ тавонист танҳо бинад, ки чи тавр дари утоқаш кушода шуд ва дар меҳмонхона модар бо либосҳои тагпӯш хоҳари фарёдзадаистодаро гузашта рафт – хоҳар либосҳои модарро барои он кашида буд, ки нафаскашиашро ҳангоми аз ҳуш рафтанаш осон гардонад. Модар ба назди падар давид ва ба сари синаи падар дарафтод ва ӯро ба оғӯш гирифта пурра ба ӯ часпид – аммо биноиши Грегор ин ҷо аз байн рафт, – модар бо дастонаш пушти сари падарро қапида, илтимосу зорӣ намуд, ки ҳаёти Грегорро ҳифз кунад.

Аз захми вазнин Грегор аллакай як моҳ азият мекашид – ҳеҷ кас

ҷуръати аз тани ӯ гирифтани себро намекард ва он дар танааш ҳамчун хотира боқӣ монд – ин захми сахт аз афташ ҳатто ба падар низ хотиррасон мекард, ки новобаста ба сурати ҳозираи манфураш Грегор ба ҳар ҳол аъзои оила аст ва бо ӯ чун бо душман муносибат кардан нашояд, балки ба хотири қарзи оилавӣ бадбиниро рафъ намуда тоқат кардан лозим, танҳо тоқат. Агар аз сабаби осебаш аз афташ Грегор ҳаракати қаблиашро гум карда буд, акнун барои утоқро убур кардан ба ӯ чун барои маслуқи пир сонияҳои зиёд лозим буд – барои ба боло хазидан – дигар фикр кардан ҳам нашояд – барои бад шудани ҳолаташ ба фикраш подошаш он буд, ки бегоҳӣ дари меҳмонхона кушода мешуд, даре ки ба он ду соат қабл нигоҳ мекард ва дар торикии утоқаш хобида ӯ метавонист. Наздикони дар гирди миз дар равшанӣ нишастаро бинад ва ба суханҳояшон гӯш диҳад. Метавон гуфт, ки бо розигии умумӣ, яъне куллан дигар хел нисбат ба пештара.

Ростӣ ин сӯҳбатҳо на мисли пештара гарм буд, Грегор доимо бо ҳасрат ҳуҷраи танги меҳмонхонаро ба ёд меовард, вақте ӯ он замон хеле хаста ба рӯи рахти хоби нам меафтид. Бештар хомӯшӣ ҳувайдо буд. Падар ҷуз аз хӯроки бегоҳ дар роҳаткурсиаш мехобид; модар ва хоҳар кӯшиш мекарданд, ки хомӯш бошанд; модар сахт ба пеш ба назди чароғ хам шуда тагпӯшҳои тунук барои мағозаи либосҳои тайёр медӯхт. Хоҳар ба мағоза ба ҳайси фурӯшанда ба кор даромада бегоҳирӯзӣ бо стенография ва забони фаронсавӣ машғул мешуд, барои он ки ягон вақт баъдтар ҷои беҳтаринро сазовор шавад. Гоҳе падар аз хоб мехест ва мисле ки хоб буданашро модар пай набурда бошад ба ӯ мегуфт: “Имрӯз боз ин қадар дуру дароз медӯзӣ!”– пас аз он ҳамон лаҳза боз хоб мерафт. Модару хоҳар бошанд ба якдигар хастаҳолона табассум менамуданд.

Бо як гарданшахӣ падар кашидани либосҳои хаткашониашро дар хона низ рад мекард; дар он вақте ки хилъаташ овезон буд, падар дар ҷояш бо либосҳояш дар тан ғанаб мекард, мисли оне ки доим барои хизмат омода аст ва танҳо гӯё овози хӯҷаинашро интизор бошад. Аз ин сабаб ин либосаш новобаста ба ташвишҳои модару хоҳар симои покизагии худро гум карда буд Грегор баъзан тамоми бегоҳ ба доғҳои он нигоҳ карда меистод, аммо тугмаҳояш бетағйир медурахшиданд, пирамард дар тан либос ноқулай, аммо

ором хоб мекард.

Вақте соат даҳро нишон медод модар кӯшиш мекард падарро оҳистаяк бедор кунад ва ӯро ба гап дарорад, ки ба ҷои хобаш хоб кунад, зеро ба ӯ муяссар намешуд, ки дар роҳаткурсӣ нағз хоб кунад. Кораш аз соати шаш оғоз мешуд ва барояш хобидан зарур буд, аммо аз сабаби якравӣ ки падарро аз замоне ба ин кор шурӯъ намуданаш тасарруф намудааст ӯ доим дар гирди миз менишаст ва дар он ҷо хоб мекард. Лекин онҳо бо сайъи зиёд ӯро маҷбур менамуданд, ки аз курсӣ ба кати хоб гузарад. Чи қадаре ки модару хоҳар ӯро ба гап намедаровարданд, ҳамоно вай чашмонашро накушода, аз ҷояш нахеста сарашро меҷунбонд. Модар аз остинаш мекашид, ба гӯшаш суханҳои нарм мегуфт, хоҳар аз машғулиятҳояш дур мешуд, то ки ба модар ёрӣ диҳад, аммо ба падар он таъсир намекард. Ӯ боз бештар дар роҳаткурсӣ ғӯта мешуд. Танҳо ҳамон замоне, ки занҳо аз зери бағалаш мегирифтанд, ӯ чашмонашро мекушод, бо навбат гоҳе ба хоҳар гоҳе ба модар нигоҳ карда мегуфт: “Ана ҳаёт, ана оромии ман дар вақти пирӣ.” Ба ҳардуи занҳо такя намуда оҳиста мисли оне ки танаашро идора карда наметавонад, аз ҷояш мехест ба онҳо иҷозат медод, ки то пеши дар баранд ва назди он расида сар меҷунбонд, то ки онҳо дур шаванд ва баъд мустаъқилона ҳаракат мекард. Вале модар аз саросемагӣ дӯхтанро мегузошт, хоҳар бошад қаламашро ба сӯе мегузошт, то ки аз қафои падар давида ба ӯ барои ба ҷойгаҳ хобидан ёрӣ расонанд.

Кӣ дар оила вақти холӣ дошт, кӣ Грегорро ғамхориву меҳрубонӣ бояд мекард, зеро бешубҳа ин чиз барояш хеле лозим буд? Харҷ барои хоҷагӣ камтар мешуд; хизматгорро дар ниҳоят ҷавоб доданд; барои корҳои вазнин акнун субҳу шом зани бузургҷуссаи кокулдор бо мӯйҳои сафеди парешон меомад. Дигар ҳама кори боқимонадаро ба ҷуз дӯзандагиаш модар иҷро мекард. Ҳатто маҷбур шуданд, ки ҷавоҳироти оилавиро, ки модар ва хоҳар бо шавқи зиёд пештар дар вазъиятҳои тантанавӣ ба бар мекарданд фурӯшанд. Грегор оид ба инҳо бегоҳӣ вақте пулҳои бадастомадаро муҳокима мекарданд, мефаҳмид. Аз ҳама бештар масъалаи тарк нанамудани хонаро, ки мувофиқ ба ҳолати ҳозира калон буд муҳокима мекарданд, зеро номаълум буд ки чӣ тарз Грегоро кӯчондан мумкин буд. Аммо Грегор мефаҳмид, ки ба кӯчидан натанҳо нигоҳубинии ӯ халал мера-

сонад, зеро ба осонӣ вайро дар ягон қуттӣ кӯчондан мумкин буд. Балки оиларо аз ивазкунии хона нобоварии комил ва фикри оне, ки ба онҳо мусибати бузурге, ки бо ягон шиносон ва хешовандони онҳо ҳеҷ гоҳ рух надодааст боз медошт. Оила ҳама чизро, ки олам аз одамони камбағал талаб мекард, иҷро мекарданд. Падар хӯрок барои коргарони қатории бонкҳо мебурд, модар бо дӯхтани тагпӯшҳо барои одамони бегона рӯдакан мешуд, хоҳар ба харидорон итоат мекард. Вале барояшон дигар қувват намерасид. Захм дар тахтапушти Грегор аз нав дард мекард, вақте модар ва хоҳар падарро хобонида ба меҳмонхона бар мегаштанд ба сари кор дар намеафтоданд, балки дар назди ҳамдигар менишастанд, вақте модар ба утоқи Грегор ишора карда мегуфт: “Вай дарро пӯш, Грета” – ва Грегор боз дар торикӣ қарор мегирифт. Занҳо паси девор ашк мерехтанд ё ба як нуқта нигоҳ карда, бе гиря менишастанд.

Шабу рӯзро Грегор қариб ки бе хоб мегузаронд. Гоҳе фикр мекард, ки ана дар боз мешавд ва ӯ боз мисли пештара корҳои хонаро ба дӯшаш мегирад. Ба фикраш пас аз фосилаи зиёд боз хӯҷаин ва идоракунанда, намояндагони тиҷоратӣ, мактаббачагон, кӯчарӯб, ду-се дӯсташ аз идораҳои дигар, фаррош аз як меҳмонхонаи рустоӣ, хазинадор аз як мағозаи кулоҳфурӯшӣ, ки аз қафояш ба таври ҷиддӣ ва дуру дароз мегашт омаданд, чӣ хотираҳои ширин. Ҳамаашон мисли одамони ношинос ё фаромӯшшуда аз ҳаёташ ғайб заданд. Ба ҷои он ки ба ӯ ва оилааш кӯмак расонанд. Маълум шуд, ки ҳамаашон як хел дастнорасанд. Ӯ хурсанд мешуд вақте онҳо ғайб мезаданд. Ӯ боз хоҳиши оилаашро бонӣ намуданро аз даст медод. Аз он дар ғазаб буд, ки ӯро хуб нигоҳубинӣ намекунанд. Тасаввур карда наметавонист, ки чӣ хӯрдан мехоҳад, ба фикраш расид, ки чи тавр ба анбор рафта чизе, ки барояш лозим аст биёрад, то ин ки ақалан гурусна намонад. Хоҳар акнун субҳ ва рӯзона пеш аз он, ки ба мағоза шитобад, аллакай бо чи ба Грегор кайфият бахшаданро дигар фикр намекард. Бо пояш ба утоқи Грегор ягон хел хӯрокро тела медод, то ин ки новобаста аз он ба вай наздик мешавад ё не, бо як афшонидани ҷӯроб ин боқимондаро бирӯбад. Бештар хӯрок дастнорасида мемонд. Рӯбучини хона, ки акнун хоҳар танҳо бегоҳӣ анҷом медод, нисбат ба пешина хеле тез мегузашт. Рӯи девор хатҳои ифлос пайдо шуданд, ҳама ҷо парто-

ви зиёд мехобид. Вақтҳои аввал ҳангоми пайдо шудани хоҳар ба кунҷи ифлосе ҷой мешуд, то ки хоҳарро бо интихоби ҷояш таъна занад. Агар ӯ ҳафтаҳо дар ин ҷо меистод хоҳар ислоҳ намешуд, зеро ифлосиро аз ӯ бадтар намедид, аммо қарор дода буд, ки дар ҷояш гузорад. Акнун бо хислати зудранҷиаш, ки қаблан ба ӯ хос набуд, мушоҳида мешуд. Рӯбучини утоқи Грегорро ӯ ва танҳо ӯ мекард. Рӯзе модар хонаи Грегорро нияти тоза кардан кард, барои он якчанд сатил об овард – ин намиву серобӣ ба Грегор писанд набуд ва ғазаболуд шуда рӯи диван беҳаракат ғун гашт ва модар ба ин кораш ҷазо гирифт. Вақте хоҳар тағйиротро дар хонаи Грегор пай бурд, аз таҳи дилаш маломатзада шуда ба сӯи меҳмонхона шитофт ва навҳаву фиғон кард. Волидайн–падар албатта тарсида аз роҳаткурсӣ бархест – онҳо аввал оҷизона ва сипас бо ҳайрат назар карданд, баъд онҳо низ ба даводав даромаданд. Падар модарро таъна мезад, ки рӯбучини хонаро ба хоҳар надода худ иҷро кард. Хоҳар бошад аз ҷониби чап баръакс фарёд мезад, ки ба ӯ дигар ҳеҷ гоҳ утоқи Грегорро тоза намуданро имконият намедиҳанд. Аммо он лаҳза модар мехост падарро ба хонаи хоб, ки аз ҳаяҷон худро тамоман идора карда наметавонист кашола кунад; аз фиғон хоҳар ба ларза афтода бо муштҳои хурдакакаш рӯи мизро мезад, зеро ба сари ҳеҷ кас намеомад, ки дарро пӯшад ва Грегорро аз ин манзара ва аз ин мағал раҳо кунанд.

Ҳатто вақте хоҳар аз кор хаста шуда меомад ва нигоҳубинӣ ба мисли пештара ба дилаш зада буд, модар наметавонист парастдории Грегорро ба ӯҳда гирад, вале ӯ Грегоро бе назорат намонд. Акнун навбати хизматгор омад. Ин беваи пир, ки дар ҳаёти дуру дарози худ шояд дар китфони бузургаш ғаму кулфати зиёдеро бардоштааст, моҳиятан ба Грегор нафрат зоҳир намекард. Бидуни ягон кунҷковӣ ӯ рӯзе нохост дари утоқи вайро кушод ва бо дидани Грегор, ки ҳарчанд касе ӯро ҳай накарда буд ғайричашмдошт рӯи фарш давид, хизматгор бошад бо ҳайрат дастонашро рӯи шикамаш монда дар ҷояш шах шуда монд. Аз ҳамон вақт ӯ бетағйир субҳу шом дарро оҳиста мекушод ва ба Грегор назар мекард. Аввалҳо ӯ ҳатто вайро ба наздаш бо суханҳое, ки шояд ба назараш мулоим менамуд, мехонд, масалан бо чунин: “Ин ҷо биё гамбӯсаки саргиндор!” ё “Гамбӯсаки мо дар куҷост?” Грегор ба ӯ ҷавоб намедод, ӯ аз ҷояш

намеҷунбид, мисли оне, ки дар гӯё кушода нашудааст. Беҳтар аст ба ин хизматгор фармон диҳанд, ки утоқи ӯро ҳар рӯз тоза кунад, ба ҷои он, ки бемаънивор ба ӯ халал расонад, кай ақлаш медаромада бошад?! Як субҳи барвақт рӯи оина борони сахт мезад, бояд ин нишонаи баҳори фарорасидаистода бошад, – вақте хизматгор гапҳои беҳудаашро сар кард, Грегор чунон хашмгин шуд, ки мисли оне ки барои ҳамин омодагӣ мегирифта бошад оҳиста, аммо на он қадар сахт ба вай тоб хӯрд. Вале ӯ ба ҷои он ки тарсад курсии дар назди дар истодаро бардошт ва даҳонашро калон кушод, аён буд ки даҳонашро на пештар аз он ки курсӣ ба пушти Грегор афтад мепӯшад.

– Ин маъно дорад, ки дигар ба пеш намехазӣ ҳамин тавр не? – пурсид ӯ. Вақте Грегор рӯй гардонид вай оромона курсиро дар кунҷ дар ҷои қаблиаш гузошт.

Грегор акнун қариб ҳеҷ чиз намехӯрд. Танҳо вақте нохост аз назди хӯроки ба ӯ тайёрнамуда мегузашт барои ҳазл пораеро ба даҳонаш мегирифт ва сипас якчанд соат он ҷо нигоҳ дошта, қисми зиёдашро мепартофт. Аввал ӯ фикр мекард, ки иштиҳояшро намуди утоқаш мебандад, аммо ба тағйиротҳои утоқаш ӯ зуд тан дод. Одат шуда буд, ки дар ин утоқ чизҳоеро, ки дар дигар утоқҳо ҷой нашаванд гузоранд, акнун ин гуна чизҳо хеле зиёд буданд, зеро як утоқро ба се иҷоранишин дода буданд. Ин одамон ҷиддӣ – чунон ки аз сӯрохии дар Грегор дид ҳар сеяшон кулӯтариш буданд – майдакорона дар ҳама ҷо тартибро ҷорӣ менамуданд, натанҳо дар утоқи худ, балки дар ҳама ҷойҳо бахусус дар ошхона. Онҳо чизҳои нодаркор, бахусус ифлосро тоқат карда наметавонистанд. Ба ғайр аз ин қисми зиёди ҷиҳозро бо худ оварда буданд. Бо ин сабаб дар хона чизҳои зиёдатӣ, ки набояд фурӯхта мешуд ва ё партофтанашон ҳайф буд пайдо шуданд.

Ҳамаи ин чизҳо ба утоқи Грегор интиқол ёфтанд. Қуттии хокистар, қуттии партов аз ошхона ва ғайра. Чизҳое ки шояд муваққатан лозим набуданд хизматгор доим саросемавор ба утоқи Грегор ҳаво медод. Хушбахтона Грегор танҳо ашёи ҳавододашуда ва дастеро, ки он ашёро медошт медид. Шояд хизматгор баъдан нияти ин чизҳоро дар ҷояш гузоштанро дошт, ё ин ки баръакс ҳамаашро мепартофт, аммо ҳоло онҳо дар ҷояш мехобиданд. Дар ҷое, ки

боре партофта шуда буданд, танҳо Грегор тавассути ин чизҳо ҳаракат карда онҳоро аз ҷояшон меҷунбонд – аввал ночор мехазид, зеро ҷои хазидан надошт ва сипас бо завқи зиёд тавассути чизҳои партофташуда ҳаракат мекард, ҳарчанд пас аз ин гуна сафарҳо соатҳо аз хастагии зиёд ва ғусса аз ҷояш ҷунбида наметавонист.

Аз сабабе ки иҷорашинон дар хона хӯроки шом мехӯрданд, дар меҳмонхонаи умумӣ дар ин гуна шом дарҳо пӯшида мемонданд, аммо Грегор ба ин тан дода буд, зеро дар он шомҳо ӯ дароз кашида дар кунҷи аз ҳама торик мехобид. Аммо боре хизматгор рӯзе дари меҳмонхонаро кушода монд, вақте иҷорашинон даромаданд равшанӣ гирон шуд. Онҳо аз он тарафи миз ҷойгир шуданд, ки қаблан падар, модар ва Грегор хӯрок мехӯрданд. Онҳо сачоқҳоро кушоданд ва ба дастонашон корду чангакро гирифтанд. Ҳамон лаҳза назди дар модар бо хӯроки гӯшти пухташуда ва зуд аз қафои ӯ хоҳар дар даст табақи пури картошка пайдо шуданд. Аз хӯрок дуд мебаромад. Иҷоранишинон ба хӯроки назди онҳо гузоштašуда нигоҳ карданд, мисли он ки қабл аз чашидан онро санҷидан мехостанд, ҳамоне, ки дар байн буд ва шояд байни ду дигаре ҳурмати махсус дошт пораи гӯштро дар болои табақ бурид. Бо ин кор мехост фаҳмад, ки он мулоим аст ва лозим нест ки онро баргардонад. Ӯ қонеъ гашт ва модару хоҳар, ки ҷиддӣ мушоҳида мекарданд пас аз ин бо таскин табассум намуданд.

Худи соҳибхонаҳо дар ошхона мехӯрданд. Аммо қабл аз он ки ба ошхона раванд падар ба меҳмонхона даромад, ба ҳама салом дод, дар даст кулоҳ аз назди миз рафт. Иҷорашинон дӯстона аз ҷой бархостанд ва зери ришҳояшон чизе ғур-ғур карданд. Сипас танҳо монда зери хомӯшии комил хӯрокашонро хӯрданд. Ба назари Грегор аҷоиб менамуд, ки аз ҳама овози рӯи мизи густурдашуда садои хоидани дандонҳо фарқ карда мистод, мисле, ки ба Грегор нишон медоданд, ки барои хӯрок дандон лозим аст ва аз ҳама ҷоғи беҳтарин он аст, ки дандон дошта бошад. Агар онҳо бедандонанд пас барои ҳеҷ чиз кор намеоянд. “Ман низ ягон чиз бошад мехӯрдам, – боизтироб ба худ гуфт Грегор, – аммо на оне ки онҳо тановул мекунанд. Чи хел ин одамон зиёд мехӯранд, ман бошам мурда истодаам!”

Маҳз ҳамон бегоҳ–Грегор дар хотир надошт, ки тӯли ҳамаи ин муддат ҳатто як маротибае, чи тавр хоҳараш ғиччак менавозад, шунида бошад – аз ошхона овози ғижжак мебаромад. Иҷоранишинон аллакай хӯрокхӯриро тамом карда буданд. Марди мобайнӣ рӯзномаро гирифта ба ҳамроҳонаш яксаҳифагӣ дод, акнун онҳо нишаста рӯзнома мехонданд. Вақте ғиччак садо дод, онҳо гӯш доданд, аз ҷояшон хестанд ва паси ҳамдигар ба назди дари роҳрав наздик шуда истоданд. Аз афташ онҳоро дар ошхона шуниданд, ки падар фарёд зад:

– Шояд ҷанобон мусиқӣ нофорам аст? Мешавад онро ҳамин лаҳза қатъ намуд.

– Баръакс – гуфт иҷорашини миёна – мумкин аст хонум ба наздамон биёянд ва дар ин утоқ, ки нисбатан фораму бароҳат аст бинавозанд?

– О, марҳамат! – хитоб кард падар, мисле ки ғиччакро ӯ менавохта бошад.

Иҷоранишинон ба меҳмонхона бар гаштанд ва интизор шуданд. Дере нагузашта падар бо лавҳ, модар бо нотаҳо ва хоҳар бо ғижжак пайдо шуданд. Хоҳар оромона барои навозиш ба омодашавӣ машғул шуд. Волидайн ҳеқ гоҳ, ки қаблан утоқашонро ба иҷора надода буданд, аз ҳад зиёд ба иҷорашинон нарм муносибат мекарданд, онҳо ҳатто ҷуръат намекарданд, ки ба курсиҳои худашон нишинанд. Падар ба дар такя намуд, дасти росташро байни ду тугмаи гузаронидашудаи костюмаш даровард. Модар, ки яке аз иҷорашинон курсиро дароз кард дар ҷояш гузошта худ дар як тараф дар кунҷе нишаст.

Хоҳар ба навохтан шурӯъ кард. Падар ва модар ҳар якеашон аз ҷониби худ бодиққат ба ҳаракати дастони ӯ нигоҳ мекарданд. Грегорро навозиш ба сӯи худ кашид ва ӯ ҷуръат пайдо намуд, ки пештар аз пештара ҳаракат кунад ва каллаи ӯ аллакай дар меҳмонхона буд. Ӯ қариб аз он дар ҳайрат мемонд, ки вақтҳои охир ба дигарон он қадар муносибати ҳушёрона надорад. Қаблан ҳушёрӣ ифтихори ӯ буд. Маҳз акнун нисбат ба ҳарвақта асоси пинҳон шуданаш буд. Аз сабаби чанги дар ҳамаҷои утоқашбуда ӯ низ саропо бо чанг пӯшида шуда буд; дар тахтапушташ бо худ ресмонҳо, мӯйҳо боқимондаи хӯрокро мекашонд. Ӯ акнун хеле бепарвоёна ба

ҳама чиз назар мекард, на мисли пештара, зеро ӯ чанд маротиба дар як рӯз рӯи тахтапушташ хобида онро дар гилем тоза мекард. Акнун новобаста ба сурати манфураш ӯ натарсида ба пеш аз болои фарши ялтаросии меҳмонхона ҳаракат кард.

Аммо ҳеҷ кас ба ӯ диққат накард. Наздикон пурра ба навозиши ғижжак ғӯтавар буданд, иҷорашинон бошанд аввал дастонашонро ба кисаи шимашон гузошта, рост бар назди лавҳи хоҳар меистоданд. Аз он ҷо онҳо ба нотаҳо назар мекарданд, ки ин албатта ба хоҳар халал мерасонд, дере нагузашта дур шуданд, бо ними овоз сарашонро хам карда ба ҳамдигар гап мезаданд. Падар низ нигоҳи боизтиробашро сӯи оина равон карда буд. Гӯё ба он монанд буд, ки онҳо фиреб хӯрда бошанд, зеро умед доштанд, ки мусиқии хуб ва шавқовари ғижжакро мешунаванд, ин саҳна онҳоро дилгар кард ва онҳо аз рӯи илтифот хомӯш меистоданд. Асабонияти бузургашон аз он шаҳодат медод, ки чи тавр онҳо ба боло, бо биниҳояшон ва даҳонашон дуди сигорро берун мекарданд. Аммо хоҳар чи хел хуб менавохт! Рӯи ӯ ба паҳлӯе хам шуда, бодиққат ва ғамгин ба нотаҳо назар мекард. Грегор каме боз ба пеш хазид ва барои он ки имконияти бо ӯ чашм ба чашм афтоданро соҳиб шавад бо сараш ба фарш ҷафс шуд. Оё ӯ ҳайвон буд, агар мусиқӣ ӯро ин қадар ба ҳаяҷон меовард? Ба назараш менамуд, ки дар пешаш роҳ ба сӯи хӯроки хоста ва номаълум кушода мешавад. Ӯ пурра ба қароре омада буд, ки ба назди хоҳар бароянд ва ӯро аз юбкааш кашида ба ӯ фаҳмонад, ки вай бо ғиччакаш ба утоқи ӯ дарояд. Зеро мисли ӯ инҷо ҳеҷ кас ба қадри навозишаш намерасад. Ӯ ба қароре омада буд, ки дигар хоҳарро аз утоқаш дигар берун бароmадан намемонад, ба ҳар ҳол то даме, ки ӯ зинда аст, бигзор сурати манфураш акнун ба ӯ хизмат мекард. Ӯ мехост ба назди дари утоқи ҳар нафаре рафта бо пичиросаш ҳамонеро, ки ба ӯ нияти наздик шудан мекунад тарсонад. Аммо хоҳар дар наздаш бе маҷбурӣ, балки бо хоҳиши худ бояд истад. Бигзор ӯ дар наздаш ба рӯи диван шинад ва гӯшашро ба ӯ хам кунад. Он гоҳ Грегор ба вай нақл мекунад, ки азми қавӣ дошт, ки ӯро ба консерватория дохил кунад ва агар ин бадбахтӣ сар намезад аллакай дар мавлуди гузаштаи Исо – шояд мавлуди Исо аллакай гузаштааст? – аз эътирози касе натарсида ба ҳама ин бор нияташро арз мекард. Пас аз ин суханон хоҳар аз ҳаяҷон гиря

мекард ва Грегор ба китфи ӯ баромада гарданашро бӯса мекард.

– Ҷаноби Замза! – фарёд зад иҷоранишини миёна ба падар ва дигар сухан нагуфта бо ангушташ ба Грегори оҳиста ба пеш ҳаракаткунанда ишора кард. Ғиччак хомӯш шуд, иҷорашини миёна аввал табассум кард, ба дӯстонаш бо сараш ишора намуд ва сипас боз ба Грегор назар кард. Аз афташ падар лозим шуморид, ки нисбат ба ҳай кардани Грегор аввал иҷорашинонро ором кунад, ҳарчанд онҳо дар ҳаяҷон набуданд ва Грегор мисли бозии ғиччак онҳоро нафастанг менамуд. Падар ба наздашон шитофт ва кӯшиш мекард бо дастони ба ду тараф кушодааш иҷорашинонро ба утоқашон тела диҳад ва дар ин баробар бо тахтапушташ Грегорро аз чашмонашон пинҳон дорад. Онҳо акнун дар ҳақиқат ғамгин шуданд – шояд аз рафтори падар пайхаст карданд, ки бо чунин ҳамсоя чун Грегор то ин замон зиндагӣ мекардаанд. Онҳо аз падар тавзеҳ доданро талаб мекарданд ва дар навбати худ дастонашонро бардошта ришҳояшонро панҷа мезаданд ва оҳиста ба утоқҳояшон мерафтанд. Дар ин вақт хоҳар парешонхотириашро паси сар кард, ӯ аз он парешон шуда буд, ки нохост навозишашро қатъ карданд; якчанд лаҳза дар дасти беқувватшудааш лавҳ ва ғиччакро дошта мисли оне, ки ба нотаҳо назар карда навозишашро идома додан мехост, вале як қад парида асбобашро рӯи зонуи модар гузошт – модар то ҳол дар курсиаш менишаст, кӯшиш мекард то ҳуҷуми нафастангиро бо нафаскашии чуқур рафъ намояд, Грета ба утоқи ҳамсоягӣ давид, ба утоқе ки зери фишори падар иҷорашинон низ зуд наздик мешуданд. Маълум буд, ки чи тавр зери дастони пуртаҷрибаи хоҳар кӯрпаҳо, ҷойпӯшҳо паридаву ба тартиб рӯи кати хоб ҷо ба ҷо мешаванд. Қабл аз он ки иҷорашинон ба утоқашон наздик шаванд, хоҳар рахти хобро аллакай ба тартиб даровар да аз он ҷо баромад. Падарро боз якравияш чунон фаро гирифта буд, ки ӯ ҳама гуна адабро фаромӯш кард. Ӯ вазифадор буд, ки ба иҷорашинонаш боадабона рафтор кунад. Вай онҳоро фишор медод ва иҷорашини мобайнӣ пойҳояшро сахт мекӯфт ва падарро боз намедошт.

– Иҷозат диҳед арз кунам, – гуфт ӯ дастонашро бардошта ва бо чашмонаш хоҳару модарро низ кофта – чи тавр тартиби зишт дар ин хонаву ин оила ҳукмфармо аст – ин ҷо акнун боҷуръатона ба

фарш туф кард, – ман қатъиян аз утоқ даст мекашам. Албатта ман ягон тин барои он рӯзҳое ки иқомат доштам пардохт намекунам, баръакс, ман боз фикр карда мебинам, ки ягон даъво изҳор намоям, шуморо бовар мекунам, ки даъвои асоснок дорам.

Ӯ хомӯш монд ва ба пеш бодиққат назар кард, мисле ки чизеро интизор мешуд. Ва дар ҳақиқат ҳарду дӯсташ ҳамон соат овоз бароварданд.

– Мо низ қатъиян раъд мекунем.

Пас аз ин дастаи дарро кашида бо садои баланд дарро пӯшид. Падар роҳаткурсиро ламс карда сӯрох мекард ва ба рӯи он афтод; аз нигоҳи аввал фикр кардан мумкин буд, ки ӯ мисли ҳарвақта ғанаб кардан мехост, аммо чи тавре ки сараш сахт ва беист меҷунбид маълум буд, ки ӯ тамоман хоб нест. Грегор доимо он ҷо беҳаракат дароз мекашид, дар он ҷое, ки иҷорашинон ӯро боз дошта буданд. Аз нақшаи кашидааш маъюс гашта ва шояд аз беҳолии гуруснагии дурударозаш тамоман қобилияти ҳаракат карданро аз даст дод. Ӯ шак надошт, ки ҳамин лаҳза ба сараш хашму ғазаби ҳама мерезад. Ӯ инро интизор буд. Ӯро ҳатто ғиччаке, ки аз дасти ларзидаистодаи модар афтод, натарсонид. Ғиччак аз зонуи модар афтода овози ҷарангдоре баровард.

– Волидайни гиромӣ, – гуфт хоҳар, бо даст рӯи мизро зад, то ки диққати ҳамагонро ба худ ҷалб кунад, – дигар ин тавр зиндагӣ кардан мумкин нест. Агар шояд шумо инро нафаҳмед , вале ман мефаҳмам. Мана дар назди ин махлуқи аҷуба номи бародарамро ба забон ҳам намеорам ва танҳо мегӯям: мо бояд аз он кӯшиши раҳо шуданро кунем. Мо ҳама корро ки аз ӯҳдааш мебаромадем кардем, мо ӯро нигоҳубинӣ ва тоқат мекардем, ба назарам моро нашояд таъна ва маломат зад.

– Ӯ ҳазор маротиба ҳақ аст, – гуфт бо садои паст падар. Падар аз афташ аз суханони хоҳар ба ягон фикри муайяне омада бошад, дар роҳаткурсӣ рост шуд; ӯ бо кулоҳи фирмавиаш бозӣ карда, ба табақчаҳои ҷамънашудаи рӯи миз ва гоҳе ба Грегори хомӯшмонда назар мекард.

– Мо кӯшиши аз ӯ раҳо шуданро бояд кунем, – гуфт хоҳар танҳо ба падар муроҷиат карда, зеро модар ҳеҷ чизро бо овози сулфааш намешунид, – ӯ ҳардуятонро мекушад, мана мебинед. Агар ҳамаи

мо ҳамин қадар бо душворӣ кору меҳнат кунем, пас дар хона ин азоби абадиро таҳаммул намудан нашояд. Ман низ дигар ин хел наметавонам.

Ӯ бо тамоми қувват чунон гиряву афғон мекард, ки ашкҳояш дар рӯи модар равон шуд ва хоҳар онҳоро бо ҳаракатҳои беихтиёрона бо даст пок мекард.

– Фарзандам, – бо ҳамдардӣ ва дарки тааҷҷубоварона гуфт падар, – чи кор кунем?

Хоҳар ҳамчун рамзи парешонӣ китфашро дар ҳам кашид баръакаси ҷасурии пешинааш, ки ӯро ҳангоми гиря карданаш фаро гирифта буд.

– Агар ӯ моро мефаҳмид... – нимпурсона гуфт падар

Хоҳар гиря карданашро идома дод, якбора дасташро афшонд, чун рамзи оне, ки оид ба ин чиз ҳеҷ фикре надорад.

– Агар ӯ моро мефаҳмид, – такрор кард падар ва ба ақидаҳои хоҳар оиди ғайриимкон будани он ҳамфикр шуда чашмонашро пӯшид, – шояд бо ӯ ягон хел паймон баста мешуд. Ин тавр бошад...

– Бигзор аз ин ҷо равад! – хитоб кард хоҳар – ин ягона чора аст падар. Ту танҳо аз он фикре раҳо шавӣ ки ин Грегор аст. Маҳз ҳамин боиси бадбахтии мост, аз он ки то ҳол ба ин боварӣ доштем. Ин чи гуна Грегор аст? Агар ин Грегор мебуд, ӯ барвақт мефаҳмид, ки одамон бо ин гуна ҳайвон зиндагӣ карда наметавонанд ва худ баромада мерафт. Дар он ҳолат мо дигар бародар намедоштем ва метавонистем мисли пештара зиндагӣ карда хотираи ӯро гиромӣ дорем. Лекин ин ҳайвон моро таъқиб мекунад, иҷорашинонро ҳай мекунад ва бешубҳа ҳамаи хонаро гирифта моро ба кӯча мепартояд. Нигоҳ кун падар, – ногаҳон фарёд зад ӯ, – ӯ боз амалашро такрор мекунад!

Ва даҳшати куллан барои Грегор нофаҳмо. Хоҳар ҳатто модарро аз курсӣ тела дода тарк кард, мисле ки қурбон кардани модарро нисбат бо Грегор мондан бартар медонист ва ӯ ҳам аз ҳаяҷон хеста дасташро дароз кард, мисле ки мехост ӯро ҳимоя кунад.

Аммо дар фикри Грегор ҳам набуд, ки касеро тарсонад, бахусус хоҳарро. Ӯ танҳо ба тоб хӯрдан шурӯъ кард, то ки ба утоқаш хазад ва ин амалаш зуд ба чашм расид, зеро аз вазъияти дарднокаш ӯ бояд дар гадишҳои душвор ба худаш бо сараш ёрӣ мерасонд,

чандин маротиба онро бардошта ба фарш мезад. Ӯ бозистод ва назар кард. Ҳадафҳои некаш аз афташ дарк карда шуд, тарс рафъ гашт. Акнун ҳама ба ӯ хомӯш ва ғамгин нигоҳ мекарданд. Модар дар курсӣ якпаҳлӯ зада, пойҳояшро рост кард. Чашмонаш аз хастагӣ қариб ки пӯшида шуда буданд; падар ва хоҳар паҳлӯи ҳамдигар менишастанд, хоҳар падарро аз гарданаш оғӯш гирифт.

“Шояд аллакай мумкин аст тоб хӯрам,” – фикр кард Грегор ва корашро боз оғоз кард. Ӯ аз шиддат наметавонист фашшос занад ва маҷбур буд истироҳат кунад. Бо вуҷуди ин ӯро ҳеҷ кас саросема намекард, ӯро ба аҳволи худаш гузоштанд. Гардишро ба охир расонида ӯ зуд рост хазид. Вай аз фосилаи зиёд, ки ӯро аз утоқаш ҷудо мекард дар ҳайрат монд ва намефаҳмид, ки бо ин хастагиаш ба қарибӣ ҳамин роҳро қариб, ки номаълум тай карда буд. Тараддуди ҳарчи зудтар хазиданро карда, қариб ҳеҷ чизро мушоҳида намекард. Ягон сухан, ягон бонги наздикон аллакай ба ӯ халал намерасонданд. Танҳо ба назди дар наздик шуда, сарашро пурра тоб надод, зеро ҳис кард, ки гарданаш шах шудааст, аммо кифоя буд ки бубинад то дар қафояш чизе тағйир наёфтааст ва танҳо дид, ки хоҳар аз ҷояш хестааст. Нигоҳи охиринаш ба модар афтод, ки акнун хоб буд.

Ҳамон лаҳзае, ки ба утоқаш расид, дарашро бо шитоб пӯшиданд, маҳкам ва сипас бо калид қулф карданд. Аз садои ғайричашмдошт, ки аз қафояш шунида шуд Грегор чунон тарсид, ки пойҳояш бемадор шуданд. Ин хоҳар буд, ки шитоб карда буд. Ӯ дар ҳолати омодабош қарор гирифта буд ва сипас ба пеш худро ҳаво дод – Грегор ҳатто чи навъ надик шуданашро нашунид, – ва Грета ба волидайн фарёд зад “Хайрият!” – калиди қулфро тоб дод.

“Акнун чӣ?” – пурсид худро Грегор, дар торикӣ ба ҳар тараф назар карда. Дере нагузашта дарёфт, ки дигар умуман ҳаракат карда наметавонад, балки ба ӯ ғайритабиӣ намуд, ки то ҳол бо ин пойҳои борик чи тавр тавонист ҳаракат кунад. Боқӣ ӯ ором буд. Ростӣ ба тамоми баданаш дардро эҳсос мекард, аммо ба назараш менамуд, ки он оҳиста сабук ва дар охир пурра мегузарад. Себи пӯсида дар тахтапушташ, ки атрофаш газак карда буд ва дар ин вақт аллакай бо чангу хок пӯшида шуда буд, қариб ки ҳис намекард. Ӯ доир ба оилааш бо некиву муҳаббат фикр мекард. Вай шояд аз хоҳар низ

бештар бо қатъият хоҳиши ғайб заданро кард. Дар ин ҳолат дар он даме, ки соати манора сеи шабро нишон дод, боқӣ монд. Вақте пушти тиреза ҳама ҷо равшан шуд ӯ ҳамоно зинда буд. Сипас каллааш новобаста ба иродаи ӯ хам шуд ва охирин маротиба нафас кашид.

Вақте субҳи барвақт хизматгор омад – ин занро чи қадаре қадаре, ки хоҳиш намуда буданд, ки мағал накунад, аммо ин дафъа низ саросемавор дарҳоро ба ҳам зада ворид шуд, бо омадани ӯ дар хона хоби бароҳат ба итмом мерасид, ӯ мисли ҳарвақта ба утоқи Грегор назар андохт, аммо дар аввал ягон чизи ғайриоддиро мушоҳида накард. Аз сабабе ки дар дасташ тасодуфан ҷӯроби дароз буд, хост бо он Грегорро дар назди дар истода қитиқ кунад. Азбаски ин амал низ натиҷа надод вай ғазаболуд шуда оҳиста Грегорро тела дод ва танҳо ҳамон лаҳза ӯ ҳушёр шуд, ки ӯро аз ҷояш ҷунбонда ягон муқовиматро аз ҷониби ӯ эҳсос накард. Дере нагузашта фаҳмид, ки чи воқеа рух додааст, чашмонашро калон кушод ва зуд ба дари хона хоб шитофт. Ва бо тамоми овоз дар торикӣ фарёд зад:

– Нигоҳ кунед, вай мурд, ана он тамоман мурда хоб аст!

Дар рахти хобашон ҳамсарон Замзаҳо аввал бо душворӣ тарсро паси сар карданд, ки бо пайдо шудани хизматгор ба вуҷуд омада буд ва сипас маънои ин суханонро дарк карданд. Ин ҳарфҳоро дарк карда ҷаноб ва хонум Замза ҳар яке аз ҷонибаи худ шитобкорона аз рахти хобашон хестанд, ҷаноби Замза ба китфаш кӯрпаро партофт, хонум Замза дар тан шабпӯш бархост; ҳамин тавр онҳо ба утоқи Грегор ворид шуданд. Ҳамон лаҳза дари меҳмонхона, ки Грета аз замони омадани иҷорашинон шабро рӯз мекард, кушода шуд; ӯ дар тан либос дошт, мисли оне ки тамоман хоб набуд ва паридагии ранги рӯяш низ инро дарак медод.

– Мурд? – гуфт хонум Замза, саволомез ба хизматгор нигоҳ карда, ҳарчанд метавонист худ бисанҷад ё ҳатто бидуни санҷиш фаҳмад.

– Ҳамин тавр аст – гуфт хизматгор ва чун далели гуфтаҳо бо ҷорӯб ҷасади Грегорро боз ҳам дуртар ба сӯе тела дод. Хонум Замза чунин ҳаракате кард, ки гӯё мехост ҷӯробро дорад, аммо онро надошт.

– Ана, – гуфт ҷаноби Замза – акнун мо метавонем Худоро шукрона кунем.

Ӯ ба худ салиб кашид ва се зан низ кори ӯро такрор карданд. Грета ки аз ҷасад чашм намеканд, гуфт:

– Нигоҳ кунед ӯ чи тавр хароб шудааст. Зеро ӯ муддати зиёд чизе нахӯрда буд. Чи хӯрокеро наёранд ба ягон тоаш наздик намешуд.

Тани Грегор низ дар ҳақиқат куллан хушк ва ҳамвор буд, ин танҳо акнун маълум гашт.

– Лаҳзае ба наздамон даро Грета, – гуфт хонум Замза бо табассуми ғамолуд ва Грета беист ба ҷасад назар карда аз қафои волидайн ба хонаи хоб рафт. Хизматгорзан дарро пӯшид ва тирезаҳоро калон кушод. Новобаста ба барвақтӣ ҳавои тоза гарм буд. Охири моҳи март буд. Се иҷорашинон аз утоқашон баромада субҳонааашонро наёфта дар ҳайрат монаданд: онҳоро фаромӯш карданд.

– Субҳона дар куҷост? – хизматгорро туршрӯёна пурсид иҷорашини миёна. Аммо хизматгор ангушташро ба даҳон бурада ба иҷорашинон хомӯшона сар ҷунбонд, ки ба хонаи Грегор дароянд. Онҳо аллакай ба хонаи равшани Грегор даромада ҷасади ӯро иҳота карданд, ва дастонашонро ба кисаҳояшон андохтанд. Ин вақт дари хонаи хоб кушода шуд. Ва ҷаноби Замза аз як тарафаш завҷааш ва аз ҷониби дигар духтараш пайдо шуданд. Чашмони ҳамаашон каме гиряолуд буданд. Грета не-не гӯён бо рӯяш ба китфи падар ҷафс шуд.

– Ҳамин ҳоло хонаамро тарк кунед! – гуфт ҷаноби Замза ва ба сӯи дар ишора кард, ҳарду занонро аз наздаш дур накарда.

– Шумо чиро дар назар доред? – қадре хиҷолат кашида гуфт иҷоранишини мобайнӣ ва хушомадгӯёна табассум намуд. Ду нафари дигар дастонашонро ба пушт бурда бе навбат ба ҳам молиш медоданд, мисли оне ки бо шоди интизори баҳси бузурге бошанд, ки натиҷаи нафратоваре дошта бошад.

– Ман ҳамон чизро дар назар дорам, ки ҳоло гуфтам – ҷавоб дод ҷаноби Замза ва паҳлӯ ба паҳлӯ бо ҳамроҳонаш ба иҷоранишинон наздик шуд. Ӯ якчанд лаҳза хомӯш ба фарш назар карда истод, мисле ки дар майнаааш ҳама чиз аз нав ба тартиб омада бошад.

– Хайр ин тавр бошад мо меравем, гуфт сипас ӯ ва ба ҷаноби Замза нигоҳ кард, мисле ки якбора ризо шуда бошад ва дар ин ҳо-

лат низ розигии ӯро интизор буд.

Ҷаноби Замза танҳо чанд маротиба чашмонашро песонда ба ӯ сар ҷунбонд. Пас аз ин иҷоранишин дар ҳақиқат ҳамон лаҳза бо қадамҳои калон ба баромадгоҳ равон шуд. Ҳарду дӯсти ӯ ки ба вай гӯш медоданд, аллакай дастмолиашонро қатъ карданд ва зуд аз қафояш ҷаҳиданд, мисле метарсиданд, ки ҷаноби Замза ба баромадгоҳ қабл аз онҳо наздик мешавад ва онҳоро аз саркардаашон ҷудо мекунад. Дар даҳлез ҳар се иҷорашин аз либосовезак кулоҳашонро гирифтанд, аз сутунчаи барои асоҳо асояшонро гирифта хомӯшона таъзим карда хонаро тарк карданд. Ҷаноби Замза бо ҳарду занон ба майдончаи назди зина чунон ки маълум шуд бо нобоварии беасос баромад. Онҳо ба панҷара такя карда медиданд, ки чи тавр оҳиста вале устуворона онҳо аз зинаи дароз мефаромаданд, дар гардишҳои муайяни ҳар ошёна нопадид ва пас аз чанд лаҳза аз нав намоён мешуданд; чи қадаре ки ба поён мерафтанд, ҳамон қадар оилаи Замзаҳоро диққаташонро кам ҷалб мекарданд, аммо вақте аз рӯ ба рӯ ва сипас аз онҳо болотар ҷаноби Замза бо қаду қомати бокарруфараш дар сар сабадро гузошта боло рафт, занон майдончаро тарк карда бо як таскину оромӣ ба хона баргаштанд.

Онҳо ба қароре омаданд, ки имрӯзро ба истироҳат ва сайру гашт мебахшанд; онҳо натанҳо ин танаффус дар корашонро сазовор гаштанд, балки он барояшон лозим буд. Барои ҳамин ҳам онҳо паси миз нишаста се баёнот навиштанд: ҷаноби Замза–ба роҳбарияти худ, хонум Замза–ба корфармои хеш ва Грета ба сардори худ. Вақте онҳо менавиштанд хизматгорзан даромада гуфтанӣ буд, ки меравад, зеро кори пагоҳирӯзии ӯ иҷро шудааст. Аз сабабе, ки онҳо менавиштанд аввал чашмонашонро набардошта танҳо сар ҷунбониданд, аммо хизмагор ба ҷои он ки биравад дар ҷояш монд ва онҳо ба ӯ нигоҳи норозиёна карданд.

–Хайр? – гуфт ҷаноби Замза.

Хизматгор табассум карда дар назди дар бо он сурате меистод, ки гӯё хабари хурсандонае барои оила дошта бошад ва танҳо пас аз пурсуковҳои зиёд нияти гуфтан дошт. Пари амудии шутурмурғи дар кулоҳаш буда, ки қариб доим ҷаноб Замзаро хашмин менамуд, ба ҳар сӯ алвонҷ мехӯрд.

–Ҳайр ба шумо чӣ лозим? – пурсид хонум Замза, ки хизматгорзан ба ӯ нисбатан муносибати эҳтиромона дошт.

–Ҳа, – ҷавоб дод хизматгор – нисбати онро чи тавр тоза кардан ташвиш накашед ҳам мешавад. Аллакай ҳамааш хуб аст.

Хонум Замза ва Грета ба рӯи мактубҳои хеш хам шуда буданд, мисле ки навиштанашонро идома медода бошанд. Ҷаноби Замза пай бурд, ки хизматгор нияти муфассал гуфтани хабарро дорад ва қарор дод бо дасташ ишора кунад то ӯ суханашро қатъ кунад. Барои он ки ба ӯ иҷозати гапзанӣ надоданд, хизматгор ба ёдаш омад, ки саромема аст, аз ин сабаб ранҷида дод зад: “Нағз бимонед!” – якбора тоб хӯрд ва хонаро бо задани дар тарк намуд.

–Бегоҳ ӯро аз кор озод мекунем, – гуфт ҷаноб Замза, вале на аз ҷониби завҷа ва на аз ҷониби духтар ҷавоберо нашунид, зеро хизмагор оромии бадастовардаашонро халадор карда буд. Онҳо аз ҷояшон хестанд, ба тиреза наздик шуданд ва якдигарро оғӯш гирифта он ҷо боқӣ монданд. Ҷаноби Замза ба курсӣ нишаста ҷониби онҳо гашт ва чанд лаҳза хомӯш ба онҳо нигоҳ кард. Сипас ӯ хитоб кард.

–Ин ҷо биёед. Акнун гузаштаро фаромӯш кунед. Камтар маро низ фикр кунед.

Занҳо ҳамон лаҳза ба ӯ итоат карданд ва ба сӯяш шитофтанд, ӯро навозиш карданд ва зуд номаашонро ба анҷом расониданд.

Сипас онҳо хонаро ҳар се якҷоя тарк карданд, ин корро чанд моҳ боз накарда буданд ва бо трамвай берун аз шаҳр рафтанд. Вагоне ки онҳо танҳо менишастанд аз шуои гарми офтоб пур буд. Ба нишатгоҳҳояшон қулай такя карда ояндаашонро муҳокима мекарданд. Дар рафти баррасӣ маълум гардид, ки ояндаашон он қадар ҳам бад нест, зеро фаъолияти хизматиашонро, ки то ҳол аз якдигарро намепурсиданд маълум шуд, ки қулай ва аз ҳама муҳимояндаи нек доштаст. Албатта ҳоло ивази хона метавонист ба таври куллӣ вазъияташонро беҳтар гардонад. Онҳо ба қароре омаданд, ки хонаи хурдтар ва арзонтар, аммо бароҳаттар ва умуман мувофиқро иҷора гиранд, нисбат ба он хонаи ҳозира, ки Грегор интихоб карда буд. Вақте онҳо сӯҳбат мекарданд, ҷаноб ва хонум Замза бо дидани духтари боз ҳам зиндадил гаштаашон якбора ба сарашон омад, ки новобаста ба ҳамаи мусибатҳо, ки рухсораҳояшро беранг

кардааст, ӯ дар вақтҳои охир шукуфта ба як духтари зебои пурдабдаба мубаддал шудааст. Хомӯшона ва қариб беихтиёрона онҳо ба забони нигоҳ гузаштанд, онҳо фикр мекарданд, ки вақти ҷустуҷӯи шавҳари хуб барои ӯ расидааст. Ва ҳамчун тасдиқи орзуҳои навашон ва мақсадҳои хубашон, духтар дар охири сафарашон аз ҷояш бархост ва қаду қомати ҷавонашро рост кард.



***Аз олмонӣ тарҷумаи***
***унвонҷӯи кафедраи забоншиносӣ ва***
***типологияи муқоисавӣ***
***Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна***

# Исоҷон Султон



(1967)
(Ӯзбекистон)

# *Қисмат*

## Писари хурдӣ

Сутунҳо бо гузашти рӯзгор ранги ҷигарии сиёҳтоб гирифта, роғроғ ба дарозӣ кафидаанд. Дар баъзе тарқишҳо мӯрчаҳо гашту гузор доранд. Дар як тарқиши калонтар занбӯрҳои ғингак хона кардаанд. Бисёр нестанд онҳо. Танҳо ҳаштто ё нуҳто. Саҳарӣ, вақте ки намнокии ҳаво бештар аст, дар як ҷо ғунду ҷамъ мешаванд, болҳояшон ки хушк шуд, ҳар сӯ парида мераванд. Садои боли занбӯрони болашон намнок пасту ғафс аст. Занбӯрони болашон хушк бо садои баланду борик парвоз мекунанд.

Захми неши инҳо дар аввали баҳор чандон дарднок нест. Дар тобистон зӯри заҳрашон меафзояд. Дар тирамоҳ бисёр ҷонкоҳ мешавад. Мӯрчаҳову занбӯрҳо ба ҳамдигар кордор намешаванд. Ҳар кадоме бо ташвишу тараддуди худ овораанд.

Дару девори ҳавлӣ шӯр баста, ба сафедӣ моил шудааст. Дар ҳар ҷо-ҳар ҷойи саҳнаш шӯраҳо рӯйидаанд. Дар байнашон якто-дуто аҷириқ ҳам ба чашм мерасад, лекин онҳо нимҷонанд, зарду пажмурдаанд. Ин алафи беор, ки сангро шикаста, аз байнаш мерӯяд ва дар ҳар ҷо, ки пеш ояд, сабзу афзун шудан мегирад, аз чӣ бошад, ки ба шӯрӣ хуш надорад. Дар замини шӯр решаҳояшро ғундошта, худаш дар зери тоби офтоб дароз мекашад. Шамол решаҳои нимхушки сабукшудаашро кашида ба ҷойи дигар мекӯчонад ва решаҳои ҳассосаш, ки андак намиро ҳис карданд, зуд панҷа меронанд ва дар давоми чор-панҷ рӯз дар хоки намнок маҳкам ҷой мегиранд ва аҷириқ сабзида рафтан мегирад.

Дар таги айвон – ду сабат. Дар даруни сабати якум – нон. Нони бомазза. Андак обаш парида бошад, боз бомazзатар аст. Аммо модарам намемонад, ки ба серӣ хӯрем. Агар нон пурсем, як бурдаяк медиҳад. Баъзан нонпалав мепазад. Ба нонпалав сабзӣ ҳам меандозад. Нонпалави сабзидор маро намефорад, ман фақат нонашро мехӯрам. Умуман нонро бисёр қадр мекунад модарам. Баъди хӯрдани таом нонрезаҳоро бо ҳавсала меғундорад, сонӣ ба бародарам, баъзан ба ман медиҳад. «Бихӯр, паҳлавон мешавӣ» – мегӯяд. Аммо ман хуши нонрезахӯрӣ надорам.

Дар сабати дувум – қурут. Дар ҳар ҷо-ҳар ҷояш хок часпидааст,

аммо равғанину бомазза.

Дар паси хона – полиз. Полиз – бисёр ороставу пероста. Дар он ҷо рухсати бозӣ кардан нест. Огардҳо росту ҳамворанд. Ҳангоми обмонӣ дар ягон ҷой об ҷамъ намешавад, ба хати дигар ҳам ҷар намезанад, балки огардҳо ҳамвору якмаром об хӯранд. Дар атрофи полиз – қатори дарахтони мева. Дарахти калони себи сурх, нок, олу ва чормағз. Дар таги дарахти чормағзу зардолу алаф намерӯяд. Сонӣ растаи сафедорон қад афрохтааст. Сафедоронро, ки калон шуданд, бурида мегиранд. Вақти буридани сафедор бӯйи ширааш, ки сари одамро чарх мезанонад, васеъ паҳн мешавад. Вақти аз пӯстлохаш тоза кардан ҳам ҳамин бӯй ҳама ҷойро фаро мегирад. Шоху баргаш аловии танӯр мешавад, пояаш ҳамчун синҷу болори хона корбаст мегардад. Аз ин ҷост, ки сафедор бисёр аст, шуморааш аз панҷоҳ бештар меояд. Баргҳояш аз боди андак ҳам ба рақсу бозӣ медароянд. Баъди инҳо – полизи ҳамсоя. Сонӣ – аз они кимкиҳои дигар. Баъд – саҳро, дар канори саҳро як заҳбур аст. Оби заҳбур дар баҳорон – лойолуд, дар тобистон – шаффоф ва дар тирамоҳон ранги каб-кабуди осмонӣ мегирад ва оромона ҷорӣ мешавад. Сухан дар бораи ҳамин заҳбур меравад, аниқтараш, дар бораи аҷоиботе меравад, ки ман дар ин заҳбур дидаам. Дар ин ҷо моҳии тилло ҳаст. Аз ҳастии ин моҳӣ як ман хабар дораму як Худо. Ин моҳӣ ба заҳбур аз куҷо ва чӣ гуна омада бошад? Дирӯз раъд сахт ғуррид, барқ дурахшида, шабро лаҳза-лаҳза рӯз барин равшан кард. Садои ваҳмангези раъд чунон баланд буд, ки гӯё осмон таркида бошад. Сонӣ жолаи беамон борид. Аз рӯйи гап, барфу яхи қуллаи кӯҳҳое, ки аз ҳамин ҷо метобанд, лағжида фуромадааст ва деҳаҳои сари роҳашро вайрону валангор карда, ба сели даҳшатбор табдил ёфтааст ва то ҳамин ҷойҳо омадааст. Ҳамин заҳбур ҳам саршори пойоба гардидааст. Шояд ин моҳӣ бо ҳамон сел омада бошад?

Вай нимирӯзӣ, айни тафси ҳаво, рӯйи об мебарояд. Норизоёна ба офтоб менигарад. Сонӣ сахт-сахт дум мезанад. Ҳангоми дум заданаш садои қарсасу чарсас баланд мешавад.

Найҳо ҳам ҳамин гуна садо медиҳанд. Барои он ки дарунашон холист, ҳангоми вазиши бод хам хӯрда, ҳамин гуна садо медиҳанд.

Ман ранги ин моҳиро дӯст медорам. Вай ранги тобон дорад. Дар

даруни об бисёр зебо метобад, аммо ба рӯйи об барояд, рангаш хира мешавад. Аз сари дум то фарқи сараш ранги нозуке аёну ноаён дигаргун шуда меравад. Аз қирмизии баланд ба қирмизии кушод мегузарад, сонӣ ба зардӣ табдил меёбад. Болҳояш – сурхи кушод, холҳои сиёҳу ҳошияҳои зард дорад, ба боли боронхӯрдаи шаҳпарак монанд аст. Ба гапҳоям гӯш андохтанашро ҳам медонам. Гап занам, оромона нигоҳ карда меистад. Бо сабру таҳаммули тамом хулосаи гапро мунтазир мешавад. Вақте ки ба рӯйи об мебарояд, мурғакон хомӯш мешаванд, овози ҳашарот мегирад. Сӯзанакҳои пояи найҳо аз ҳар гуна ҳаракат мемонанд. Аммо садои шамолак баланд мешавад, ба гӯш чунин мерасад, ки чизе нолиш мекунад. Моҳӣ шамолакро дӯст медорад. Шояд аз мавҷҳои маҳине, ки дар ҷуссаи дурушташ мешикананд, хушаш меояд. Нури офтоб бо об омехта, дар бадани тобноки ӯ ҷило медиҳад. Гӯшаҳои бари гӯшаш ҳамвораву якмаром меҷунбанд. Вай шояд дар об ҳамин гуна нафас мекашад. То ҳошияи гирди чашмаш нурполост.

Дар қиёми рӯз модарам ҳамроҳи бародарам барои бастани сари об мераванд. Барои он ки полизро рӯзона об намедиҳанд. Обёрии киштзор пагоҳӣ ё шабона гузаронда мешавад. Ман аз фурсат истифода бурда ба полизи ҳамсоя мегузарам. Ҳамсоя дар атрофи заминаш макка киштааст. Маккапояҳо полизро мисли девори сабз печонда гирифтаанд. Дами баргҳои маккапоя банди дастҳоямро месӯзонад.

Ба сари заҳбур меравам ва баҳузур менишинаму ба об нигариста, мунтазир мешавам. Моҳӣ омадани маро ҳис мекунад, аммо даррав намебарояд. Ман ҳам дилтанг намешавам. То ба рӯйи об баромаданаш бо алафи ҳашаротхӯр бозӣ мекунам. Гулаш калон - калон аст, васеъ кушода мешавад, рангаш равшан аст. Дарунаш холчаҳо дорад. Ангушт расонам, баргҳои гулашро зуд ғунча мекунад. Чунин менамояд, ки чашмашро мепӯшад, як алафи тарсуи ҳаросон аст ӯ.

Гоҳо зочаи безебу хунуки сӯзанак аз зери об ба пояи най ё ягон алаф часпида мебарояд. Вай бисёр баднафсу пурхӯр аст. Ҳар чӣ, ки аз роҳаш барояд, фурӯ мебарад. Баъзан аз хӯрдани ҳамзодони худаш ҳам ибо намекунад. Дар поя соатҳо ноҷунбон меистад. Баъд аз сари китфаш медарад. Аз ҷойи даридааш як ҷонзоди кал-

лакалони ҳарирбол, ки шаклу намуди хос дорад – сӯзанакча, берун меояд. Рӯ ба рӯйи офтоб нишаста болашро хушк мекунад. Болаш, ки хушкид, фиррӣ парида меравад. Кафлесакҳои даруни лойоба ҳам оҳиста-оҳиста шаклу намуди дигар гирифта, ба қурбоқачаҳо табдил меёбанд. Андаке дуртар, дар байни решаҳои зери оби кундаи бед, мори пире зиндагӣ мекунад. Вай дар нимирӯзӣ аз ҷойи сояю серун баромада меояд. Аммо ба теғи нури офтоб тоб оварда наметавонад. Дар сояи ғафси бед ба ягон решаи кӯҳна печида хоб меравад. Соатҳо мегузараду аз ҷояш намеҷунбад. Баъзан пӯст мепартояд.

Аммо ҳангоми рӯйи об баромадани моҳии ман овози ҳамаи ҷонварон мегирад. Ҳатто шаҳпаракҳо ҳам аз паридан мемонанд. Аз рӯйи донисти ман дар ин гирду атроф чунин моҳӣ вуҷуд надорад. Дар ёд ҳам надорам, ки касе чунин моҳиро дида ё дар бораи мавҷудияташ шунида бошад.

**Писари мобайнӣ**

Ғайр аз ман каси дигаре надонист, ки ин моҳиро Худо фиристодааст. Баъди он ки додаракам дар бораи ин моҳӣ маро огоҳ кард, чанд бор пинҳонӣ ба сари заҳбур рафтам. Ҳар бори рафтанам ӯро дидам.

Дар овони баччагиам аз модарам бисёр мепурсидам, ки одамон баъди мурдан чӣ мешаванд. Модарам мегуфт: «Маро ба қабр мемонӣ, сонӣ ҳар замон омада хабар мегирӣ». Ман боз мепурсидам: «Шумо баъди мурданатон аз гӯр баромада наметавонед?» «Агар Худо хоҳад, мебароям» – мегуфт модарам. «Худо нахоҳад –чӣ?». «Агар Худо нахоҳад, чӣ гуна мебароям, баччаҷон?».

Як бор гуфта буд, ки баъди мурдан, рӯҳи одам ба тани ҷонварони дигар, бештар ба тани шаҳпарак ё ҷонварони майдатар, баъзан ба тани ҷонварони калон ҳам мегузарад. Шаҳпарак парида меояду оромакак мешинад, рӯҳи марҳум аз даруни шаҳпарак гирду атроф ва одамони наздикашро тамошо мекунад. Ин гапро модарам як - ду сол пештар гуфта буд. Ҳоло вай бемор аст, нобино шуда мондааст. Ягон ҷой рафтанӣ шавад, аз дасташ дошта, бурда меорем.

Андеша мекардам, ҳангоме ки сели ҳафтаи гузашта қабристони деҳаро якбора бо гӯри падарам вайрону валангор карда меомад,

шояд рӯҳи падарам ба даруни ҳамин моҳӣ даромада бошад. Чунки шаби дигараш як пирамардро хоб дидам. Дар канори заҳбур будаам. Вай гуфт: «Шумо калон шудед, лекин модаратон ранҷур аст. Падарат моҳӣ шуда, назди ту омад. Ба бародарат бигӯй, онро ба модарат пухта диҳад, модарат сиҳат мешавад».

Падарам як инсоне буд, ки... Дар тамкину вазнинӣ як санги осиё буд... Камгап буд... Ҳангоми роҳ гаштанаш замин меларзид. Ба ҳавлӣ дарояд, аз ҳайбаташ дами ҳама ба дарун мезад. Моҳӣ ҳам чунин аст. Дар бораи хоби дидаам бисёр фикру хаёл кардам. Ниҳоят, бо андешаи он ки «Рӯҳи падарам боз ба даруни ягон ҷонвари дигар даромада меояд, ҳамин моҳиро ба модарам пухта диҳем, шояд ки сиҳат шавад», сирри моҳиро дар назди бародар кушодам.

Бародарам камони падарамро гирифта, шитобон баромада рафт. Соате нагузашта буд, ки дошта овард. Худи моҳиро надидам, вай дар халта буд. Ман бо тарсу ҳаяҷон аз канори полиз наздиктар наомадам. Гиря гулӯгир кард ва ба рӯҳи ӯ илтиҷо кардам: «Падар, ҷон падарҷон, ту мурда рафтӣ, аммо модарам бемор-ку... Магар вай ҳам бимирад? Туро мо намехӯрем-ку? Ту боз ба даруни ягон моҳии дигар даромада мегирӣ...». Ман зор-зор гиристам. Бародарам корди калонро гирифта, назди оташдон рафт ва ба тарошидани пулакчаҳои моҳӣ пардохт. Ҳамин вақт аз дари ҳавлӣ додаракам даромад. Вай чиро ҳам медонист? Аз он ки сирри моҳиро ошкор кардам, сахт хафа шуд. Омада аз мӯйи сарам маҳкам дошта, ба лату кӯб сар кард...

## Писари хурдӣ

Ба ҳавлӣ даромадам, ки модарам – дар зери айвон, дар наздаш – як табақ моҳибирён, монанди моҳи тобон нишастааст. Овози маро шунида, рухсори пурожангашон ҳамвор шуда, ба лабҳояшон табассум дамида, бо овози фавқулода ҳотамона гуфт:

– Биё, баччаҷон, биё! Ба сари камбағал ҳам офтоб баромад, бародарат моҳӣ овардааст. Биё, ту ҳам хӯрда гир.

Дар канори ҳамвории айвон аз сангу кулӯх оташдон сохтаанд, ба оташдон дег гузоштаанд, ҳезумҳои сӯхтаву нимсӯхта, лахчаҳо қӯр баста, қисме хокистар шудаанд, қисме қарсу қурс садо медиҳанд. «Моҳӣ?!»

Дар канори оташдон пулакчаҳои тарошида ва сару думи моҳӣ паҳну парешон мехобиданд. Ҳамин вақт аз куҷое гурбаи ҳамсоя пайдо шуду бо як ҳаракати чобукона сари моҳиро рабуда, дуртар бурд ва чашмони фирӯзамонандашро аз чашми ман наканда саросемавор ба хӯрдан сар кард.

– Ин моҳӣ муборак аст, – овози модарам ба гӯшам расид. – Аз авлоди моҳиест, ки ҳазрати Юнус-пайғамбарро фурӯ бурдааст... Бародари калониам дер боз моҳӣ нахӯрданашро ба ёд оварда, изҳори ҳайрат мекард, ки ин гуна моҳии бомазза, ки дар даҳон худ ба худ об мешавад, аз куҷо омада бошад. Вай барои лаззати бештар бурдан мекӯшид, ки луқмаҳоро бештар хояд ва маз-маза кунад.

–Худои таоло моҳиро ҳалол офаридааст, – ҳамоно таъриф мекард модарам. – Зиндааш ҳам ҳалол асту мурдааш ҳам. Барои ҳамин аз ғаласамааш бисмил ҳам карда мондааст.

Моҳӣ ?!

Ин ҳамон моҳие, ки як ман медонистаму як Худо?!

Бародари хурдиам дар таги тут бо сари хам менишаст.

–Ту чаро ба инҳо гуфтӣ?! – Дод задам ба сараш ва ба ҳуҷум гузаштам. – Буғзам шикаста овозам гирифта буд. – Инҳо моҳиро мехӯранд-ку?!...

Аҷабо, бародари хурдиам ба зарби муштҳои обдори ман ҷавоб намегардонад, сарашро бо ду дастонаш панаҳ карда, мегиряд ва ба замин шишта мегирад. Ман гиряи ӯро дида, гумон кардам, ки аз тарс мегиряд. Барои он мегиряд, ки инҳо ҳамин гуна моҳии аҷоиброро парвое накарда, бо иштиҳо мехӯранд. Бинобар ин дубора ба лату кӯбаш пардохтам:

Медонистӣ, ки вай чӣ моҳие буд?! Моҳии тилло буд! Моҳии тилло!!!

Бародари хурдиам ҳамоно фиғонкунон мегирист, зарби муштҳои маро ҳис намекард. Баъд ба гӯшам даромад, ки чӣ мегӯяд:

–Падар... Падарҷон... – мегирист ӯ.

Оташ хомӯш шуда буд, чарсу чирси лахчаҳо дигар шунида намешуд.

Писари калонӣ

Ба хоби додаракам як мӯйсафед даромадааст. Гуфтааст, ки агар

модарат моҳӣ хӯрад, сиҳат меёбад, чашмаш бино мешавад. Рӯзи ҷумъа ба лаби заҳбур равӣ, падарат моҳӣ шуда меояд, шумо ӯро дошта, ба модарат пухта диҳед.

Вақте ки камони падарамро гирифта ба лаби заҳбур рафтам, воқеан ҳам моҳӣ дар рӯйи об будаст. Почаи шимамро бар зада, ба об даромадам. Зери об лойи ғафс ва даруни лой пур аз пихи най ва хасу хошок будааст, ки ба поям даромад. Ба камон тир ҷой кардаму парондамаш, ки моҳӣ як тапиду чаппа шуд.

Ба хона баргаштам, ки додарам давида омад. Аз афту андомаш маълум буд, ки сахт дар тарсу изтироб аст.

–Ақлу ҳуш дорӣ ё не?! – Дод задам ба сараш. – Охир, ин як хӯрокворист! Рав, барои оташдон ҳезум биёр!

Пулакчаҳои моҳиро тарошидам, шикамашро чок кардам, рӯдаву шикамбаашро гирифта партофтаму ҷойҳои сафеди сергӯшташро бо равғани зардаш якҷоя пора кардам. Ба таги дег худам оташ афрӯхтам. Чун таги дег ба ҷиззу биз сар кард, тарафи равғанини порчаҳои моҳиро ба тарафи дигар гардонда, пахш кардам.

–Ана, – гуфтам бо қаноатмандӣ. – Ана акнун шуд!... Ана, акнун дар дег зирбону бирён мешавӣ, падар! Орзу мекардам, ки дар дӯзах ҳамин гуна бисӯзӣ! Худои таоло барои ҳамин туро ба мо ҳадя фиристод ва ба сурате фиристод, ки дар оташи сӯзон зирбону бирён шуданӣ бошӣ!

Дар хотират ҳаст, ки ту модарамро лату кӯб мекардиву ман ба дасту поят мечаспидам?! Ана – ба ту! Ҷаззас кун! Ҷазза шав! Бирён шав! Ҷаззас кардан гир!

Арақ хӯрда, маст шуда, омада ҳамаро чаппаву роста карданат – чӣ? Ба сари ман каланд андохта, китфамро маҷрӯҳ карда будӣ, пайи захмаш ҳозир ҳам ҳаст, ҳозир ҳам хунаш мечакад, аз китфам не, аз дарунам, аз дилу ҷигарам мечакад!

Дар умрам як бор «падар» – гуфта, ба ту наздик шуда натавонистам. Ҳамчун як писар бо меҳри фарзандӣ ба бағалат даромаданӣ шавам, аз ҳайбату сиёсатат дилам мерамид. То дувоздаҳсолагӣ метарсидам, ки маро ба тори бом партоб мекунӣ. Як бор додарамро ҳамин гуна ба болои бом ҳаво дода будӣ. Дами бечора баччае, ки бо фиғон гиря мекард, ба дарун зад. Ҳангоми болои ғӯзапояҳо афтиданаш ҳам дамаш намебаромад... Аз хона камонатро баровар-

да, ба сари модарам бонг зада будӣ, ки «мепарронам!». Модари бечораам «Паррондании бошӣ паррон! Мурданӣ бошам, мурда шудам» – гуфта, худашро ба замин зада зор-зор гириста буд...

Гуфтан гирам?

Ба аспат савор шуда, баромада мерафтӣ. Бо ҳамин рафтан чанд муддат сояатро ҳам нишон намедодӣ. Баъди чандин рӯзу чандин шаб меомадӣ, дар фитрокат ду-сето қашқалдоқу мурғи даштӣ меовардӣ ва мегуфтӣ: «Ма, пухта хӯр ҳамаат! Заҳру маргат шавад!». Сонӣ улфатҳоят меомаданд. Модарам сайдатро пухта ба назди худатон медаровард. Барои мо фақат пасмондаҳои ночизаш мерасид...

Мана, акнун дар оташ бирён шав! Ҳангоми кӯдакӣ чӣ будани падарро надонистанам кам будааст, ки калон шуда, аз даруни полиз набаромадам. Аз рӯзе ки ақламро шинохтам, меҳнат кардам, аз ҳайбатат тарсида, ба кӯча баромада натавонистам. Мана, ҳоло ҳам олудаи хоку гилам... Бирён шав! Ҷаззас зан! Ҷазза шав!...

### Падар

Як найистон будаст. Рангаш – зарди ба сафедӣ моил, қади найҳо – дароз-дароз, соқҳояш – хушки хушк. Найистон поён надорад. Шаввас мезанад. Осмонаш – кабуди кабуд.

Дар ҳамин найистон ҳазорон сол аст, ки найдаравӣ мекунам. Аммо найистон тамом намешавад. Дар ҷойҳои заҳу кӯлмакҳояш поямро каждумҳои обӣ мегазанд. Баъзан дар зери поям чизе шалаппас мезанд. Бисёр мехоҳам, ки чӣ буданашро бинаму донам, аммо намебинаму намедонам. Ҳазорон сол боз ҳамин найистони бепоёну парвози сабуксоронаи пӯпакҳои гули най.

Дарави ҳамин найистонро анҷом диҳам, як воқеа рӯй медиҳад. Илоҷе карда даравашро анҷом диҳам, бас аст.

Ҳар рӯз мурғе парида меояду аз тори сарам минқор мезанад. «Ту кистӣ? Барои чӣ маро ин қадар азоб медиҳӣ?» – мепурсам ҳар сафар.

– Оқи падар! Оқи падар! – Ба хониш медарояд мурғ. Симои падарам аранг-аранг дар хотирам ҳаст. Дар деҳае қашшоқона зиндагӣ мекардем. Баъзан нони хӯрданию оби нӯшиданӣ намеёфтем. Ба рӯйи падар давиданам ва аз гиребонаш дошта, такон доданам ҳам

дар ёдам мондааст.

Рӯзе ин найистон тамом мешавад. Ҳамон мурғ ҳам дигар намеояд ва ман аз ин уқубат халос мешавам.

Най... Най...

***

Ба донистани ин, ки дар поёни найистон чӣ ҳасту маро чӣ воқеа интизор аст, муваффақ нашудам. Ногаҳон дигаргунӣ рӯй дод. Осмон таркид... Аввал шамол хест, пӯпакҳои най замину фазоро пур кард, сонӣ найҳо шикастанд, бо решаашон аз замин баромада парида рафтан гирифтанд. Аз замину осмон, аз росту чап ва аз пасу пеш як садои ваҳмангез бархост, ки «Моҳӣ бишав!» ва ман худро дар миёни сели бузурге дидам, ки бо шӯру ғалаён ва суръати тамом ҷорӣ буд. Сел дуру дароз мерафту маро мебурд. Охир дар як заҳбур қарор гирифту ман ҳам дар ҳамин ҷой сокин шудам.

Дар заҳбур чанд вақт будам, намедонам. Ба назарам, атроф хомӯш буд, тамоман хомӯш буд ва сарду бегона метофт. Бар замми ин бимноку ваҳмангез буд. Балки барои он чунин менамуд, ки ман ба гирду пеш аз зери об менигаристам.

Як рӯз ба рӯйи об баромадам, ки овози ҷонварони гирду атроф тамоман хомӯш шуд. Баъд дар сари заҳбур писареро дидам, ки бисёр ба худам монанд. Дар даст камон дошт ва маро ба нишон мегирифт...

## Модар

Аз рӯзе, ки нобино шудам, раҳматии падараш ба хобам медарояд.

«Намебинӣ магар? Ман омадам! Моҳӣ бихӯр, моҳӣ!» – мегӯяд бо исрор.

Дар хобам ӯро чун вақти бино буданам мебинам. Раҳматӣ, одами бераҳм буд. Аз ҳеҷ касу ҳеҷ чиз андеша намекард. Чунон шиддату ҳайбате дошт, ки ҳар кӣ аз пешаш барояд, задаву куфта, ба хок яксон карда гузаштанӣ буд.

Бо мақсади кишту кору деҳқонӣ кардан бисёр кӯшид, аммо киштукораш беҳосил буду ниҳоли умедаш – бебаргу бор. Ҳар чӣ, ки мекишту мешинонд, намерусту намесабзид, агар андак сабзида

барояд ҳам, дар ҷояш зуд хушк мешуд.

Барои он ки ӯ ба сари падараш даст бардошта буд. Сонӣ, – як вақтҳо... чун фармон шуд, ки падари калоншавандаҳо намоз нахонанд, падараш аз ӯ пинҳонӣ ба масҷид рафта будааст. Бар замми ин рӯзи кадом иде будааст, раҳматӣ, нағзакак нӯшида, масти аласт ба хона омадааст. «Ман ҳабс шавам магар?!» – ба падараш дӯғ задааст ӯ. Сонӣ аз гиребонаш гирифта бо шиддат тела додааст. Падар аз по парӯ афтидааст. Вақти афтидан пихи бурё ба чашмаш халидааст. Дар ҳолати қаҳру ғазаб дуои бад кардааст, ки «Илоҳӣ, мисли най хушк шавӣ!»...

Чун деҳқониаш пеш нарафт, аз куҷое як камон ёфта омаду ба шикор машғул шуд. Зуд-зуд ба найистон мерафт ва то бевақтиҳои шаб овораю саргардон шуда, ягонто қашқалдоқ ё мурғи даштӣ зада меовард. Баробари қаҳру ғазаб раҳму шафқат ҳам дошт, раҳматӣ. Аммо ҳар коре, ки сар мекард, баръакси майлу иродааш анҷом меёфт, тавба! Агар раҳму шафқат намедошт, нобиноии маро чун медонисту чун парвои ман мекард? Аз куҷо марҳамат карда «Моҳӣ бихӯрӣ, сиҳат мешавӣ» – мегуфт?

Мана, писарам моҳӣ оварда, чунон моҳирона пухтааст, ки дар даҳон об мешавад ва чунон бомазза ки!... Ба назарам, чашмам равшан мешавад. Балки имрӯзу фардо одаму оламро мебинам. Илоҳӣ, ҷояш ҷаннат бошад! Ман аз вай ҳазор бор розиям. Шояд ки вай ҳам аз ман розӣ бошад...

### Писари хурдӣ

Вай моҳии тилло буд. Дар сараш тоҷ ҳам дошт. Агар бародари хурдиам сирро ошкор намекард, бародари калониам онро дошта намеоварду ба модарам пухта намедод... оҳиста-оҳиста калон шуда, дар ҳақиқат моҳии тилло мешуд. Ана, баъд, ҳамаамон рафта, дошта мегирифтем. Вай ба мо мегуфт: «Бифармоед, дилатон чӣ мехоҳад?» Мо ҳам чизҳои дилхоҳамонро талаб мекардем.

Акнун ман чӣ кор кунам? Орзую умед ва талабу хоҳишҳои бисёр доштам, ба кӣ гӯям? Аз кӣ талаб кунам?

***Тарҷумаи Ҷӯра Ҳошимӣ***

## Марк Твен



(Амрико)

# Барге чанд аз “Дафтараки ёддошт”

*Соли 1865. 6 феврал.*

Марде аз Сан-Франсиско замини якеро ғасб кард ва барои побарҷо сохтани ҳуқуқаш, он ҷо зуд хонаи сутунпоя сохт. Хукҳо дар зери ин хона одатӣ шуданд, ки шабҳо якрез хурхур мекарданд. Мард чанд ҷои фаршро сӯрох кард, занаш аз он ҷо ба болои хукҳо оби ҷӯш рехт. Хукҳо ҳангоми фирор хонаро пушт карданд ва аз

сари тал ба поин кашиданд. Субҳ ҷабрдида заминашро бозпас гирифт.

***

*Соли 1866. 27 июн.*

Маллоҳон ду уқоби баҳриро доштанд, ки дарозии болҳошон беш аз ду метр буд. Бар пойи яке ғулачӯбе бастанд ва раҳо карданд. Ҳангоме ки одамон ин кори зиштро мекарданд, паранда нигоҳи чашмони бузурги лабрез аз дареғу дардашро монанди каси гирифтор ба онҳо баста буд.

***

*Соли 1877. 27 август.*

Ҳизбҳои сиёсии ҳоким, ки якдигарро дар порахӯриву мардумфиребӣ бадном мекунанд, монанд ба он гурганд, ки ҳангоми баракабоб хӯрдани чӯпонҳо ба каппаи онҳо нигариставу мегӯяд:

-Бале, вақте шумо мехӯред, ҳеч гап нест, вале чун ман хӯрдам, дунёро ба сар мебардоред!

***

*29 октябр*.

Рассоми амрикоӣ, ки нав ба Итолиё омада буд, ба деҳкадаи камбағале рафт, рӯи курсии сафарӣ нишаст ва кор сар кард. Андак пас чӯпоне бо подаи говмешҳо пайдо шуд ва бо ӯ ба гуфтугӯ оғоз намуд. Амрикоӣ чӯпонро бо бадтарин суханҳо дашном кард ва саранҷом аз ҳамсафараш Веддера пурсид:

-Ин кавдан чи мехоҳад аз ман? Чаро говҳоро ин ҷо овард ин аблаҳ?

-Вай мегӯяд, ки ҳолӣ соати ба обишхӯр овардани ҳайвонҳост, вале инак намехоҳад ба кори шумо халал диҳад ва омода аст то бегоҳ интизор шавад ва боз дар ташвиш аст, ки ин курсӣ бароятон чандон роҳат несту мехоҳад аз хона сандалии худашро биоварад.

***

Понтий Пилат натавонист азоби виҷдонро паси сар кунад ва ниҳоят худро дар кӯли Лютсерон ғарқ кард. Пилат ном гирифтани кӯҳ аз ҳамин ҷост.

***

*Соли 1879. Порис, 7 май.*

Кори мунаққидон мантиқ надорад. Агар ман “зан бараҳна буд”

нависам ва сипас ба тасвири муфассали он пардозам, танқид шӯру валвала барпо мекунад; кӣ метавонад чунин китобро дар хона бо овози баланд хонад? Чун рассом ин корро кунад, одамон тӯли солҳо гирди офаридааш ҳалқа мезананду мафтун мешаванд.

***

*12 май.*

Дар Фаронса на замистон ҳаст, на тобистон ва на ахлоқ. Агар ин камбудро набинем, кишварест олӣ.

***

*Сешанбе, 19 август.*

Дар кӯли Уиндемир киштисаворӣ кардам. Бо бузургмард Дарвин ҳамсӯҳбат шудам.

***

*Соли 1887. 12 апрел.*

Дирӯз вақти ғизои шом дар хонаи Чарлз Дан, Делю қисса кард, ки чи гуна боре Грили ба оне, ки "барои наҷоти миллионҳо бародарони мо аз азоби дӯзах" садақа диҳед мегуфт, бо ситез гуфт: "Ман як тин намедиҳам. Зеро ба он ҷо хеле кам мебаранд!"

***

*Соли 1894.*

Аз ҷонварон танҳо гурбаро наметавон ба зӯр фармонбар кард. Агар имкони одамро бо гурба дурага кардан мебуд, зоти башар хеле хуб мешуд, вале ба гурбаҳо хуб намешуд.

***

Ростӣ-дороии ноёб аст, онро сарфа бояд кард.

***

*Соли 1895, Канада.*

Ман сахт дар шигифтам, ки чаро ҳама ҷаҳон пур аз китобҳое нест, ки бо ҳақорат, бадбинӣ ва нафрат ин зиндагии ҳечу пуч, кайҳону ҷаҳони бемаънӣ, инсони сангдилу паст ва ин мазҳакаи беҳударо масхара кунанд. Шигифтангез он аст, ки ҳар сол миллионҳо тан бо чунин андешаву эҳсос мемиранд. Чаро ман чунин китоб наменависам? Зеро бори рӯзгор бар дӯшам аст. Боздоранда ҳамин аст. Шояд дигарон низ чунин андеша доранд?..

***

*Соли 1896. Квикстаун, 4 июн.*

Сагҳои ин ҷо ҳама пӯзбанд доранд ва чунон мегарданд, ки пиндор ин ҳол барояшон сахт дилхоҳ аст. Шояд боре саги кадом сарватмандро дандонаш дард карда буд ё ҳамин тур дилаш хоставу бо пӯзбанд кӯча баромада буд ва ин оғоз ба тақлиди дигарон шуд.

***

*Соли 1897. Лондон, 18 май.*

Хабарнигори музофотии "Нюйорк Ҳорнер" ҷаноби Уайт ду телеграмма дар даст наздам омад, ки идораи рӯзномааш аз Нюйорк фиристода буд.

Якум: "Агар Марк Твен дар Лондон аз камбағалӣ мурда бошад, 500 калима нависед". Дувум: "Агар Марк Твен дар Лондон аз камбағалӣ бимирад, 1000 калима фиристед".

Ман ба ӯ маслиҳат додам чунин нависад: "Ду ҳафта пеш хешам Ҷеймс Росс Клеменс сахт бемор буд, инак шифо ёфт. Овозаи бемории ман аз бемории ӯ сар зад. Овозаи маргам дурӯғ аст. Ҳолам хуб аст. Марк Твен".

***

Дар деҳаке аз штати Миссури аз ганҷи пинҳон овоза паҳн шуд. Дар коғазе фарсуда набишта шуда буд, ки он ҷо 980 доллар ниҳон аст. Деҳакро ҳавои ҳирсу ҳасад фаро гирифт ва то ба ҷангҷолу куштор кашид. Хазинаро ёфтанд: 9 доллару 80 сент буд.

***

Ҳар сол аз тарсуҳову хушомадгӯҳову мансабпарастҳо метавон миллион низомиву рӯҳонӣ сохту боз мавод ёфт. Аммо панҷсад сол даркор аст, то як Жана д Арк ё Эмил Золя сохта шавад.

***

*Соли 1898.*

Бархе ба мансаб саҷда меоранд, иддае ба қаҳрамонҳо, ниме ба зӯрҳо, чорумӣ ба Худо ва барои ин ҳамеша даст дар гиребони якдигаранд. Вале ҳама якдилона дар назди пул сар фуруд меоваранд.

***

Хирадмандон ду тоифаанд: онҳое ки худро мекушанд ва онҳое ки майзада мешаванд, то андешаро бикушанд.

***

"Ростӣ тавоност ва пирӯз хоҳад шуд!" Ба ҷуз "Чунин нахоҳад шуд" чизе наметавон гуфт.

***

Бархе даъво доранд, ки миёни хару одам ҳеч фарқе нест; ин фармуда нисбат ба хар беадолатист.

***

*Соли 1902. Колумбия, штат Миссури, чоршанбе 4 июн.*

Як далели бемаргии рӯҳ бовари миллионҳоест, ки низ замоне бовар доштанд Замин ҳамвор аст.

***

Офариниши одам андешаи хубу олӣ буд, вале офаридани гӯспанд пас аз он такрори маҳз аст.

***

*Соли 1903.*

Даромадам дар соли 1902 аз китобҳо 60 000 доллар буд (аз ду ношир). Якҷо бо дигар даромадҳо беш аз 100 000 доллар шуд.

***

Агар одамро Одам меофарид, шак нест, ки аз карда пушаймон буд.

***

*Соли 1904.*

Биёед чунон зиндагӣ кунем, ки бар маргамон мурдашӯ низ бигиряд.

***

Дар ниҳоди ҳар инсон ғуломе ниҳон аст.

***

Танҳо мурдаҳо аз озодии сухан бархурдоранд. Танҳо ба мурдаҳо иҷоза аст сухани рост бигӯянд. Дар Амрико, чун дар ҳама ҷо, озодии сухан барои мурдаҳост.

# Маҳмуди ДАВЛАТОБОДӢ



# Оина

Марде, ки дар кӯча мерафт, ҳанӯз ба сарофат (андеша) наяфтода буд ба ёд биёварад, ки сездаҳ соле мегузарад, ки ӯ ба чеҳраи худаш дар оина нигоҳ накарда аст. Ҳамчунин далеле намедид ба ёд биёварад, ки замоне дар ҳамин ҳудуд мегузарад, ки ӯ хандидани худро ҳис накарда аст. Қатъан «ба ёди гум шудани шиносномааш ҳам намеуфтод, агар родию эълом накарда буд, ки афрод мебояд шиносномаи худро нав, таҷдид кунанд. Вақте эълом шуд, ки шаҳрвандони азиз муваззафанд (вазифадор) шиносномаи қаблишонро аз тариқи пуст (почта) ба маҳалли судур ирсол доранд, то баъд аз чаҳор ҳафта битавонанд шиносномаи ҷадиди худро дарёфт кунанд, мард ба сарофат уфтод, даст ба кори ҷустани шиносномааш бишавад ва хеле зуд мултафит (огоҳ) шуд, ки шиносномаашро гум карда аст. Аммо ин ки чаро тасаввур мешавад сездаҳ сол аз гум шудани шиносномаи ӯ мегузарад, иллат ин аст, ки мард ночор буд ба ёд биёвард чӣ замоне бо шиносномааш сару кор дошта аст ва он бармегашт ба ҳудуди сездаҳ соли пеш ё – шояд ҳам – сивусе сол пеш, чун ӯ дар замони бисёр пеш аз ин, дар як рӯзи торихӣ шиносномаро гузошта буд ҷайби бағали борониаш (либосе, ки аз он борон нагузарад) то барои тамоми умраш як бор биравад пои сандуқи раъй (машварат) ва шиносномаро нишон бидиҳад то рӯи яке аз сафаҳоти он мӯҳр зада бишавад. Баъд аз он торих дигар бо шиносномааш коре надошт то лозим бошад бидонад онро дар куҷо гузошта, ё дар куҷо гумаш карда аст. Ҳоло як воқеаи торихии дигар пеш омада буд, ки эҳтиёҷ ба шиноснома дошт ва шиноснома гум шуда буд. Аввал фикр кард шояд шиноснома дар ҷайби боронӣ монда бошад, аммо набуд. Баъд ба назараш расид мумкин аст онро дар маҷро (сандуқчаи оҳании куфлдор) гузошта бошад, аммо на…он ҷо ҳам набуд. Кӯчаро тай кард, савори утубус хатти воҳид шуд ва якрост рафт ба идораи сиҷил аҳвол (сабти асноди ҳолати шаҳвандӣ). Дар идораи саҷил аҳвол ҷавоби сареҳ нагирифт ва баргашт, аммо ба хонааш, ки расид, ба ёд овард, ки - ангор – ба ӯ гуфта шуда биравад як истишҳоди (шоҳид хостан барои исботи даъвӣ) маҳаллӣ дуруст кунад ва биёрад идора. Бале, ҳамин тавр буд. Ба ӯ ин ҷур гуфта шуда буд. Аммо…ин истишҳодро чӣ ҷур

бояд навишт? Нишаст рӯи сандалӣ ва медоду (навъе қалам, ки дорои рангҳои мухталиф аст, ки бештар дар наққошӣ истифода мешавад) коғазро гузошт дами дасташ, рӯи миз. Хуб…бояд навишта шавад, аммо имзокунандагони зайл гувоҳӣ мекунем, ки шиносномаи оқои…мафқудуласар (гумшуда) шуда аст. Он чиро ки навишта буд, бо қалами Фаронса покнавис кард ва аз хона берун омад ва якрост рафт ба дӯкони баққолӣ, ки ҳафтае як бор аз онҷо харид мекард. Аммо дӯкондор, ки аз дарди сар хушаш намеомад, гуфт ӯро намешиносад. На ин ки нашносадаш, балки исми ӯро намедонад, чун то имрӯз ба сарофат наяфтода, исми эшонро бихоҳад бидонад. «Ба хусус, ки худатон ҳам ҷои исмро холӣ гузоштаед!»

Бале, дуруст аст.

Бояд аввал мерафта ба либосшӯӣ, чун ҳар сол шаби ид куту шалвор (шиму кастон, либоси расмӣ) ва пироҳанашро як бор медода либосшӯйӣ ва қабз (расид) мегирифта. Аммо либосшӯй, бо вуҷуде, ки ҳофизаи хубе дошт ва муштариҳояшро агар на ба ном, аммо ба чеҳра мешинохт, натавонист ӯро ба ёд биёварад; ва гуфт, ки мутаассиф аст, чун оқоро хеле кам зиёрат карда аст. Лутфан «мумкин аст исми муборакатонро бифармоед?» Хоҳиш мешавад воқеан ки.

«Дасти кам қабз, яке аз қабзҳои моро ки лобуд (чунон, ки маълум аст) хидмататон аст, биёваред, мушкил ҳал хоҳад шуд». Бале, қабз.

Он ҷо, рӯйи варақаи қабз исм ва торихи супурдани либос ва ҳатто ин ки чанд тикка либос таҳвил шудро бо қайди ранги он менависанд. Аммо қабзи либос, қабзи либосро чаро бояд муштарӣ назди худ нигаҳ дорад, вақте меравад либосро таҳвил мегирад? На, ин амалӣ нест. Дигар ба куҷо ва чӣ касе метавон руҷӯъ кард? Нонвой; дӯкони нонвойе дар ҳамон роста (маҳалла) буд ва ӯ ҳар ҳафта, нони ҳафт рӯзи худро аз он ҷо мехарид. Аммо чи мавқеъ аз рӯз буд, ки шогирди шотир канори девор дароз кашида буд ва гуфт пухт намепазем оқо ва мард худ ба худ баргашт ва аз канори девор роҳ афтод тарафи хонааш, бо варақае, ки аз як дафтарчае чиҳил барг канда буд.

Пушти шишаи панҷараи утоқ ки истод, хеле ки хира монд ба ҷулбакҳои (навъе рустанӣ ки сабз аст, бидуни поя) сатҳи оби ҳавз, аммо чизе ба ёдаш наёмад. Шояд дами ғуруб ё сари шаб буд, ки ба

назараш расид бо дасти пур роҳ бияфтад, биравад идораи марказии сабти аҳвол, миқдоре пул ришва бидиҳад ба маъмури бойгонӣ ва аз ӯ бихоҳад соате вақти изофӣ бигузорад ва радд ва асаре аз шиносномаи ӯ пайдо кунад. Ин ки мумкин буд: мумкин набуд? Чаро… «Чаро…чаро мумкин нест?»

Бо пирамарде, ки сигори арзон мекашид ва не муштаки нисбатан баландгӯшае лаб дошт ба тавофиқ расид, ки ба иттифоқ бираванд зерзамини идора ва бойгониро ҷустуҷӯ кунанд; ва рафтанд. Шояд соате баъд аз чойи пушти наҳор (чойе, ки баъди наҳорӣ мехӯранд, чойи баъди ғизо) буд, ки он ду мард рафтанд зери замини бойгонӣ ва бино карданд ба ҷустуҷӯ. Марде, ки шиносномааш гум шуда буд, ҳушмандӣ ба харҷ дода ва як баста сигор бо як қуте кибрит дар роҳ харида буд ва бо худ оварда буд. Пас мушкиле набуд агар соате баъд аз вақти идорӣ ҳам туи бойгонӣ маътал мешуданд; ва бо он ҷиддияте, ки пирамарди бойгон остин ба остин ба даст карда буд то болои оринҷ ва пушти айнаки заррабиниаш ба хутути парвандаҳо дақиқ мешуд, ин итминон ҳосил буд, ки мард ноумед аз бойгонӣ берун нахоҳад омад. Ба хусус, ки худи ӯ ҳам кам-кам даст ба кӯмак бурда буд ва ба табриҷ дошт ошнои кор мешуд.

Ҳарфи алиф тамом шуда буд, ки пирамард гардан рост кард, як сигори дигар талабид ва рафт тарафи қафасаи муқобил, ки бо ҳуруфи «бо» шурӯъ мешуд ва пурсид: «фармудед исми фомилатон чӣ буд?» ки мард ҷавоб дод: «ман чизе арз накарда будам». Бойгон пурсид: «Ба назарам исм ва исми фомилатонро фармудед; дар обдорхона!» ва мард гуфт: «хайр, хайр ман чизе арз накардам. Бойгон гуфт: «Чӣ тавр мумкин аст нафармуда бошед?» Мард гуфт: «Хайр,хайр»

Бойгон айнак аз чашм бардошт ва гуфт: «Хуб, ҳанӯз ҳам дер нашуда. Чун ҳуруфи зиёде боқӣ аст. Ҳоло бифармоед?» Мард гуфт: «Хеле аҷиб аст; аҷиб нест?! Ман вақти шуморо беҳуда гирифтам. Маъзарат мехоҳам. Асли матлабро фаромӯш кардам ба шумо бигӯям. Ман, ман ҳарчи фикр мекунам исми худро ба ёд намеорам; муддати мадидест, ки онро нашнидаам. Фикр кардам мумкин аст, фикр кардам шояд бишавад шиносномае дасту по кард (пайдо кард)?»

Бойгон айнакашро ба чашм гузошт ва гуфт: «Албатта, албатта

бояд роҳе бошад. Аммо чи исроре дорed, ки ҳатман» ва мард гуфт: «Ҳеч, ҳеч ҳамин ҷур бехудӣ аслан. Мешавад сарфи назар кард. Ростӣ чӣ аҳамияте дорад?» Бойгон гуфт:»Ҳар ҷур майлатон аст. Аммо ман фаромӯшӣ ва нисёнро мефаҳмам. Гоҳе дучораш шудаам. Бо вуҷуди ин агар исрор дорed, ки шиносномае дошта бошед роҳҳое ҳаст». Бедиранг мард пурсид чӣ роҳҳое? Ва бойгон гуфт: «Қадре харҷ бардорад. Агар мушкиле набошад роҳи ҳалле ҳаст. Яъне касеро мешиносам, ки дасташ дар ин кор боз аст. Метавонам шуморо бибарам пеши ӯ. Боз ҳам назари шумо шарт аст. Аммо бояд зудтар тасмим бигиред. Чун то ҳаво торик нашуда бояд бирасем».

Идора ҳам дошт таътил мешуд, ки он ду аз пиёдарав печиданд туи кӯчае, ки ба хиёбони аслӣ мерасид ва он ҷо мешуд савори утубус шуд ва рафт тарафи маҳалле, ки бойгон пичу вопичҳояшро (печ дар печ) мешинохт. Онҷо як дӯкони дароз буд, ки андаке хам дар гирда дошт, чизе мисли ғилоф як ханҷари қадимӣ. Пирамард, ки туи абояш (либоси дарозе, ки тамоми баданро пӯшонад) дами дари ҳуҷра нишаста буд, бойгонро мешинохт. Пас ҷавоби саломи ӯро дод ва гузошт бо муштарӣ биравад таҳи дӯкон. Бойгон вориди дӯкон шуд ва аз миёни ҳазор ҳазор қалам ҷинси кӯҳна ва қадимӣ гузашт ва мардро якрост бурд тарафи дарбанде, ки ҷилуш як пардае чиркин овезон буд. Пардаро пас заду дар як сандуқи қадимиро боз кард ва анбӯҳи шиносномаҳо даста-даста он ҷо қарор дода шуда буд, нишон дод ва гуфт: «Бастагӣ дорад, бастагӣ дорад ки шумо, чи ҷур шиноснома бихоҳед. Ин рӯзҳо хеле иттифоқ меафтад, ки одамҳое исм ё шиноснома, ё ҳардуро гум мекунанд. Ҳоло дӯст доред чӣ касе бошед? Шоҳ ё гадо? Ин ҷо ҳама ҷурашро дорем, фақат нархҳояш фарқ мекунанд, ки аз он лиҳоз ҳам муроoти ҳоли шуморо мекунем. Баъзеҳо чашмашонро мебанданду шиноснома интихоб мекунанд, мисли бардоштани як билети лоторӣ. То шумо чӣ ҷур салиқае дошта бошед? Моилед мутаваллидИ куҷо бошед? Аҳли куҷо? Ва шуғлатон чӣ бошад? Чӣ ҷур чеҳрае, симое хоҳед дошта бошед? Ҳама ҷураш муяссар ва мумкин аст. Худатон интихоб мекунед ё ман бароятон як фол бардорам? Ин ҷур шонсе мумкин аст шиносномаи як амир, як тоҷири оҳан, соҳиби як намоишгоҳи утумубил, ё як дорандае мустағлот (чизе, ки даромади мураттаб дошта бошад) ё як бадастовардае мувофиқати усули ба номи шумо дар-

биёяд. Аслан. «Нигарон набошед. Ин як амри оддӣ аст. Масалан: «Ин даста аз шиносномаҳо, ки бо аломати зарбдар («х») мушаххас шуда, махсуси хадамоти вижаест, ки гумон намекунам муносиби синну соли шумо бошад; ва ин яке даста ба амури таблиғот марбут мешавад; масалан «Соҳиби имтиёзи яке ҳафтанома ба фарзи масъул пахши як барномае телевизиунӣ. Ҳама ҷураш ҳаст. Ва исм? Исматон дӯст доред чӣ бошад? Ҳасан, Ҳусайн, Бузурҷмеҳр ва ё аз синхи (ҷинси) исомии (исмҳо, номҳо) шоҳномае? То шумо чӣ ҷурашро биписандед; чӣ ҷур исмеро меписандед?» Мард, ки шиносномаашро гум карда буд, лаҳазоте хомӯш ва андешанок монд ва аз он пас гуфт:

«Асбоби заҳмат шудам; бо вуҷуди ин агар заҳмате нест бигарду шиноснома бароям пайдо кун, ки соҳибаш мурда бошад. Ин мумкин аст?» Бойгон гуфт: «Ҳеч чиз ғайримумкин нест. Нархаш ҳам арзонтар аст».

Мамнун, мамнун!

Берун, ки омадем, пирамарди дӯкондор сурфааш гирифта буд ва дар ҳамон ҳол бархоста буд ва ангор дунболи чангак мегашт то киркираро (навъе парда) бикашад пойин ва лобалои сурфаҳояш ба яке ду муштарӣ, ки дами тахта кораш истода буданд, мегуфт фардо биёянд, чун «таҳи дӯкон барқ нест» ва марде, ки дар кӯча мерафт ба сарофат афтод ба ёд биёвард, ки замоне дар ҳудуди сездаҳ сол мегузарад, ки нахандида ва ҳоло чун даҳон ба ханда кушуд бо як ҳисси ногаҳонӣ мутаваҷҷеҳ шуд, ки дандонҳояш як ба як ба шурӯъ карданд ба варомадан, фурӯ рехтан ва ва афтодан ҷилӯи поҳо ва рӯи пузҳии (пеши по) кафшҳояш, ҳамчунин ҳис кард ба тадриҷ тиккае аз устухони гуна, яке аз пилкҳо нохунҳо ва доранд фурӯ мерезанд ба назараш омад, шояд замонаш фаро расида бошад, ки вақте агар расид ба хона ва по гузошт ба утоқаш, биравад наздик пеши бухорӣ ва як назар барои охирин бор дар оина ба худаш нигоҳ кунад!

***Таҳияи***
***Насимбек ҚУРБОНЗОДА***

# ГАБРИЭЛ ГАРСИА МАРКЕС



# «САД СОЛИ ТАНҲОӢ»

Дар ин асар бешубҳа таъсири амиқи эҷодиёти Хемингуэй, аз ин бобат худи Маркес низ борҳо иқрор кардааст, эҳсос мешавад, айни замон таҷрибаи репортёрии муаллиф ҳам нақш бозидааст. Муддати амалиёт моҳҳои октябр-декабри соли 1956, макони амалиёт шаҳраки беном аст, вале дар хобу ёддоштҳои қаҳрамони асосӣ - полковник, иштирокчии ҷанги шаҳрвандӣ дигар шаҳр – Макондо, он ҷое, ки чандин сол пеш таркаш гуфта буд, зинда аст. Маҳз аз Макондо замони таърихии қисса шурӯъ мешаваду дар он макон рӯйдодҳои басо шӯҳратёр ва воқеият ба ҳам омезиш ёфтаанд.

Маркес замоне гуфта буд: «Муроди навиштани «Сад соли танҳоӣ» иборат аз он буд, ки мардум «Полковник»-ро бихонанд».

«Ба полковник касе наменависад» – қиссаест аз боби танҳоӣ, муқобилати беҳад устуворонаи инсон алайҳи тазоду бемаънигиҳои иҷтимоӣ, гадоӣ, гуруснагӣ ва дасткӯтоҳӣ, бепарвоии идоранишинон, достонест аз хусуси эътимоди шикастнопазири инсон ба тантанаи адолат.

Ба ҳайси мухбири рӯзномаҳои гуногуни Амрикои Лотинӣ Маркес саросари Аврупоро дидааст, як муддат сокини Венесуэла буд, аз соли 1961 инҷониб, дар Мексика зиндагӣ карда, он ҷо романи «Соати наҳс»-ро навиштааст. Бори аввал роман бо шикасту рехти муҳаррирон дар Испания рӯи чопро дидааст, вале ба шакли аслу пурра соли 1966 дар Мексика нашр мешавад. Маркес мавзӯи зӯроварию хушунат ва оқибатҳои мудҳиши онро мавриди таҳқиқи бадеӣ қарор медиҳад. Ва боз дар саҳифаҳо номҳои Аурелиано Буэндиа, Ребека, манзараҳои Макондо пайдову намудор мешаванд. Хотироти айёми бачагӣ ва андешаҳо аз боби пайванди азалии зӯроварӣ ва танҳоӣ Маркесро пайваста таъқиб ва тақозои таҷассуми бадеии онро мекунанд. Бад-ин минвол, маҷмӯаи ҳикояҳои ӯ таҳти унвони «Маросими дафни Момои Аъзам» (1962) тавлид мешавад. Ва бори аввал пеши назари хонанда манзараи пуртоби шоҳигарии Макондо, ки тӯли қариб сад сол ҳокимияти Момои Аъзам боқиву пойдор буд, ҳувайдо мегардад. Пас аз нашри маҷмӯа Маркес як муддат аз адабиёт дур гашта, мекӯшад, ки қудрати ҳунарашро дар кинематограф санҷад. «Дар кино кор карда, – мегӯяд Маркес, – бовар ҳосил намудам, ки афзалияти тасвирнокӣ назар ба рукнҳои

ҳикоят, албатта, то ҳадди муайян авлост, дар айни замон маҳдудиятҳо низ дорад, ва ин бароям кашфиёти тасхирангези дурахшон буд, зеро маҳз он гоҳ дарк кардам, ки роман чӣ сон имкониятҳои беҳудудро дорост».

Аз айёми итмоми бачагӣ то нашри романи «Сад соли танҳоӣ» понздаҳ сол гузаштааст. Ва он солҳои осон набуданд. Габриэл Гарсиа Маркес шаҳр ба шаҳр, кишвар ба кишвар сайр мекунад. Аввал шаҳрҳои Колумбия: пойтахташ Богота, бандарҳои соҳилҳои Кариб Картахен ва Барранкиля, боз Богота. Баъд Аврупо: Париж, Рим, Лондон, боз Амрикои Лотинӣ: Каракас, Гавана. Сонӣ Нию-Йорк ва ниҳоят, Мехико. Бо очерку фелетонҳои худ дар рӯзномаи «Эспектадор» – нашрияи ҳизби либералии Колумбия шӯҳрат меёбад. Баъди ғалабаи инқилоби Куба вазифаи басо масъулу душвор – мудирии оҷонсии матбуотии Куба Пренса Латинаро дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба ӯҳда дошт. Шаш сол, пеш аз он ки ба навиштани роман шурӯъ кунад, дар Мексика ба ҳайси журналист ва филмноманавис кор кардааст.

Яке аз муҳимтарин заминаҳои омодагии касбии Гарсиа Маркес мутолиаи адабиёт буд. Аз овони бачагӣ – китобхониаш дар синни панҷсолагӣ оғоз ёфтааст, рафта-рафта ӯ аз рӯи асарҳо нозукиҳои санъати пешаи нависандагиро меомӯзад. Доираи устодонаш басо фарох буданд: фоҷианависони юнонӣ, муаррих Плутарх, Ордонйес де Монталво – муаллифи романи испании ҷавонмардӣ «Амадиси Галлӣ», Рабле, Шекспир, Сервантес, Дефо, реалистони бузурги асри XIX рус – Николай Гогол, Фёдор Достоевский ва Лев Толстой (ба қавли Гарсиа Маркес, романи «Ҷанг ва сулҳ» бузургтарин романи дар таърихи башар офаридашуда мебошад), инчунин нависандагони муосир, хоса амрикоиён У. Фолкнер, В. Вулф ва дигару дигарон.

Мундариҷаи асосии давраи аввали роҳи эҷодии нависандаро (бе назардошти ҳикояҳо) се қисса: «Хазон» (соли 1952 навишта, соли 1955 ба чоп расонидааст), «Ба полковник касе наменависад» (1958), «Соати наҳс» (1962) ташкил додаанд. Ҳар се асарро макони амалиёт – музофоти Колумбия ва мавзӯи танҳоӣ, ки дар ин қиссаҳо ба ҳар навъу ранг садо медиҳанду онро адиб мавзӯи асосии эҷодиёти хеш шуморидааст, ба ҳам мепайванданд.

Зоҳиран чунин метофт, ки симои эҷодии Гарсиа Маркес чун эҷодкори реалист, нависандаи иҷтимоие, ки дорои мавзӯи худ аст, ба ҳадде равшан гаштааст. Вале худи Гарсиа Маркес аз фаъолияташ розиву қаноатманд набуд. Ба вай паҳлӯҳои гуногуни романҳои иҷтимоӣ-сиёсии шаклашон анъанавӣ писанд намеомаданд. Мефаҳмид, эҳсос мекард, ки хонанда чизи дигарро мунтазир аст, зиёда аз он, Габриэл Гарсиа Маркеси аҷдодан қиссагӯ ташнаи таваҷҷӯҳ, ҳатто муҳаббати бепоёни хонандагон буд…

Вай орзу мекард «романи комилан озод офарад, ки на танҳо мундариҷаи сиёсӣ ва иҷтимоияш аҷиб, балки ба қишрҳои гуногуни воқеият ворид шуда тавониста бошад, беҳтар аст, агар романнавис воқеиятро чаппагардон намояд ва пушти онро нишон диҳад».

Барои ин гуна роман маводи фолклор – афсонаву тамсил, латифа, ки ҷузъи рӯзгору афкори халқанд, ривоятҳои Тавроту Инҷил, мавҳумоту хурофот, фолбинҳо, аломатҳои дилогоҳӣ ва амсоли инҳоро басо мусоиду мувофиқ мешуморад. «Ман фаҳмидам, – гуфтааст адиб, – ки устураҳои халқӣ ба воқеияти реалӣ ворид мешаванд, онҳо эътиқоду эътимоди халқанд, афсонаҳое, ки бофтаю сохта не, балки тӯли асрҳо офаридаи халқ, таърихи вай, зиндагии иҷтимоии рӯзмарра, бурду бохташ мебошанд». Бешубҳа, навиштаҳои Гарсиа Маркес аз боби заминаҳои бавуҷудоии роман касро ба андешаҳои аҷоиб ҳидоят менамоянд.

«Сад соли танҳоӣ» таҷассуми шоиронаи айёми бачагии ман асту халос», – гуфтааст Маркес Образи одӣ ҳамеша ба сифати сарчашмаи асарҳоям хидмат менамояд, – шарҳ додааст нависанда. – Ягона нуктаи бароям муҳим симоҳое, ки ибтидои ибтидоҳоянд. Боқӣ ҳама заҳмати сангини рӯзмарраанд. Муддати мадид ягона чизе, ки аз боби «Сад соли танҳоӣ» медонистам, симои мӯйсафеде буд – вай писаракро ба тамошои аҷоиботи ҳайратангези сирк – ях овардааст». Он мӯйсафед – полковник Николас Маркес ва писарак набераи ӯ Габо аст.

«Модаркалонам саргузаштҳои воҳиманокро комилан оромона ҳикоят мекард, ба ҳадде, ки гӯё бо чашмонаш дида бошад. Ман фаҳмидам, ки услуби ба худ хоси афсонагӯии ӯ ва образҳои пуробурангаш аз ҳама бештар барои ба ҳаққоният шабоҳат пайдо кардани ҳикоя муосидат менамоянд. Ба ин тарз такя карда, ман

«Сад соли танҳоӣ»-ро офаридам», – зикр намудааст Габриэл Гарсиа Маркес.

Нависанда ибтидои соли 1965 ба иншои романи «Сад соли танҳоӣ» шурӯъ карда, баҳори соли 1967, баъди ҳаждаҳ моҳи хилват гузидан, онро ба анҷом мерасонад. Билахара дар ҷаҳони адабиёт романе пайдо мешавад, ки муаллиф тӯли бист сол ба истиқболаш раҳ мепаймуд. Нашриёти «Сурамерикана»-и шаҳри Буэнос-Айреси Аргентина онро бо теъдоди ҳашт ҳазор нусха аз чоп мебарорад, ношир умедвор буд, ки илоҷе ёфта, то охири сол ба фурӯш мерасонад. Вале тӯли чанд рӯз кулли теъдод даст ба дасти хонандагон мегашт. Ноширони ба ҳаяҷону изтироб афтода фавран нашри дуввуми китобро ба роҳ мемонанд ва тақдири он низ мисли аввала ранг мегирад.

Тӯли солҳои маъруфияти худ Гарсиа Маркес аҳён-аҳён мусоҳиба оростааст: агар гап сари эҷодиёти ӯ равад, ҳамеша ҳазл мекард, механдид, қиссаҳои афсонаангезу аҷоиб мегуфт, ба мисли онҳое, ки дар китобҳояш моломоланд. Айни замон ин гуна муносибати Гарсиа Маркес зоҳиран саҳл метофт, вале дар асл, бунёдаш комилан ҷиддист. Қудрати хандида тавонистани нависанда марбут ба он аст, ки ӯ дунёро мукаммал ё яклухт мебинад, гӯё болои куллае истодаасту роҳҳои башарият аз гузашта ба оянда ҳидоятгар пеши назараш ҳувайдоанд. Хулоса, комёбиаш камназир буд, ҳамаро ба ваҷд овард, ғулғулаи он барои қаламрави Америкои Лотинӣ зуҳуроти гӯшношунид, ҳангомаи нодир буд, дар саросари сайёра аз боби давраи нави таърихи офаридани роман ва реализм ҳарф мезаданд. Дар саҳифаҳои бешумори тадқиқоти адабиётшиносӣ мафҳуми «реализми мӯъҷизаосо» ё «сеҳрангез» ба чашм мерасид. Муаллифи «Сад соли танҳоӣ» зикр намудааст, ки «Ҳаёт аз тасаввуру тахайюли нигорандагии ман ғанитар будааст ва ҳам қобилияти фавқулодаи ихтироъкорӣ доштааст». Услуби равиши қиссаофариниро, ки ба романи Маркес ва аксар асарҳои нависандагони Америкои Лотинӣ хос аст, ҳамин тавр муайян кардаанд. Ин маънои озодии мутлақро дорад, ки зимни он адибони Америкои Лотинӣ муҳити иҷтимоии воқеӣ ва бахши эҳсосоти амиқи шуурро ба ҳам омезиш додаанд. Ба қавли донишманди мӯътабари тоҷик Акбар Турсунов, «Сухан аз омезиши воқеият ва тахайюлот, аз ихтилофи далелҳои

ҳаёти муқаррарӣ ва бофтаҳои фантастикӣ меравад, ки дар эҷодиёти нигорандагони мазкур дар ғояти маҳорати бадеӣ сурат мегирад».

Ҳамин тариқ, шӯҳрати умумиҷаҳонии роман ибтидо меёбад, комёбие, ки ба қавли адабиётшиносон, танҳо бо истилои табиӣ муқоиса кардан ҷоиз аст. Роман ба даҳҳо забони дунё тарҷума ва теъдоди садҳо нашраш ба миллионҳо мерасад. Мутаассифона, мо, тоҷикон, аз ин падидаю ҷараён бо сабабҳои гуногун, шояд камҳавсалагӣ, барканор монда будем.

Гарчи як истисно ҳаст. Шоистаи зикр мешуморам ва обрӯю хушбахтии адабиёти тоҷик медонам хидмати бебаҳои нависандаи маъруф устод Ӯрун Кӯҳзодро дар ҷодаи ошно намудани эҷодиёти Маркес ба хонандаи тоҷик. Ман тарҷумаи романи «Хазони умри Одамхудо»-ро дар назар дорам, ки эшон тайи солҳои 1968–1975 басо равону зебо ва шоирона, айни замон услубан дақиқ, тобишу оҳангаш нишонрас анҷом додаанд. Мавридаш аст, қайд намоем, ки Габриэл Гарсиа Маркес романи «Хазони умри Одамхудо»-ро дар эҷодиёташ ба мақоми аввал гузоштааст ва изҳори боварӣ карда, ки маҳз тавассути ҳамин асар ӯро бақои умр насиб хоҳад гашт. Ҳамчунон боиси ифтихор аст, ки тӯли даҳ-дувоздаҳ соли охир як силсила ҳикояву қиссаҳояшро мутарҷимони дигар манзури дӯстдорони каломи бадеъ намудаанд…

Романи «Сад соли танҳоӣ» боз як ҷиҳати беҳамтоӣ дорад. Дар қаламрави Ғарб ягон асари бадеӣ, ки дар се даҳсолаи охири асри XX ба табъ расидааст, то ин ҳад таваҷҷӯҳи нақди адабиро ба худ ҷалб карда натавониста буд, ончунон ки романи Габриэл Гарсиа Маркес мароқ меангезад. Аз боби шаклу мундариҷаву услубу тозакорӣ ва бозёфтҳои асар, гардишу оҳангу тобишҳои пурҷилои он садҳо монография, мақолаву эссе ва тақриз навиштаанд. Аниқтараш, яке дар роман инъикоси ривояти тавротиро доир ба пайдоиши олам, азобу шиканҷаҳои мисриён ва апокалипсис, дигаре зуҳуроти пуртазоди фоҷиаи тақдирпарастии даврони қадим, сеюмӣ ифодаи тадқиқоти равониро мутобиқи ҷаҳонбинии Фрейд дидаанду баъзе мунаққидон асари Маркесро роман - устура шуморида, ақида пеш овардаанд, ки гӯё муаллиф пора-пораҳои мифологияи гуногунро аз нигоҳи худ ба ҳам пайваста, оҳанги бадеӣ додааст. Мунаққид ва

тарҷумони русиягӣ В. Столбов, ки як қисми «Сад соли танҳоӣ»-ро ба забони русӣ баргардондааст, асарро «роман-эпос» ва ё «эпоси муосир» номидааст. Ва ҳар яке ба сад обу ранг бунёди ривоятиву афсонавӣ, омезишҳои асотирӣ, ҷанбаи лирикӣ, шахсӣ, айни замон милливу халқии «Сад соли танҳоӣ»-ро таҳлилу таҳқиқ карда, аз дидгоҳи хеш хулосаҳои басо мухталиф баровардаанд. Баъдтар худи нависанда эътироф кардааст: «Мо дар қитъае зиндагӣ мекунем, ки он ҷо ҳаёти рӯзмарраи одамӣ аз тору пуди воқеият ва асотир бофта шудааст. Мо дар олами реалияи фантастикӣ таваллуд шуда, умр ба сар мебарем».

Мунаққиди колумбиягӣ Алваро Делгадо ҳанӯз соли 1968 зикр намудааст: «Бори нахуст дар таърихи суханофаринии мо романи колумбиягӣ чун асари ҳақиқатан миллӣ, халқӣ дар зумраи арзишҳои фарҳангии умумибашарӣ зуҳур кард».

Дар идомаи ин фикр Габриэл Гарсиа Маркес изҳор доштааст: «Дар ҳар куҷои сайёраи замин нависам ҳам, аздусар роман романи колумбиягӣ мешавад, ба илова ҳар чизе, ки ба пешрафти Колумбия мусоидат мекунад, ба инкишофи инсоният низ таъсир мерасонад».

Нависанда гӯё хотиррасон менамояд, ки олам қатъи назар аз он ки зиндагии дурудароз ва мураккаб аз сар гузаронидааст, ҷавон ва дилрабост ва захираи бузурги дигаргуншавиро дорост.

Романи Амрикои Лотинӣ ҳамчун зуҳуроти мустақил дар замони тағйироти бузурги шуури ҷамъият дар арсаи ҷаҳон ба вуҷуд омада, нисбати идея ва рӯҳияе, ки дар адабиёти Ғарб маъмул аст, мавқеи баҳсангез ишғол мекунад, баробари ин таҷрибаи бисёр тамоюлҳои эстетикии асри XX-ро дар худ таҷассум намудааст.

Сухан аз боби оптимизми нави таърихият, фалсафанокии нав, сатҳи тозаи ақлоният (интеллект), ба умқи масъалаи башардӯстӣ рафтан, ҷуръату тавони бо меъёрҳои таърих фикр рондан, мус-тақиман эҳсос намудани тору пуди образе, ки фарогири паҳлӯҳои ҳастӣ мебошад, ба ҳам омезиш дода тавонистани он нерӯи адабие, ки Шекспир, Сервантес, Гогол, Достоевский бархурдор буданд, меравад. Яъне дар романи Амрикои Лотинӣ ин санъати аз хотирҳо фаромӯшшуда ё дурафтода эҳё ва дар заминаи ҷаҳонбинии нав, ки қудрати воқеии таърихи асри XX буд, ба вуҷуд оварда шуд... Таърихияти тоза, ғояи нави инсонпарварӣ заминаву сарчашмаи қавии

романи Амрикои Лотинӣ мебошад.



Мисли ҳама гуна асари асили санъат, ки дар он ҷузъи тахайюлӣ нақши муҳим мебозад, романи Гарсиа Маркес «Сад соли танҳоӣ» ба ҳадде асрорангез мемонад, наслҳои нави хонандагон қишрҳои нав ба нави онро кашф менамоянд, дар миёни амвоҷи бисёровозаи симфонии роман тобишҳои мураккабу ба худ хоси садои муаллифро, ки аз таърихи инсоният азоб мекашаду ба ҳайрат меояд, боиси бадбахтиҳояшро ба риштаи таҳқиқ мегирад, ба инкори олами ноҳаққу раво бармехезад, дармеёбанд.

Нависанда тӯлонӣ ва ба душворӣ услубу оҳангеро ҷустуҷӯ кардааст, ки ҷавобгӯи вусъати афкор, нияту мақсадаш бошад. Ба гуфти Гарсиа Маркес роҳи ҳалро дар назм, рӯҳи шоирона – шиддати фантастикии образнокӣ меёбад. Ин услуб аз хонанда таваҷҷӯҳи бештареро тақозо менамояд, дар ивази он аз афкори бадеӣ-фалсафии бузург, ки дар романи ҳаҷман хурд ниҳоят мӯъҷаз ғунҷондааст, баҳравар мешавад.

«Сад соли танҳоӣ» асари офоқбанд, гавҳари тобноку барҷаста, камназиру нотакрорест. Он суруди ғулғулаафканест аз боби шика-

сту рехт ва барбод рафтани умеду орзуҳои инсон, ки ниҳоят фоҷиаангезу дилхарош ба гӯши ақлу қалбу ҷон мерасад. Дар айни замон хурдтарин эҳсоси навмедиву шикастадилӣ ва рӯҳафтодагиро дар ниҳоду андешаҳои хонанда барҳам мезанад. Бидуни заррае муболиға аз ҳад зиёд қавӣ ва боварбахшанд он сифатҳое, ки нависанда дар тинату афкору рафтору гуфтори қаҳрамонҳои воқеан халқии роман васф намудааст: пайванди ногусастаниву якумрӣ ба сарзамини хеш, меҳнатпарастӣ, устувории маънавӣ, шарафпазирӣ, ҷасорат ва амсоли инҳо.

«Сад соли танҳоӣ» достони шоиронаест аз боби бузургиву ҳашамат ва қудрату тавоноии рӯҳи Инсон. Сарчашмаи эҳсосоти башардӯстии роман бағоят софу қавист. Он, бешак, моро амиқ огоҳ менамояд: фарзанди одамизод ё бани башарро гум кардани ҷасорату мардонагӣ, шикасти ирода, ба партавгоҳи таърих андохтани гузаштаи авлодон, сар хам намудан ба пеши бадиҳо метавонад ба вазъи гӯшношунид расонад. Ва он гоҳ дар ҷаҳони муосир чизеву касе ӯро, Инсонро, наҷот дода наметавонад.

Габриэл Гарсиа Маркесро соли 1972 сазовори ҷоизаи байналхалқии ба номи Ромуло Галйегос ва соли 1982 «барои романҳо ва ҳикояҳое, ки дар онҳо тахайюл ва воқеият ба ҳам омезиш ёфта, зиндагӣ ва бархӯрдҳои як қитъаи томро ифода менамоянд» ҷоизаи Нобел (1982) донистаанд.

Соли 1999 Маркес ба бемории саратони лимфа гирифтор мешавад. Баъди ҷарроҳӣ дар Мексика ва ИМА табобат мегирад.

Соли 2000 баъди бемории вазнин Габриэл Гарсиа Маркес аз нав байни мардум падид меояд, ба фаъолияти адабӣ мегузарад. Шеъри «Лӯъбатак»-ро меофарад. Ба Худованд муроҷиаткунон илтиҷо пеш меорад, ки барои татбиқи охирин лоиҳаи адабӣ ба ӯ «як кафак зиндагӣ ато бинмояд…»

Солиёни охир нависанда ба иншои асарҳои ёддоштӣ пардохтааст. Ба ин маънӣ китоби нави Габриэл Гарсиа Маркес, ки дар ибтидо «Зистан ва аз ин боб ҳикоя кардан» унвон дошт, аз саргузаштҳои овони бачагию наврасӣ, қабл аз ҳама дар бораи падару модараш, ки прототипи қаҳрамонҳои романҳои барҷаставу асосиаш – «Сад соли танҳоӣ» ва «Муҳаббат дар айёми вабо» ҳастанд, қисса мекунад. Инчунин аз рӯзгори шаҳри Аракатакаи кишвари Колумбия, ки

адиб он ҷо таваллуд ёфтааст ва ҳангоми иншои романи бузургаш манбаи илҳом буд, сухан меронад. Пораҳои ин асар аввал дар рӯзномаи испании El Pais борҳо рӯи чопро дидаанд. Назар ба эътимоди мутахассисон, китоби мазкур, низ, бешубҳа, байни миллионҳо мухлисони истеъдоди барандаи ҷоизаи Нобел комёбии камназир пайдо мекунад.

Ва тирамоҳи соли 2002 ҷилди якуми асар дар мағозаҳои китоби Колумбия, дигар мамолики Америкои Лотинӣ ва Испания пайдо шуду тахмини онҳо исботи худро ёфт.

Адабиёти ҷаҳон ва хонандагони шинохтатарин нависандаи муосири сайёра мунтазири боз ду китоби ёддоштҳои ӯ мебошанд.

# *Чингиз* АЙТМАТОВ



# СЕБИ СУРХ

Бо ин, ки посе аз шаб мегузашт ва хоб аз чашмони Исобеков парида буд ва бо вуҷуди он ки хоб бар ӯ ғалаба мекард, вай дар фикр фуру рафта буд, намедонист, ки номаашро чӣ тавр ва аз куҷо оғоз кунад. Дар бораи чӣ чизҳое бинависад? Ба назараш ин кор хеле сахту душвор ва анҷомаш ғайри мумкин буд, зеро аз як тараф гуфтании зиёде дар дил дошт ва аз сӯи дигар, бо худ меандешид, ки оё Собира таҳаммули шунидани ин ҳама ҳарфҳои пӯсткандаи ӯро хоҳад дошт ё на?

Аз рӯзҳои сахту нахусти зиндагии заношӯии онҳо солиёни дарозе мегузашт ва намедонист Собира пас аз ин ҳама кудурату хушунатҳои бемаврид ва қаҳру оштиҳо, ки дар ниҳоят, мунҷар ба ҷудоии онҳо шуд, оё метавонад, ӯро дарк кунад ва ҳаққонияти навиштаашро бифаҳмаду узри ӯро бипазирад?

На, ин кор шуданӣ нест. Магар ӯ тавони инро дошт, ки монанди солҳои нахусти зиндагии заношӯиашон, фазои хонаро аз меҳру муҳаббати худ, ки орӣ аз ҳаргуна ҷанҷолу хушунат буд, пур кунад? Исобеков ба ёд овард, ки ӯ дар он айём ҳама даъвоҳо ва ҷанҷолҳои ҳамсарашро худхоҳии занона мепиндошт. Охир ҳамсараш ҳамеша нисбат ба дӯстони ӯ ҳасодат мекард ва агар гоҳе ба меҳмонӣ мерафтанд, пас аз бозгашт бе даранг бо лаҳни тавҳиномез ва таънагуна мегуфт:

- Дидӣ, он мардак дар меҳмонӣ ҳатто як бор ҳам аз хонумаш чашм наканд ва аз ин ки дар пеши меҳмонон хам шуда, банди туфлии ӯро мебаст, аслан изо намекашид…

Аммо Исобеков зуд сухани ӯро қатъ мекард:

- На! Банда наметвонам тамаллуқ кунам. Навозишгарӣ ҳам аз дастам барнамеояд…

- Тамаллуқ!? Ин чӣ ҳарфест ки мезанӣ? Ростӣ, ту нисбат ба ман ҳеҷ эҳсосе надорӣ. Намедонам, чӣ тавр ба ту бифаҳмонам. Аз муҳаббате, ки ба ҳамсарат дорӣ, дам намезанӣ… На, ман тоқати чунин зиндагиро надорам, касеро, ки дӯсташ медорам, мехоҳам ӯ ҳам муҳаббати худро аз ман пинҳон накунад. Ҳоло масъала баръакс шудааст ва навъе таҳқир эҳсос мекунам нисбат ба худ. Оҳ… ту ҳеҷ гоҳ ба ин мавзӯъ сарфаҳм намеравӣ… Ҳатто фикр ҳам намекунӣ…

- Намехоҳам фикр кунам, чун аслан вақте барои фикр кардан надорам ва тааҷҷуб мекунам, ки ту бо ин ҳама машғалаи фикрӣ ва тадорук, ки барои дифоъ аз рисолат дорӣ, чаро ин қадар ёвагӯӣ мекунӣ?!

- Сӯҳбат кардан бо ту беҳуда аст, ту аслан ҳеҷ чизеро намефаҳмӣ, - боз оҳ кашид зан.

Ӯ баъдҳо фаҳмида буд, ки занаш чӣ иддаое дорад ва дорои чӣ эҳсосотест, аммо қудрат надошт, иқрор кунад, ки то андозае ҳақ бо ӯст. Дар он лаҳза алоқаи шадиде нисбат ба ӯ эҳсос мекард ва барои раҳоӣ аз ин зиндони фикрӣ орзу мекард, ки эй кош ба даврони ҷавонӣ бозгардад.

Гӯиё ҳама чиз акнун аз даст дода рафта... Вале бештар аз ҳама мавзӯъе, ки нороҳаташ мекард ва ёдоварии он озурдахотираш менамуд, ҷудоӣ аз ҳамсараш буд. Саъй мекард, гузаштаи худро дар оинаи хотираш мунъакис кунад, то бозтоби даврони хуши зиндагонии заношӯӣ, монеи ҷудоии онҳо гардад. Чунон, ки агар натавонад, ин корро анҷом диҳад, бояд аз якдигар ҷудо бишаванд, вале ӯ намехост ба ин соддагӣ ба талоқ ризоят диҳад.

Исобеков чандин бор қалам ба даст гирифт ва боз онро ба ҷояш гузошта, назди тиреза рафт ва ба девор такя зад. Охирин утубусҳое, ки бо чароғҳои қирмизи чашмакзан дар ин шаби пойизӣ мусофирони боқимондаро ба хонаҳояшон мерасонданд, дар ҳоли ҳаракат буданд. Дар он ҳангом Исобеков духтари ҳамсояро дид, ки бо ҷавоне, даст дар дасти ҳам доштанд, ва борҳо ба остонаи дари вурудии манзил наздик шуданду бозпас рафтанд. Дидани ин ҳолат на фақат ҳасодати Исобековро барангехт, балки эҳсоси ошнову латиф ва зебое, ки ёдовари айёми ҷавониаш буд, ӯро ба шавқ овард.

Дар баландие, ки дур аз шаҳр қарор дошт, шӯълаи оташ ҳамчунон забона мекашид ва бо нури худ атрофро партавафканӣ мекард. Ба назари Исобеков чунин намуд, ки шояд шубоне ин кӯҳи оташро барпо кардааст. Ӯ орзу мекард: ки кош дар ин лаҳза дар канори оташ бошаду бо рехтани шохаҳои бурс ба оташдон шӯълаи онро баландтар созад.

Аз назди тиреза канор рафт ва ба утоқи духтараш Анор, ки дар хоби амиқ фурӯ рафта буд, ворид шуд. Ӯ ба оромӣ ба хоб рафта буд, бидуни он ки бидонад, имрӯз чӣ оташе ба по карда ва чӣ нама-

ке рӯи захми падар рехтааст! Дар ин ғояти шаб дар ҳоле ки ҳама дар хоби нозанд, ӯ аз шиддати нороҳатӣ бедор мондааст. Исобеков дар ҳоле ки ба Анор менигарист, ба худ гуфт:

- Эй ширин! Эй духтарам, Анор, бихоб, умедворам, ки хобҳои ширину тиллоӣ бубинӣ! Бихоб азизам! Бихоб, Анорам, бихоб…

Ӯ мехост ба хориҷи шаҳр биравад ва ором-ором мавзуи даргириҳои хонаводагиро бо духтараш дар миён гузорад, чун ҳамсараш дар номае аз ӯ хоста буд, ки дар бораи талоқ ва ҷудоӣ бо Анор сӯҳбат кунад ва бигӯяд, ки модараш фақат ба хотири таълифи рисолаи илмӣ ба Маскав нарафтааст, балки барои ҷудоӣ аз шавҳараш мусофират кардааст ва Анор бояд инро бидонад ва тасмим бигирад, ки оянда бо кадоме аз онҳо зиндагӣ хоҳад кард? Пеши падараш бимонад ё ҳамроҳи модараш биравад ва бо ӯ зиндагӣ кунад?

Исобеков фикр мекард, ки дар муҳити хона ибрози чунин масъала барои духтарак шояд хуб набошад. Ӯ ин нигарониро дар дил дошт ва тасаввур мекард, ки боз кардани ин гиреҳ хориҷ аз шаҳр, дар ҳоли тафреҳ ва гардиш роҳаттар аст ва мушкиле пеш нахоҳад омад. Исобеков дар таҳи дил ҳис мекард, ки духтараш агар донад, ки модараш барои зиндагии доимӣ ба Тошканд рафтанист, бо ӯ намеравад ва дар он сурат назди падар хоҳад монд…

Анор машғули бозӣ буд, ки падараш ӯро садо кард:

- Азизам, палтоятро бипӯш, мехоҳам ба хориҷ аз шаҳр биравем.

- О-ҳо! Берун аз шаҳр!- Дастҳояшро ба ҳам зад ва бо тааҷҷуб пурсид: - Чаро меравем берун?

- Ҳеҷ чӣ, фақат барои тафреҳ ва гардиш.

* * *

Ҷамъияти зиёд ва анбуҳи мошинҳо ва роҳбандони сангини шаҳр муҷиби кундии рафтуомади онҳо гашт. Исобеков аз ин ҳолат сахт нороҳат буд. То ин, ки саранҷом ба хориҷ аз шаҳр рафтанд. Он ҷо мошинҳо хеле кам рафтуо мекарданд. Мошини онҳо бо суръат, аз васати ҷодае, ки пӯшида аз дарахтони анбӯҳ буд, мегузашт ва ӯ дар сукути бас амиқ фурӯ рафта буду ба қуллаҳои дурдасти пӯшида аз барф менигарист.

- Додо, каме оҳиста бирав…

Мошин аз суръати худ кост.

- Азизам, магар метарсӣ.?

- На, ҳамин тавр, гуфтам.- Анор ин калимаро ба забон ронд ва худро ба дари мошин часпонд.

- Охир ту, ки ҳамеша дӯст доштӣ, бо суръати зиёд ронандагӣ кунам…



Духтар ҳарфе назад, ҳатто такон ҳам нахӯрд. Гӯиё ҳеҷ чиз нашунида буд. Исобеков ба андоми кӯдаконаи духтараш нигоҳе кард ва дар ҳоле ки ӯро комилан сокит ва беҳаракат медид, ҳолаташро ғайриоддӣ пиндошт ва дарёфт, ки вуҷуди Анор пур аз изтироб ва нигаронист. Бо худ андешид: «Шояд ӯ чизҳое дарк карда ва ба ихтилофи мо пай бурдааст? Охир мо бисёр вақт фаромӯш мекунем, ки хеле ҳассосанд ва масоилро хуб мефаҳманд. Вале чаро ӯ ҳеҷ вақт чизе дар ин бора намепурсад?

Исобеков ногоҳ аз ин андеша бештар ба ташвиш афтод: «На, ӯ чизе дар ин бора намедонад. Фикр намекунам, ки ба ин масъала пай бурда бошад. Охир ҳамсараш бо Анор ҳеҷ суҳбате аз ин хусус накардааст. Бо ин ҳама метарсид, ки мабодо рӯҳи кӯдакро азоб диҳад. Оре, шикастани қалби инсон хеле осонтар аз хурсандӣ бахшидан ба ӯст. Боз фикр кард: «Анор духтари оқила аст, шояд аз вуқуи ҳаводисе дилаш гувоҳӣ диҳад. Саранҷом дер ё зуд муаммо

барояш ҳал хоҳад шуд ва парда аз ин роз бардошта мешавад. Агар ӯ масъалаи ҷудоиро бозгӯ насозад, билохира, рӯзе модараш ба ӯ хоҳад гуфт. На!... Беҳтар ки худаш дар ин бора бо Анор ибрози ақида кунад ва ҳамаи мушкилоту масоилро шарҳ диҳад, ҳарчанд ин ифшогарӣ оқибати хубе дар пай нахоҳад дошт.

Ҷода пӯшида аз баргҳои зарди пойизӣ буд. Исобеков бо худ фикр мекард: бо чунин суръате пеш равад, мумкин аст, орзуҳояш ба самар нарасад. Ӯ мошин меронду, баргҳои дарахтон рӯи капот ва ин тарафу он тараф меафтоданду чархзанон бар замин меғалтиданд. Шуъои тиллоранги хуршед дар ҷода партавафканӣ мекард ва маҳсулоти кишоварзӣ, аз қабили ангур ва ғайра, ки ҷамъоварӣ мешуд, бар асари анбоштани рӯи ҳам дар ҳоли пажмурдагӣ буданд. Ба дунболи комбайне, ки кишт мекард, гурӯҳе аз парастуҳо дар парвоз буданд ва тирамоҳ охирини рӯзҳои тилойии худро пушти сар мегузошт. Ҳаво рӯ ба торикӣ ниҳод. Борон меборид. Рӯз соатҳои вопасини худро тай мекарду зебоияшро кам-кам аз даст медод. Исобеков бо сари пур аз фикру андеша сигоре рӯшан кард ва ба Анор, ки аз оинаи мошин ба берун менигарист, нигоҳе андохт:

- Ту чаро сокитӣ Анор?

Духтар бо тааҷҷуб ба падар назаре афканд ва ҳеҷ ҷавобе надод.

- Дишаб дарсҳоятро тайёр кардӣ?

Ӯ шонаҳояшро боло андохт:

- Бале! Атроф чӣ қадар зебост…

Исобеков абрӯ дарҳам кашид. Ин саволу ҷавобҳои дилозоркунанда ба дарди чӣ касе мехӯрад? Ба духтар чӣ шуд? Қаблан онҳо хеле роҳат ба ҳам ҳарф мезаданд ва ҳеҷ вақт сукут миёнашон намеафтод. Шояд имрӯз ӯ дар ҷаҳони худ ғарқ аст ва ба чизи дигаре фикр мекунад? Дар ҳамин мавқеъ радиёро баланд кард ва садои ҳузнангези бачагонае дар мошин танинандоз шуд.

- О, ин Роббӣ! Беҳтарин овозхон!

Анор бо шунидани ин калима билофосила аз ҷой бархост.

- Дадаҷон! Дар синфи мо ҳама ба ӯ алоқаманданд; ҳам писарҳо ва ҳам духтарҳо, модар ҳам ба ӯ алоқа дорад! Шумо ҳам ӯро дӯст медоред?

- Бале, Анор, мо ҳам садои ӯро дӯст дорем. Духтаракам, ба на-

зари ман. ту имрӯз зеботар аз ҳама рӯзҳо шудаӣ!

Падар дасти навозишгари худро ба сари духтараш бурд ва мушоҳида кард, ки чашмони ӯ аз тааҷҷуб барқ мезананд.

- Ман фикр кардам, ки шояд аз ман озурдаӣ, Анор?

- Чӣ мегӯӣ падар? Яъне…

- Хеле хуб, ман баъдан дар бораи Роббӣ бо ту сӯҳбат хоҳам кард.

Ин гуфтушунид чанд лаҳза байни онҳо идома пайдо кард ва садои мусиқӣ ба таври муъҷизаангез дар фазои поизӣ пахш шуд. Гӯиё мехост нидо дардиҳад , ки ин фасли поиз аст ва ин садои қалби инсонҳост!

Исобеков чунин эҳсос кард, ки дар як лаҳза шуъои тиллоиранги хуршед ва кӯҳҳои сарбафалак кашида, ки дар муқобили ӯ намоён буданд, бо садои Роббӣ ва изтироби рӯ ба афзоиши духтараш Анор даромехт. Гӯиё нидое меомад: Табиати инсон ҳамеша ба самти зебоиҳо гароиш дорад ва аз палидиҳо дурӣ меҷӯяд. Бидуни он ки иродаи инсонӣ дахил бошад ба он. Аммо бисёр вақт мо ин зебоиҳоро эҳтиёт намекунем ва қадрашро намедонем… Роббӣ ҳамин тавр, дар ҳоли хондани суруд буд ва Анор зери лаб бо ӯ ҳамовозӣ мекард. Дар ин ҳангом мошин аз канори сабзазоре давр зад ва аз шоҳроҳе ба тарафи рудхона равона шуд.

Дар тобистон маъмулан аҳли хонаводаи Исобеков ба ин ҷо меомаданд. Чун ҷои хилват ва оби рудхонаи он бисёр зулолу соф буд; дар ҳаде, ки сангу гиёҳҳои таҳи рудхона дида мешуд ва имкони ғуслу оббозӣ фароҳам буд. Кӯҳҳои сар ба фалак кашида бо виқор ва пурғурур дар канори ҳам қарор доштанд ва сангҳои азиме, ки аз ин кӯҳҳо ҷудо шуда буданд, диққати Анорро ҷалб мекард. Мехост рӯи онҳо савор шавад ва хушҳолӣ кунад. Шояд ба ҳамин хотир буд, ки Исобеков ин рудхонаро «Ороми ҷон» мехонд ва аз вақтгузаронӣ дар он ҷо бисёр хушҳол мешуд.

Хомӯшӣ ҳама ҷо ҳукмфармо буд. Анор дар канори сангҳои бузург садои худро бо садои Роббӣ ҳамнаво месохт ва гоҳ-гоҳе дар миёни сангҳо пинҳон мешуду садояшро баланд мекард. Суруд намехост Исобековро тарк гӯяд. Ту гӯӣ ҳама дунё дар баробари чашмонаш умри дуборае дарёфт кард. Боғ аз мева тиҳӣ шуда буд ва ҳамчунон ки дар канори рудхона қарор меистод, интизор дошт, ки дубора одамиён барои мевачинӣ ба ӯ рӯй оваранд ва боз фасли

тобистонро бо худ бубинад. Фасли гармо барои Исобеков аслан хушоянд набуд ва дар интизори абрҳои тираву тор ва боронрези поизӣ ба сар мебурд. Дар ин ҳол Анор аз канори девори боғ ба роҳ афтод. Исобеков фарёд баровард ва ӯро сӯи худ хонд:

- Оҳой, духтарам, куҷо меравӣ?

- Мехоҳам болои дарахт бароям…

- Баргард, ба ту ҳарфе дорам.

- Чӣ ҳарфе? Дар бораи ин овозхон?

- Оре!

- Ҳоло меоям…

Анор сӯи боғ хиромид. Исобеков боз дар фикр фурӯ рафт, ки мавзӯъро чӣ тавр ва чӣ гуна шурӯъ кунад ва ҳамин боиси ба ваҳшат афтоданаш шуд. Зеро он чӣ мехост ба ӯ бигӯяд ба назараш ӯ хеле бемаврид ва беҷо буд. Сафои чунин рӯзи поизӣ садои сурурангези сурудро имкон дорад, бишканад.

Дар ҳамин ҳол овози пурҳаяҷони Анор ба гӯши Исобеков омад. Ӯ такон хӯрд ва нигоҳ кард. Анорро пушти сари худ дид.

- Додоҷон, бубин чӣ пайдо кардам.

Духтарак бо шитоб омад ва дастҳоро даври гардани падар андохт ва дар оғӯшаш кашид ва он чиро, ки дар дасташ буд, нишонаш дод.

- Себ?! Аз куҷо пайдо кардӣ?

- Он ҷо, ин себ дар даруни баргҳо пинҳон шуда буд, аммо ман пайдош кардам. Аз сурхӣ мисли чароғ медурахшид. Фикр мекунам, ин охирин ва ширинтарин себ аст. Оҳ, чӣ бӯи хуше дорад! Мисли офтоб медурахшад.

- Оре, духтарам, хеле зебост… Дар чунин рӯзҳое себ пайдо кардан муъҷиза аст.- Ва афзуд: - Анор, оё ту медонӣ, ки ин нишонаи саодат аст?Ин себ тамоми фасли тобистон интизории туро мекашид, бо ҳамин далел аз чашми дигарон пинҳон шуда буд ва ту онро пайдо кардӣ ва касе, ки онро бихӯрад, хушбахт хоҳад шуд.

Исобеков бо дастмоле себро пок кард ва онро ба духтараш дод.

- Бигир, бихӯр.

- Додо, ту аз хусуси Роббӣ кай суҳбат мекунӣ?

- Баъд, ҳоло бирав сӯи боғ ва машғули бозӣ шав.

- Медонӣ, додо, ман болои ин дарахтон аз шох ба шохае ме-

гардам. Дарахтони себ бисёр бузург ва болобаланданд ва шохҳои ғафсе доранд, аммо зардолу дарахти зиштест, вай хори зиёде дорад.

- Ҳамин тавр ҳаст. Сайъ кун, болои дарахтони бехор биравӣ.

Баъд Исобеков хандае кард. Ногаҳон Анор пурсид:

- Ту ҳам себ пайдо кардаӣ?

Исобеков ба шунидани ин ҳарф, дастпоча шуд ва то муддате сокиту беҳаракат монд ва сипас гуфт:

- Оре, ту бирав машғули бозӣ шав, ман ин ҷо ҳастам.

Анор, дар даст себи сурх аз ӯ дур шуд. Дигарбора қиссаи себи қирмиз ба ёди Исобеков омад ва аз иттифоқ афтодани ин ду ҳодисаи шабеҳи ба ҳам ҳайратзада гардид. Зеро ӯ ҳам дар ҳамин боғ як замоне себи сурх пайдо карда буд. Оре, дар ҳамин ҷо, вале дар самти дигар. Ҳоло он ҷо, шохаҳои себ бар рӯи ҷода сар фуруд овардаанд. Пас аз ҷанг Исобеков ба манзури идомаи таҳсил ба донишгоҳи кишоварзӣ, ки акнун он ҷо худ устод аст, омад. Ҳо, тирамоҳ меомад. Ӯ ва ҳамсинфонашро ба лаблабуканӣ бурда буданд. Рӯзеро саргарми кор гузарониданд ва ба нони сиёҳ ва чой қаноат карда, шом бо шиками гурусна ва ҷисму рӯҳи хаста ба шаҳр баргаштанд. Сари роҳ ҳамагӣ ба боғи колхоз сар заданд. Меваҳои боғро қаблан чида буданд, аммо гоҳ-гоҳе дар миёни алафҳо себе пайдо мекарданду мехӯрданд ва ҳамагӣ хушҳол буданду талош доштанд, себи дигаре пайдо кунанду бихӯранд. Аз ин рӯ ба ҷустуҷӯ пардохтанд, вале мутаасифона дигар чизе пайдо нашуд. Исобеков он лаҳзаҳои фаромушношуданиро ба ёд меовард; оре, бо аҷала ба дунболи дӯстонаш мерафт, ки ногаҳон дар шохаи дарахте, чизе шурӯъ ба дурахшидан кард. Бединг дар ҳамон ҷо истод. Вале дигар чизе ба чашмаш нахӯрд. Фикр кард, ки як шуои назарфиребе буду бигзашт. Чанд қадам ба пеш рафт ва баъд ақиб гашт. Дар миёни дарахтони куҳансол давр мезад, ки ҳанӯз дорои баргҳои анбӯҳе буданд ва шуъои хуршед рӯи баргҳои пажмурда ва хушкашон нурафшонӣ мекард ва кофӣ буд, ҷарақаи як дона гугирд тамоми дарахтонро туъмаи оташ гардонад. Ногаҳон чашмаш ба себи сурхе афтод. Себ аз шохае ба тарафи замин овезон шуда буд. Исобеков чанд лаҳза ба ин манзараи шигифтангез нигоҳ кард, сипас оҳиста он гулулаи аҳмарии овезонро канд ва дил аз атрофиёни худ, ки ҳамагӣ чашм

бар он доштанд, рабуд. Мехост, ин себи пуроби гулобиро, ки бар асари шуои хуршед сурхфом шуда буд, пора кунад ва бихӯрад, вале дар охирин дақиқа аз раъйи худ гашт. Зеро ӯ мехост ин себро ба касе , ки дар интизораш ба сар мебарад, ҳадя кунад. Исобеков намедонист, ки ӯ чӣ касест, ки дар ин лаҳза ба ёди ӯст. Дар тасаври худ духтари зебои ноошноеро муҷассам кард, ки ҳатто исми ӯро намедонист. Пас аз каме фикр, хост себро дар ҷайбаш бигузорад, вале боз тардид кард. Намедонист бо он чӣ кунад. Саранҷом онро даруни ҷайби нимтанааш гузошт ва ба дунболи дӯстонаш давид. Онҳо дар канори ҷода дар интизори мошинҳои роҳгузар буданд.

- Бачаҳо! Ман себеро пайдо кардам, ки онро ба ҳеҷ кас нахоҳам дод, ба ҷуз як нафар…

- Ку бигӯ, он себ куҷост?

- Тамошо кунед, себро дар ин ҷо гузоштаам, марҳамат, дасте ба он бизанед.

- Баҳ, баҳ, чӣ қадар бузург аст! Гуфтӣ, ки онро фақат ба як нафар хоҳӣ дод? Ӯ кист? Кунҷковии Машир – як тан аз бачаҳо, ки ба пурсуҷӯ шавқ дошт, шурӯъ шуд. Исобеков ба тундӣ ба ӯ ҷавоб дод:

- Ба ту чӣ фарқе дорад?

Машир ба оромӣ досташро рӯи китфи ӯ гузошт ва лабханде зад:

- Ҳуқабозиро канор гузору себро аз ҷайби худ берун барор!

Исобеков ӯро канор зад ва тарафи дигар тела дод. Бачаҳо ҳамагӣ ханда сар доданд. Дар ҳамин ҳол мошине, ки аз он ҷо убур мекард, дар муқобили онҳо таваққуф кард ва ҳамаи бачаҳо савораш шуданд. Исобеков тасмим гирифта буд, ин себро ба он духтари ношинос, ки мудом ӯро дар китобхонаи шаҳр медид, ҳадя кунад. Ба ҳамин хотир фавран ба донишгоҳи кишоварзӣ рафт ва дар интизори ӯ нишаст, то духтаракро бубинад. Ин мулоқот вазъияти рӯҳии Исобековро дар ҳолати изтироб ва нигаронӣ нигоҳ дошта буд ва ҳар мавзуеро, ки мутолиа мекард, намефаҳмид. Ҳангоме ки духтарак дар остонаи дари вурудӣ зоҳир шуд, чанд лаҳза чашм дар чашми якдигар дӯхтанд. Исобеков аз хира шудан ба ӯ хиҷолат кашид ва духтар бо табассуме дарёфт, ки ӯ дасту по гум кардааст. Бидуни он ки ҳарфе бизанад ё вокунише аз худ нишон диҳад, бедиранг ба синф рафт ва рӯи курсии холие нишаст. ПортфелИи худро рӯи миз гузошт ва ба дунболи дархости китобе рафт.

Ӯ бо нигоҳаш духтарро таъқиб мекард ва сахт маҳви тамошои ӯ шуда буд. Дӯстонаш мехостанд ба масхара гиранд ӯро. Вай бо муштҳои гиреҳ карда қасди ҳамла ба онҳоро дошт, вале якбора ба худ мусаллат шуд ва ҳаракати онҳоро беарзиш дид. Исобеков фикр кард, ки ба ҷуз ӯ ҳеҷ кас аз ин духтар хушаш намеояд ва аз тарафе медид, ки духтар ҳам бо ҳаракати худ ва табассумҳое, ки гоҳе ба лабонаш нақш мебаст, нишон медод, ки нисбат ба ӯ бемайл нест. Вале Исобеков намехост ба ин зудӣ бо ӯ ошно шавад, зеро духтаракро беш аз ҳад зебо ва дилрабо мепиндошт, аммо худро рустоии соддаандеше тасавур мекард, ки чун ӯ садҳо нафар дар шаҳр буданд. Вай аз қиёфаи зоҳирии худ, ки як пироҳани низомӣ ба тан ва мӯза ба по дошт, (онҳоро ҳам бародари низомиаш ба ӯ ҳадя дода буд) аз худаш хиҷолат мекашид. Чӣ тавр бо ин сару вазъ бо духтарак тарҳи дӯстӣ бирезад ва бо ӯ ошно шавад? Ӯ дар ин андеша буд, ки кам-кам соати дарс ба поён расид ва мебоист китобҳоеро, ки аз китобхона гирифта буданд, боз мегардонданд. Аз ин рӯ барои он ки зудтар битавонад, китобҳои амонатиро бозпас диҳад, онҳоро ҷамъу ҷур кард ва пас аз бозпас додан ба берун рафт ва дар хиёбон дар интизори бозгашти духтарак истод. Духтар пайдо шуд ва роҳи манзилро пеш гирифт. Исобеков ҳам дар ин миён аз паи ӯ рафт. Ӯро то манзилаш, ки дар он сӯи китобхона қарор дошт ва хонае ба ранги хокистарӣ буд, бадрақа кард. Пас аз он, ки духтаракро ба манзилаш расонд, пиёда дар шаҳр давре зад. Дар байни роҳ ба порки шаҳр ва майдони рақс даромад. Он ҷо духтарон ва писарҳои ҷавонеро мушоҳида кард, ки даст дар дасти ҳам рақскунон ва пойкубон шодӣ ба по карда буданд ва бо ҳам зам-зама доштанду қаҳ-қаҳа сар медоданд. Як он худро дар канори маҳбубааш, дар рӯи саҳнаи рақс тасаввур кард; бо ӯ розу ниёз гуфт. Ин орзу ба қадре амиқ буд, ки Исобеков хаёлро воқеият мепиндошт ва мақсадро ба забон меовард:

-Оё медонед, ки ман фақат ба хотири шумо ба китобхона меоям?

- Медонам… Ман пай бурдаам, ки мудом маро интизоред.

- Тамоми рӯз ба ёди шумо ҳастам, дар ҳама ҳол, ҳатто дар синфхона ва ҳангоми дарси устодон… Дар ошпазхона, дар хобгоҳ, дар синамо ҳамеша ба фикри шумо ҳастам, агар инро медонистед ва мефаҳмидед, ки чӣ қадар дар бораатон фикр мекунам!

- Оҳ, ин хеле аҷиб аст! Ман ҳам баъзе вақт дар бораи шумо меандешам ва ба фикр фурӯ меравам… Пас чаро пеши ман намеоед, то бо ҳам гуфтугӯ кунем?

- Охир ман, ҳамин тавр ҳам роҳатам. Агар шумо соатҳо дар китобхона бошед, ман дар он ҷо менишинам ва дида аз шумо барнамедорам.

- Агар дигарон ба ман нигоҳ кунанд, шумо нороҳат намешавед?

- Ман бо чунин ҳаракате мухолифам, вале дар ҳар сурат, шуморо хеле дӯст дорам. Зимнан медонам, ки шумо ба касе дил набастаед.

- Мутмаин ҳастед?

- Бале.

- Охир, шумо, ки дар бораи ман ҳеҷ чиз намедонед, пас чаро ин тавр қазоват мекунед?

- Ба шумо эътиқод дорам, бо шумо ошноям ва ба бӯи мӯи шумо ва хандаҳоятон ошноям. Ҳарчанд, ҳеҷ гоҳ садои шуморо нашунидаам… Вале дар чашмони шумо наҷобату зебоии хосе мебинам ва шуморо дӯшизаи оқила мепиндорам.

- Оҳ, дар бораи ман хеле иғроқ мекунед! Фикр мекунед, ҳамаи инҳо, ки гуфтед ҳақиқат дорад?

- Оре, ин воқеият аст.

Исобеков як лаҳза ба худ омад. Ҳамааш хобу хаёл буд. Ин орзуҳоро ӯ дар сар мепарварид.

Вақте ба хобгоҳ баргашт, шом фаро мерасид. Себро фавран дар канор гузошт ва барои шустани сару рӯяш ва тамиз кардани мӯзаҳояш худро омода сохт. Мехост ба китобхона биравад, аммо дар роҳрав нигоҳе ба соати деворӣ андохт ва мутаваҷеҳ шуд, ки ҳоло вақти рафтан нест, дер шудааст. Ба утоқ баргашт. Он ҷо ҳама ба хоб рафта буданд, вале ӯ танҳои танҳо дар торикии шаб ба худ мепечиду ба худ ҳарф мезад ва дар ин фикр буд, ки фардо ин себи гулобии эъҷозангезро чӣ тавр ба ӯ ҳадя диҳад? Ҳадоёи ӯро оё ӯ хоҳад пазируфт ё на? Дар ҳамин фикр буд, ки хобаш бурд ва хоб дид, ки ҳамсабақаш Машид себи сурхро хӯрдан дорад. Исобекови хоболуд ба сӯи ӯ ҳамла кард, аммо ӯро ғарқи хоби роҳат дид ва дигарон низ хоб рафта буданд. Бе даранг ба тарафи тоқча рафт ва онро боз кард. Дар торикии шаб себро бо даст чанд бор ламс кард,

то дилаш ором гирад. Сипас ба ҷои худ рафт ва хобид. Саҳар бачаҳо пас аз бедорӣ аз хоб тирезаро боз карданд ва аз бӯи атрогини себ, ки фазоро пур карда буд, ба ваҷд омаданд:

- Баҳ, баҳ чӣ себе пайдо кардӣ! Аҷаб бӯи масткунандае дорад! Беҳтар аст, ҳарчӣ зудтар онро бибарӣ ва ба ҳар касе, ки дӯсташ медорӣ, тақдим кунӣ. Зеро ин Машир аз ҳеҷ чизи хубе дил намеканад ва мумкин аст онро дар остин андозад.

- Ман дирӯз хостам, Маширро гӯшмол диҳам, шумоҳо иҷоза надодед. Аммо фикр намекунам, ки ӯ ният дошта бошад, ки себи маро бардорад. -Исобеков пас аз ироаи ин ҷумлаҳо бо дӯстонаш равонаи синфхона шуд. Устод дарсро шурӯъ кард ва ҳама гӯшу ҳуш шуда, ӯро мешуниданд, ба ғайр аз Исобеков. Ӯ аслан чизеро намефаҳмид. Ногаҳон ба атроф нигоҳе кард ва дид, ки Машир дар синф нест. Бо нигаронӣ аз ҷои худ бархост ва дарси устоди зистшиносиро қатъ кард:

- Ҷаноби профессор, бубахшед, ман бояд фавран ба ҷое биравам!

Профессор бо тааҷҷуби хосе пурсид:

- Чӣ шуд!? Чаро шумо парешонед?

- Ҳоло наметавонам бароятон бигӯям. Аммо иҷоза диҳед, ман биравам.

Исобеков бо аҷала худро аз синф ба хобгоҳ расонд ва бо муштҳои гиреҳкарда вориди утоқ шуд, вале Маширро онҷо надид. Ҳаросон дари ҷевонро боз кард. Себ дар ҷояш буд. Ӯ сахт хиҷолат кашид ва дубора ғарқи хушҳолӣ шуда, худ ба худ гуфт:

- Пас, Машир ҳамин тавр, бо ягон сабабе аз ҳузур дар дарси зистшиносӣ худдорӣ кардааст.- Нафасзанон болои тахти хоб нишаст ва оҳ кашид,- Машир, маро бубахш! Дар бораи ту бадгумонӣ кардам, аз ин ба баъд ҳаргиз такрор нахоҳад шуд.

Наздикии аср буд, ки Исобеков себро дар рӯзнома печонду зери бағал зад ва равонаи китобхона шуд. Ӯ тибқи одати ҳамешагӣ рӯ ба рӯи дари вурудӣ барои худ ҷоеро интихоб кард ва китобу дафтарро рӯи мизи мутолиа гузошта, дар ҳолати интизор чашм ба дар дӯхт. Атрофиёнаш ҳамагӣ саргарми мутолиа буданд. Вақте аз мутолиа хаста мешуданд, берун мерафтанд ва сигоре дуд мекарданду боз бармегаштанд. Аммо Исобеков ҳамчунон чашм ба роҳ дошт ва се-

бро, ки дар рӯзнома печонда буд, зери миз , рӯи зонуҳояш гузошта ҷимму дам шиштан гирифт.

Якуним соат ҳамин минвол сипарӣ шуд. Ҳаво кам-кам рӯ ба торикӣ ниҳод, вале аз ӯ хабаре нест. Ду-се соат гузашт. Нопайдост касе, ки мунтазираш буд. Исобеков худро тасаллӣ дод: ана, дам ба дам меояд. На!. Имрӯз ҳам аз ӯ хабаре нашуд, ки нашуд. Бо ноумедӣ ба сӯи хобгоҳ рафт. Рӯзи дигар фаро расид. Тибқи маъмул, ба донишгоҳ рафт ва пои сӯҳбат нишаст. Пас аз поёни дарс, то шом дар интизорӣ ба сар бурд ва себ дар ҷайб, гардишкунон ба сӯи китобхона омад. Вақте ба онҷо расид, ба умеди дидор бо ёри гумкардааш дар каноре нишаст, чашм ба роҳ монд. Билохира интизорӣ сар омад ва духтаракро дар остонаи дари вурудӣ пайдо намуд. Бо дидани ӯ тапиши қалбаш сахт шиддат гирифт. Духтар монанди ҳамеша табассуме кард ва аз канораш рад шуд. Ин дафъа бахт ба рӯяш хандид: Ба назараш омад, ки дасти ӯро гирифтаасту ба ҷои хилвате ҳарду раҳсипоранд. Дар ҳамин ҳол духтар курсиеро интихоб кард ва сумкаашро рӯи он гузошта дунболи гирифтани китобҳояш рафт.

Исобеков масруру хушҳол, дар ҳоле, ки изтиробу шӯру шааб саропои вуҷудашро фаро гирифта буд, себи сурхро бо дастони ларзон дар даст дошт ва пушти миз нишаст. Духтарак бо як бағал китоб баргашт ва мисли ҳамеша бидуни он, ки ба касе таваҷуҳе кунад ва ба чизе назар бияфканад, дар ҷояш нишаста машғули мутолиа шуд. Исобеков дар интизори лаҳзае буд, ки кори духтар тамом шавад. Аз гузашти замон, ки ба кундӣ пеш мерафт, сахт эҳсоси дилтангӣ мекард ва аз ин, ки ҳама орзуҳояш акнун ҷомаи амал мепӯшанд, хушҳолии амиқеро дар вуҷудаш эҳсос намуда, пинҳонӣ аз паҳлӯ ба рухи поку беолоиш ва гандумгуни ӯ, ба муҳои анбӯҳу зебо ва латифу ороишнамуда ва низ ба абрӯвони хамидаву баландаш, ки соябони чашмони ғизолгунааш буданд ва ҳамчунон ба дастони нарму зариф ва чобукаш нигоҳ мекард. Чунин ба назараш омад, ки духтар бо лабханде, ки дар чеҳра дошт, мехоҳад бигӯяд: «- Эй ҷавони содда!»

Нафаси Исобеков аз ин дидори биҳиштие, ки насибаш шуда буд, гӯё дар гулу ях баст. Ба худ меандешид, ки ҳама чизро барои ин бону таъриф хоҳад кард ва хоҳад гуфт, ки чӣ тавр ҳамеша бо

ёди ӯ будааст; ҳатто ҳангоми хӯрдани ин себи сурх.

Акнун чароғҳои хиёбон равшан шуда буданд ва мутолиакунандагон ором-ором аз китобхона берун меомаданд, вале духтар ҳанӯз нишаста буд ва Исобековро дар интизор нигоҳ медошт. Саранҷом пас аз муддате интизорӣ сар омад ва духтар аз он ҷо хориҷ шуд. Исобеков ба суръат даст ба сумка бурд ва себро бардошту ба хиёбони наздик омад. Дар он ҷо истода худ ба худ завқид. Садои фуруд омадани кафшҳои ӯ, ки рӯи зинаҳо мерехт, ба гӯшаш расид ва дар партави заифи чароғ, дар ҳоле ки болопӯши кӯтоҳ ва нарму зебое ба тан дошт, зоҳир шуд. Исобеков ҳамчунон, ки себи сурхро ба синааш мефишурд, худро омода сохт, ки қадаме ба тарафи ӯ ба пеш гузорад, аммо духтар бо виқору ғурури хосе бо оромӣ аз канораш гузашт. Дар ин ҳин, ки саропои вуҷуди Исобековро ҳаяҷони сахт фаро гирифта буд, бо овози ларзон гуфт:

- Хонум!

- Бале.- Духтар,- истод ва ба тарафи ӯ рӯ овард,- Бо ман коре доштед?

Исобеков пас аз чанд лаҳза ба худ омад:

- Ман… барои … шумо… себе овардаам…

-Себ? Шумо фикр мекунед, ки ман аслан себ нахӯрдаам?!

- На, хонум, медонед… охир… ман… ин себро аз ҷое… пайдо кардам…

- Ба ман чӣ марбут аст? Аслан, шумо бо ман чӣ кор доред?! Чаро вақти маро мегиред?

Духтар бо асабоният ба самти дигаре рафт. Ӯ аз себи сурхе, ки бояд насибаш мешуд, рӯ тофт. Ҷавон бо ҳолати бад, бо яъсу ноумедӣ аз пушти сари духтар нигоҳи ҳасратолуд андохт ва аз ончӣ миёнашон гузашта буд, дар ҳайрат афтод. Ҳамаи он рӯъёҳое, ки ин себи сурх барояш дуруст карда буд, дар як чашм задан барбод рафт.

Исобеков дар ҳоле, ки орзуҳояшро барбодрафта медид, себро бо қудрати тамом ба сӯе партоб кард ва бо дасти тиҳӣ равони хона гардид.

Сукути шабона ҳама ҷоро фаро гирифта буд ва фақат гоҳ-гоҳе мошине убур мекард ва ин сукутро мешикаст. Ӯ бо духтарони зиёде метавонист саодати ошноӣ дошта бошад. Аммо намехост ин себи

хушбӯро ба каси дигар ҳадя кунад. Аслан, онҳо ҳам ба ӯ майле надоштанд. Танҳо зане буда бо номи Собира, ки ҳама умр аз ӯ дархости себи сурх мекард.

Исобеков акнун дар фасли хазон, ки ҳама ҷоро баргҳои зарандуд пӯшонида буд, сукут варзида фикр мекард. Шомгоҳон ӯ бо духтараш Анор ба хона баргашт. Чароғҳои шаҳр, ба атроф нур мепошиданд ва мошин аз ҷодае, ки бо баргҳои зардфом пӯшида шуда буд, ором-ором пеш мерафт. Исобеков сигоре равшан кард ва себи сурхро дар дасти Анор дид.

- Азизам, чаро онро нахурдӣ?- пурсид аз ӯ.

- На, ман инро намехӯрам… чун… мехоҳам… ба модарам бидиҳам- посух дод Анор.

- Ба модарат?! Офарин! Азизакам! Ба модарат бибар…

Аз он лаҳза ба баъд дигар ҳеҷ ҳарфе байни онҳо радду бадал нашуд ва Исобеков акнун танҳо дар бораи духтараш Анор фикр мекард. Гӯиё Анор ҳама чизро фаҳмидааст. Бигзор ӯ ҳамин тавр, дӯшизаи оқилу фаҳим боқӣ бимонад ва ҳеҷ вақт себи сурхро ба каси дигаре надиҳад…

Номаи Исобеков ҳамчунон нотамом боқӣ монд.

* * *

Субҳи рӯзи дигар, ҳангоме ки Анор аз хоб бархост, рӯи мизи падар барқияе дид, ки дар он навишта шуда буд: «Собира, мо ба назди ту хоҳем омад» ва духтараш қаламро бардошт ва чанд калимаи хоно рӯи он афзуд: «модар, ба истиқболамон биё. Мо бароят себи сурх хоҳем бурд».

***Аз русӣ тарҷумаи***
***Мирзо ШУКУРЗОДА***




Ба маҷаллаи
«Наврӯста»
обуна шавед!